**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН**
**БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ**

*Ба ҳукми дастнавис*

**ТДУ 372.8:802.(575.3)**
**ТКБ 74.261.7АНГЛ**
**М-13**

**МАВЛОНОВА ИНТИЗОР ТОҶИДДИНОВНА**

# ТАШАККУЛЁБИИ ҚОБИЛИЯТИ КОММУНИКАТИВӢ -НУТҚИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР РАВАНДИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ ПЕДАГОГӢ (ДАР АСОСИ МАВОДИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ)

## ДИССЕРТАТСИЯ

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси**
**13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ**
**(илмҳои педагогӣ)**

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои педагогӣ, профессор**
**Авғонов Самариддин Саидович**
**Мушовири илмӣ:**
**доктори илмҳои педагогӣ, профессор**
**Маҷидова Бибиҳафиза**

**ДУШАНБЕ- 2022**

МУНДАРИҶА

**Саҳ**

**МУҚАДДИМА**……………………………………………………………………3

**ТАВСИФИ УМУМИИ ДИССЕРТАТСИЯ**………………………………….10

**БОБИ ЯКУМ. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ ИНКИШОФИ ҚОБИЛИЯТИ КОММУНИКАТИВИЮ НУТҚИИ ДОНИШҶӮЁН**………..........................................................................................23

1.1. Аҳамияти назариявии нуктаҳои фалсафӣ ва педагогӣ дар инкишофи қобилияти коммуникативию нутқӣ……………………………………..….23

1.2. Омилҳо ва муайянкунандаҳои (детерменантҳо) психологию педагогии инкишофи қобилиятҳои комуникативӣ ва нутқии донишҷӯён…………...36

1.3. Таҳлили ҳолати омӯзиши забони англисӣ дар заминаи забони тоҷикӣ аз рӯи барномаҳои омӯзишӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон……………………………………………………......49

***Хулосаи боби аввал***……………………………………………………........68

**БОБИ ДУЮМ. ТАШАККУЛИ ҚОБИЛИЯТИ КОММУНИКАТИВИЮ НУТҚӢ ДАР ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ (САНҶИШИ ОЗМОИШӢ)**.........................................................................................................70

2.1. Муҳтавои баҳампайвастаи таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон…………………….……………….70

2.2. Таъминоти технологии омӯзиши забони англисӣ дар заминаи забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ – педагогии Тоҷикистон...............................................................................................101

2.3. Самаранокии муҳтаво ва низоми технологияи педагогии ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён…….…………………118

***Хулосаи боби дуюм***…………………………………………………….....149

**ХУЛОСАИ УМУМӢ** …………………………………………………….152

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА**…………………………158

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.** Шароити муосири сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ вобаста ба он воқеияти амалӣ, ки дар минтақа дар сатҳи геополитикӣ ва сиёсати минтақавӣ ба амал омадааст, зарурати ҷустуҷӯи равишҳои нави таълими омӯзгоронро дар раванди таълими касбӣ муайян мекунад. Муҳимтарин аз хусусиятҳои инкишофи раванди таълим дар зери таъсири дигаргуниҳои васеътари иҷтимоию фарҳангӣ, ки на танҳо зарурати иҷтимоии ташкили кори мақсаднок оид ба ташаккули тайёрии касбии кадрҳои педагогӣ ва баланд бардоштани сатхи фарҳангии онҳо тамоюли нави тараққиёт мебошад, балки дар баробари донишу малакаи ҳалли вазифаҳои стандартии касбӣ, афзалият бо рақобатпазирӣ, дарки зуди мушкилот, ҳисси масъулият ва эҷодкорӣ, қобилияти мутобиқ шудан дар муҳити гуногунфарҳангӣ, рушди малакаҳои ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозӣ, хоҳиши пайваста такмил додани касбу кори худ тақозо мекунад ва ҳамаи ин ба вазифаҳои аввалиндараҷаи педагог табдил меёбанд.

Дар ҳамин асно ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯёни макотиби олӣ дар раванди таҳсилоти олии касбӣ, хусусан дар асоси омӯзиши забонҳо ба яке аз равандҳои мубрами таълим табдил меёбад. Ба ибораи дигар низоми тайёр намудани кадрҳои педагогии муосир бояд бо дарназардошти доираи пурраи сифатҳое амалӣ гардад, ки онҳо бо истилоҳи «салоҳияти касбии омӯзгори муосир» хос бошанд ва аз шароити воқеии замона бар меоянд, ки донишҷӯёну кадрҳои ояндаи баландихтисоси донандаи забони англисӣ аз ҳамин минвол ба ҳисоб меравaнд. Бинобар ин дар шароити дигаргуниҳои ба амаломадаи иҷтимоиву иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати муайян намудани мазмуни равандҳои инкишофи қобилиятҳои зеҳнӣ, махсусан таҳлили равандҳои инкишофи алоқаҳо, ки аз шароити ҳозираи иҷтимоию иктисодӣ ба миён омада, онро афзалияти муҳим медиҳанд.

Ҷорӣ намудани муносибати салоҳиятнокро бо мақсади таъмини сифати таълими донишҷӯёни бархурдор буда аз қобилиятҳои

коммуникативӣ-нутқӣ дар асоси маводи омӯзиши забони англисӣ ва тавассути ташаккули салоҳиятҳои ин қабил донишҷӯён талаб менамояд, ки хатмкунандаи оянда бо чунин қобилиятҳо мусаллаҳ гашта, мустақилона дар фаъолияти касбии худ дар оянда онро татбиқ намояд. Ҳамин аст, ки гузаштан ба рушди равишҳои нави соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати муайян намудани мазмуну мундаричаи таълим, махсусан таҳлили инкишофи забономӯзӣ дар марҳилаҳои гуногун дар шароити иҷтимоию иқтисодии имрӯза ба яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа табдил ёфтааст. Зарурияти иҷрои ин вазифаро Пешвои миллат, асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид намудаанд: [136;62].

Муошират дар фаъолияти мутақобилаи педагогӣ аз муаллими муосир салоҳиятҳои муайянеро тақозо мекунад, аз қабили; ташаббускорӣ ва нигоҳ доштани алоқаи пайваста ва интизоми мусбӣ, фароҳам овардани фазои ошкоро ва эҳтироми ҳамдигар, ҳавасмандкунӣ ва ташвиқи ҳамаи донишҷӯён барои иштироки инфиродӣ дар ҳамкорӣ бо дигарон, ҳалли низоъҳо бидуни роҳи зӯроварӣ, барқарор кардани муносибатҳои устувори мусбӣ ва ғайридепрессивӣ дар муҳити дастгирии таълимӣ ва ғ. Аз ин рӯ, ба ақидаи мо алоқаҳо пайваста ва муошират дар соҳаи педагогика бо як қатор хусусиятҳое рӯ ба рӯ мегардад, ки мазмуни салоҳияту қобилиятҳои коммуникативӣ-нутқии омӯзгорони донандаи забони англисиро муайян мекунанд:

Аввалан, салоҳияти коммуникативӣ-нутқӣ ҳамчун таълими бисёрҷониба муайян карда мешавад, ки ташаккули навъҳои гуногуни чунин салоҳиятҳои нутқ ва системаи малакаҳои коммуникативӣ барои бомуваффақияти таълим ва фаъолияти нутқ заруранд ва ин мувофиқи нуктаҳои таълимии Стандарти давлатии таҳсилот мебошад. Аз ин рӯ барои инкишофи маҳорати коммуникативӣ ва нутқӣ дар шароити муосир ва ҳаёти ҳаррӯза дар баҳодиҳии объективии вазъияти педагогӣ ба ғояи ташаккули тарбияи кадрҳои педагогии нави дорои тафаккури эҷодии

навоварона, мутахассисони дорои тахассуси баланди касбӣ бо ҷаҳонбинии васеи фарҳангӣ, ахлоқи ҳамида ва муносибати бомасъулият дар ҷаҳоншиносӣ диққати махсус дода мешавад, ки омӯзиши он ҳамчун як раванди актуалӣ барои чандин солҳои дигар мемонад;

Сониян, худи омӯзгори оянда низ нисбат ба дигар мутахассисон бояд нисбат ба қобилиятҳои комуникативии хеш ва нутқи худ сахтгиртар ва танқидтару интиқодпазир бошад, зеро рафтори қобиляту маҳоратҳои коммуникативӣ-нутқӣ барои тарбиягирандагон ва толибилмон намунаи муътабар буда, ба ташаккули шахсияти кӯдакону наврасон ва характери аксуламалҳои онҳо дар ҳолатхои гуногун таъсир мерасонад. Бо дар назардошти нуқоти муҳими Паёми ҳаминсолаи Пешвои миллат ба сатҳи қобилиятҳои инноватсионии шахс рақобатпазирии онҳо диққат дода барои ҷомеаи мо мутахассисони ҳама гуна соҳа ва дар маҷмӯъ давлату миллатро бо он муайян кардан мумкин аст [136;62], ки барои омӯзишашон сари вақтӣ даст задан зарур аст;

Сеюм, салоҳияту қобилияти коммуникативӣ-нутқии омузгорони забони англисӣ ва ё омӯзгорони дигари донандаи забонҳои хориҷӣ бояд дорои хусусиятҳое бошад, ки аз як тараф, барои иҷрои вазифаҳои касбии педагогӣ – таълиму тарбия ва аз тарафи дигар – сифатҳои муҳими иҷтимоӣ (педагогӣ) шахсӣ, ки мувофиқ ба ташаккули фарҳангиву муоширатии байналмиллалӣ мувофиқат кунанд. Омӯзиши ташаккули маҳорати коммуникативӣ-нутқӣ имкон медихад, ки масъалахои педагогиро дар таълиму тарбия босифат ва бомуваффакият ҳал намоем ва ҷузъи иҷтимоӣ-шахсӣ (ки сифатҳои шахсии аз ҷиҳати касбӣ аҳамиятнок, умумии фарҳангӣ, маънавию ахлоқӣ), ки тамоми низоми муносибатҳои омӯзгорро бо ҷомеаи педагогии ҷаҳони муосир ва кишварҳои дигари ҷаҳон дошта бошад илман асоснок кардан мубрамияти худро дучанд зиёд мекунад.

Чорум, бинобар қобилияту маҳорати коммуникативӣ-нутқӣ мувофиқи меъёрҳои забонӣ ва лафзӣ, рафъи камбудиҳои муоширатӣ ва

ғайра мувофиқ ба салоҳияти омӯзгори оянда будан, бояд восита ва усулҳои пурраи (самаранок, созанда) фаъолияти коммуникативӣро дар низоми муосири таълими макотиби олӣ инъикос ёбанд. Татбиқи чунин имкониятҳо дар ташаккули фарҳанги муошироти донишҷӯён бо дарки равишҳои истеҳсолӣ ва ақидаҳои дар илми ватанӣ ва хориҷӣ ҷамъшуда, таҷассуми амалияи воқеии таҳсилоти касбӣ нисбат ба шахс вобаста аст, ки муҳимтарин арзиш ба ҳисоб меравaнд. Дар шароити муосир Ҷумҳурии Тоҷикистон иқдомоти ҳадафмандона имкониятҳои истифодаи амалӣ ва коркарди методикаи муосири таълим, эҷод ва такмили маводи таълимӣ, аз ҷумла низоми мултимедӣ дар якҷоягӣ бо равишҳои худомӯзӣ бо дарназардошти ҳадафҳои инфиродии онҳоро ба таври назаррас фароҳам намудааст;

Панҷум, бояд қайд кард, ки барномаҳои давлатӣ ва қарорҳои қабулнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани сифати таҳсилот ва такмили таълими забони англисӣ, асосан ба ташаккули шахсияти ҳамаҷониба рушдёфта ва донандаи забони англисӣ нигаронида шудааст. Ҳамчун як нуқтаи ибтидоӣ барои андеша дар бораи раванди омодасозии омӯзгорони оянда ба миёнаравӣ дар раванди таълим, дар асоси ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ -нутқии донишҷӯён дар раванди таҳсилот яке аз омилҳои асосӣ мегардад, ки аз ин рӯ таҳлили таҷрибавии он мавзӯъи омӯзиши саривақтӣ мемонад.

Аҳамияти таҳқиқоти диссертатсионии мавзӯъи мазкур дар марҳилаи кунунӣ, махсусан, аз ин лиҳоз назаррас мегардад, ки робитаҳои байналмилалӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва бозаргонӣ миёни давлатҳо густариш меёбанд.

**Дараҷаи коркарди мавзӯи таҳқиқот.** Таҳлили адабиёти илмию методӣ нишон медиҳад, ки бисьёр мутахассисони ватанию хориҷӣ роҳҳои дар раванди таълим дар мактаби олӣ ҷорӣ намудан ва ташаккулу ҳаматарафа сайқал додани қобилияту маҳорати коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён (дар асоси маводи таълимии забони англисӣ) – ро мавриди тадқиқ қарор

дода, такмил додани усулхои таълими кадрҳои педагогии оянда, аз он ҷумла дар доираи омӯзиши забони англисӣ ва ба воситаи он тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси педагогиро чустучӯ мекарданд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки натиҷаҳои таҳқиқоти соҳаи фалсафа, педагогика, психология, забоншиносии коммуникативӣ, методикаи таълими забони хориҷӣ, аз чумла: ташаккули маданияти умумии шахсият ва педагоги оянда дар корҳои фундаменталии В. С. Давидович, Н.Ф. Тализина, Ю.К. Бабанский, Н.М. Боритко ва ғ. дида мешавад, ки барои кори мо аҳамияти амалӣ доранд. Ба ғайри онҳо шаклҳои инкишофу ташаккули қобилияти комуникативӣ-нутқии шахсият, ки дар тадқиқотҳои Л.И. Божович ва Т.С. Панин, ки ба методҳои замонавии фаъолсозии таълим ва Е.Н. Пассов, ки диққати махсус ба методи коммуникативии таълими забонҳои хориҷӣ ва С.В. Росляков, ки мисли Б.Г. Ананиев ба рушди фаъолияти маърифатии маданияти забон ва нақши муошират ва ҳамкории педагогӣ дар ташаккули маҳорати касбии мутахассиси оянда диққат додаанд. Ба гайр онҳо Т.В. Рябов хусусиятҳои забонӣ ва психолингвистии ҷараёни муошират дар асосҳои назарияи муошират, ки бештар ба фаъолияти махсус ташкилшудаи шахсият ва инкишофи он дар раванди фаъолият, мувофиқи назарияҳои педагоги бузург Л.С. Выготский кор карда баромаданд. Дар қатори ин корҳо боз тадқиқотҳои И.Н. Горелов, Е.И. Пасов, ва ғ. номбурдан мумкин аст.

Баъзе аз ҷанбаҳои масъалаи мазкурро дар таҳқиқотҳои илмии як идда олимони соҳаи педагогика М. Лутфуллоев «Дидактикаи муосир», Шарифзода Ф. «Педагогикаи умумӣ ва касбӣ», дар заминаи таҳлили афкор ва таҷрибаи таълиму тарбия дар педагогикаи халқи тоҷик таҳқиқ шудааст, ки онҳо низ хеле арзишманд буда, барои коркарди мавзӯъи мо аҳамияти хеле бузурги методӣ ва амалӣ доштанд.

Асарҳои пажӯҳишгарони ватанӣ, аз ҷумла, С.Н. Алиев, П. Ҷамшедов, А. Байдуллоев, С. Авғонов, С.С. Ҷоматов, А. Мамадназаров ва дигарон низ сарфи назар нашудаанд ҳам, ба ҳамин масъала бахшида шудаанд.

Барои коркарди масоили дар рисолаи илмӣ баррасишаванда таҳқиқоти олимон-методистҳо Н.М. Яковлева, И.Ю. Шемелева, А.С. Чибаков, Е.Р. Трубина, С.Б. Ступина, В.Л. Скаткин, В.А. Скакун, Т.В. Светенко, В.Ф. Сахаров, В.Х. Солибоев, Н.В. Клюева ва дигарон нақши муҳим доранд ва онҳо мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор дода шудаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзӯҳои илмӣ.** Таҳқиқоти нави диссертатсионӣ барои амалӣ намудан ва татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии факултети методикаи забонҳои хориҷии ДДОТ дар мавзӯи "Роҳҳу усулҳои ташаккули қобилияту малакаҳои коммуникативӣ ва нутқии дар робита бо самаранок истифода бурдан аз корҳои мустақилонаву амалии донишҷӯён дар макотиби олӣ" ва талаботи асосии нақшаҳои стратегӣ аз қабили Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 ноябри соли 2020, № 647) ва барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020 иҷро шудааст.

Талаботи афзоишёбанда нисбат ба ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ имконият медиҳад ҳангоми пажӯҳиши мазкур имконияти **чунин ихтилофот** барҳам дода шавад:

- талаботи объективии ҷомеа ба мутахассисони шомили дараҷаи баланди ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён ва таваҷҷӯҳи нокифояи назария ва амалияи макотиби олӣ ба ин масъала;
- зарурати инкишоф ва худинкишофи дараҷаи ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён ва самаранок истифода нагардидани технологияҳои педагогии муосир, дар ин раванд;
- ихтилофоти байни талабот ба омӯзгорони салоҳиятманди забонҳои хориҷӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва миёнаи умумии кишвар ва баҳисобгирии нокифояи вижагии омодасозии муаллимони чунин ихтисос;

•ихтилофоти байни афзоиши аҳамияти иҷтимоии арзишмандии рушди фарҳангии омӯзгори муосир ва коркарди нокифояи назариявӣ ва амалиявии масъалаи ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии омӯзгорони оянда дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар.

Коркарди номукаммали масоили ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён, масоил ва мушкилоти таълим оиди ташаккули маҳорати коммуникативӣ-нутқии донишҷуён дар асоси маводи таълимии омӯзиши забони англисӣ ва тайёр намудани кадрҳои баладихтисоси педагогӣ дар ин ҷанба дар муассисаҳои таҳсилотии олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ин чунин мавҷуд набудани таҳқиқоти махсус оид ба такмили мазмун, шакл ва методҳои тайёр кардани омӯзгорониояндаи забони англисӣ боиси интихоби мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ гардиданд.

Ҳамин тариқ, масоили мавриди назар омили таҳқиқоти диссертатсионии мазкур зери унвони «Ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таҳсилоти олии касбии педагогӣ (дар асоси маводи омӯзиши забони англисӣ)» гардид.

**Сарчашмаи маълумоти таҳқиқотро** таҳқиқотҳои бунёдӣ ва амалии педагогҳо, психологҳо ва файласуфони хориҷӣ оид ба таҳсилот ва нақши пешбари таълим дар рушди шахсият: Н.Г. Дайри, Т.П. Кесслер, адабиётҳои муосири илмии педагогӣ: Ю.К. Бабанский, В.А. Сластенин, Т.Л. Стенина, М.В. Емелянова, Е. Ф. Сивашинская, И.П. Подласий, И.А. Зимняя, Н.В. Микляев, О.С. Виноградова, Н.А. Константинов, Г.К. Селевко, А.М. Новиков, В.В. Краевский, В.И. Андреев, В.П. Беспалко, М.А. Волков, В.С. Зайтсев, Т.П. Илевич, В.А. Капранова ва дигарон; таҳқиқотҳои педагогии олимони тоҷик: С.С. Авғонов, С.Н. Алиев, С.Я.Балхова, С.Г.Бандаев, Л.М.Иматова, П. Ҷамшедов, Х. Раҳимов, А.Нуров, Х.Ғ. Сайфуллоев, З.Х. Сайфуллоева, С.С.Ҷоматов, А. Мамадназаров, Утаев М.М., Эмомов И.Б., Қаршиева Г.Г., Қаюмов А. Ҷ., Алиева Г.Г. ва дигарон: Асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон; санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таҳсилот, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, Барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020 ва ғайра ташкил намудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Мақсади таҳқиқот:** аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ асоснок кардан ва дар таҷриба санҷидани роҳҳу усулҳои ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Вазифаҳои таҳқиқот:** Вобаста ба ҳадафи гузошташуда ва бо дарназардошти объекту фарзияи таҳқиқот иҷрои вазифаҳои зерин матраҳ гардиданд:

- дар асоси таҳлили назариявию методологии масъала таҳлили илмии адабиёти ватанию хориҷӣ оид ба проблемаҳои услубҳо, салоҳиятҳо ва қобилиятҳои коммуникативию нутқӣ, ташкили услубии ташаккули шахсияти педагоги оянда;

- муайян намудани робитаҳои байниҳамдигарии инкишофи шахсият, ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён ва инъикоси илмии мавзӯъ дар таҳқиқоти фалсафӣ ва психологию педагогӣ.

- бозёфту коркарди модели консептуалии маҳоратҳои коммуникативӣ-нутқӣ дар ташкили услубии таълим дар раванди омӯзиши забони англисӣ дар макотиби олӣ ва ҳамкории байнишахсии донишҷӯёну омӯзгорон;

- дарки моҳият ва мазмуни қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён ва шароити ташаккули он дар раванди омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ тартиб додани

- сатҳи эмпирикӣ-диагностикии таҳқиқи зуҳуроти хусусиятҳои инфиродию психологии маҳорати коммуникативӣ- нутқии донишҷӯёни бахши омӯзиши забони англисӣ;

- омӯзиши намудхои маҳорати коммуникативии нутқро аз рӯи маводи дискурси забони англисӣ, баҳс ва муносибат бо намудҳои гуногуни алоқаҳои байнишахсии донишҷӯён, ҳолат ва хусусиятҳои шахсии онҳо;

- нишондиҳандаҳои психолингвистии навъҳои гуногуни услубҳои коммуникативии муносибатҳои байнишахсии донишҷӯён ва самтҳои эҳтимолии рушди ин услубҳо ва таҳияи консепсияи ташаккули қобилияти коммуникативию нутқӣ дар шароити омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои олӣ.

**Объекти таҳқиқот:** омӯзиши шароити педагогӣ ва технологияи таълим, аз он ҷумла забони англисӣ барои ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ.

**Мавзӯи таҳқиқот:** ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён дар раванди таҳсилоти олии касбии педагогӣ.

**Фарзияи таҳқиқот:** ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён бештар самаранок ва пурмаҳсул хоҳад шуд, агар:

- омӯзгорон технологияҳои муосири пешқадами таълимиро истифода намоянд;

- ҳангоми омӯзиши забони хориҷӣ (англисӣ) аз технологияҳои муосири компютерӣ истифода шавад;

- меъёр ва дараҷаҳои ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони англисӣ муайян карда шаванд;

- шароити педагогии натиҷагирӣ аз ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ ошкор, тасниф ва дар таҷриба санҷида шаванд;

- ҳангоми таълимӣ забони англисӣ робитаҳои байнифаннии забони англисӣ бо забони тоҷикӣ ба инобат гирифта шавад.

**Асоси методологӣ ва назариявии таҳқиқотро** мероси маънавии мутафаккирони барҷастаи халқи тоҷик, пажӯҳишҳои бунёдии донишмандони Россия, кишварҳои хориҷӣ ва ватанӣ дар соҳаи педагогика, психология, методикаи таълими забони англисӣ оид ба роҳҳои инкишофи шахсият, ташкили кори таълим ва тарбия, такмили технологияи педагогӣ, нуқтаҳои равияи системавӣ дар соҳаи раванди педагогии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ ташкил намудаанд. Ҳангоми таҳлили маводи илмӣ-педагогӣ равияҳои иҷтимоию сохторӣ, таърихию фарҳангӣ ва психологӣ-педагогӣ дар маҷмӯъ истифода гардида, принсипҳои кори таълимӣ дар низоми таҳсилоти олӣ риоя карда шудааст, ки воқеияти илмӣ ва дақиқии инъикоси фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварро таъмин сохтаанд.

Барои иҷрои вазифаҳои матраҳгардида бо мақсади ҳалли вазифаҳои гузошташуда ва ноил шудан ба ҳадафро **усулу методҳо зерини таҳқиқот** татбиқ мекунанд:

А) назариявӣ – таҳлили адабиёти фалсафӣ, психологӣ, сотсиологӣ, таърихию педагогӣ ва педагогиву филологӣ барои ташаккули заминаи методологии тадқиқот ва муайян кардани дастгоҳи категориявӣ-консептуалӣ; ҷамъбаст намудани тамоюлҳо ва хулосаҳои асосии раванди тайёрии касбии омӯзгорони оянда;

Б) лоиҳакашӣ – таҳияи низоми меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва сатҳҳо, инчунин муайян намудани шартҳои педагогии тайёрии касбии муаллимониояндаи синфҳои ибтидоӣ барои инкишофи нутқи коммуникативии хонандагон, муқоисаи равишҳои ҳалли масъалаҳо ва зиддиятҳо дар рисола; ба низом даровардани адабиёти илмӣ оид ба проблемаи тадқиқот; умумикунонии маълумотҳои назариявӣ ва тачрибавӣ барои тартиб додани хулосаҳо;

В) таҷрибавӣ - саволномаҳо, таҳлили ҳуҷҷатҳо, пурсишҳо, санҷишҳо барои таҳлили ҳолати омодагии омӯзгорони оянда ба рушди нутқи коммуникативӣ; озмоиши педагогие, ки барои муайян кардани самараи

шароитҳои педагогии тайёр кардани муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ барои инкишофи нутқи коммуникативии хонандагон нигаронида шудааст;

Г) омори риёзӣ – таҳлили омилҳо барои тарҳрезии системаи шароитҳои педагогӣ барои омода намудани омӯзгорони ояндаи барои инкишофи маҳорати коммуникативӣ нутқи хонандагон, барои арзёбии фарқияти фоизи маълумотҳои эмпирикии гурӯҳҳои назоратӣ ва таҷрибавӣ бо истифода аз мероси маънавии мутафаккирони барҷастаи халқи тоҷик.

**Давраҳои таҳқиқот.** Сарҳадҳои хронологии тадқиқот солҳои 2013 - 2021-ро дар бар мегирад.

Интихоби маҳдудияти поёнии хронологӣ (2013) бо ворид намудану иловаҳо ба консепсияи давлатии таҳсилот ва аз сари нав қабули намудани Қонуни ҶТ оиди маориф, ки дар он оид ба таълим ва сертификатсияи ташаккули қобилиятҳои комуникативӣ-нутқӣ дар омӯзиши забони англисӣ ва ба баъзе аз санадҳои меъёрии Конвенсияи байналмиллалӣ Болона шомил гардидани соҳаи маорифи Тоҷикистон, ки зарурати такмили дониши забони англисиро, барои иҷрои вазифаҳои истеҳсолӣ, муоширати касбӣ ва пешгирии нофаҳмиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии муайян мекунад.

Дар ***марҳилаи аввал*** **(солҳои 2013-2015)** ҳамчунин асосҳои илмӣ-назариявӣ ва амалии таълими забони англисӣ, мақсад, объект, предмет, фарзия, вазифаҳо ва методҳои таҳқиқот муайян карда шуданд. Мазмуни таълими забони англисӣ ва заминаҳои барномавӣ-методии он мавриди омӯзиш қарор гирифтанд. Таҷрибаи пешқадами омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ оид ба ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён дар шароити омӯзиши забони англисӣ, ки бо мавзӯи таҳқиқот алоқаманд мебошад, омӯхта ва таҳлил карда шуд.

**Дар марҳилаи *дуюм* (солҳои 2016-2019)** - давраи муқарраркунанда ва ташаккулдиҳандаи таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоиширо ташкил намуд. Дар ин давра технологияи амалисозии ташаккули қобилияти коммуникативию

нутқии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ, мавриди истифодабарӣ қарор гирифт ва заминаи онҳо шароити педагогии самараноки фаъолияти таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ муқаррар карда шуд. Маводи дидактикӣ-озмоишӣ оид ба омӯхтани забони англисӣ дар миёни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳия гардида, аз санҷиши озмоишӣ гузаронида шуданд.

Маҳдудиятҳои хронологии **давраи охир (2020-2021)** таҳлил ҷамъбастшуда дар мавриди натиҷагирӣ аз кори тадқиқотӣ бо навиштани рисолаи пурра анҷом мегирад. Дар рафти он бо истифода аз кори таҷрибавӣ-озмоишӣ дар ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён, натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ мавриди баҳодиҳӣ ва ҷамъбасти рисолаи диссертатсионӣ бо ба расмият даровардани ҳуҷҷату хулосаҳои кори илмӣ.

**Пойгаҳи таҷрибавию озмоишии таҳқиқот.** Дар заминаи факултетҳои забони англисӣ ва забонҳои романию германии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. Аз он ҷумла бо ҷалби зиёда аз 170 нафар донишҷӯён (тақрибан 130 духтар ва 45 писар) аз рӯи ихтисосҳои гуногуне бо такя ба забони англисӣ (дар факултетҳои забони, англисӣ, забонҳои чиниву, кореягӣ ва як гурӯҳ дар факултети таърих) ва ҳамчунин факултаҳои таҳсилоти педагогӣ дар курсҳои 3-юм ва 4-ум.

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

- бори аввал консепсияи ташаккули маҳорату қобилиятҳои коммуникативӣ-нутқӣ дар асоси омӯзиши забони англисӣ муайян ва асоснок карда шуда, модели консептуалии салоҳият, қобилият ва маҳорати услубии коммуникативию нутқии донишҷӯён ва мутахасиссони соҳаи педагогикаи касбӣ ташкил ва сохта шудааст;
- сохтори омилии маҳорату қобилияти коммуникативии нутқ муайян карда шуда, робитаи услубҳои коммуникативии нутқ бо намудҳои муносибатҳои байнишахсӣ ва хосиятҳои шахсӣ педагогика дар ташаккули донишҷӯён ва кадрҳои ояндаи педагогӣ муқаррар карда мешаванд;

- аломатҳои психолингвистии маҳорату қобилиятҳо муайян карда шуда, минтақаҳои инкишофи потенсиалии онҳо дар асоси омӯзиши забони англисӣ муайян карда мешаванд;

- принсипҳои методологии парадигмаи дискурсивӣ оид ба ташаккули маҳоратҳои коммуникативӣ-нутқӣ дар донишҷӯён бо таъсири омилҳои умумии омӯзиши забони англисӣ равшан карда мешаванд;

- андешаҳои илмӣ дар бораи таъсири нутқ ба рафтори коммуникативии шахс ва робита бо ташкили услубии шахсият такмил дода мешаванд; муайян карда мешаванд;

- тартиби тахлили психолингвистии далелхои гайрирасмӣ ва тахлили психолингвистии нутқи диалогии донишомӯзон бо ташаккули афкор оиди ғояҳо дар беҳтар намудани муносибатҳои байнишахсии донишҷӯён бо назардошти услубҳои коммуникативӣ ва гуфтори онҳо минбаъд инкишоф ёфтанд.

Ҳамчунин дар кор нуқтаҳои илмӣ ва амалии технологияи педагогӣ барои баланд бардоштани самаранокии таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, рушди технологияи педагогӣ, инчунин, мафҳуми «қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён» асоснок ва муайян карда шудааст; донишҳои мукаммал, низоми мафҳумҳо, методҳои амалӣ ва воситаҳои коркарди ҷузъиёти технологияи педагогӣ таҳия гардида, консепсияи амсилаи (модели) ташаккули донишу маҳорат ва малакаҳои мукаммал дар соҳаи технологияҳои педагогӣ ва корбурди онҳо дар раванди таълим пешниҳод шудааст; роҳҳои ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён дар шароити омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ муайян карда шуданд; моҳият ва мазмуни қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён ва шароити ташаккули он дар раванди омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ муайян карда шуданд; самаранокии мазмун ва технологии ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ

дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ муқаррар карда шуданд, дида мешаванд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- моҳият ва мазмуни қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён ва шароити ташаккули он дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ;

-хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба татбиқи равишҳои ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ бо дар назардошти ҷанбаҳои илмӣ -амалии муосири педагогӣ барои сифатан баланд бардоштани самаранокии таълими забони англисӣ;

- низоми мукаммали донишҳо, мафҳумҳо, методҳои амалӣ ва ҷузъиёти технологияҳои педагогӣ барои истифода дар ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён мусоидат менамоянд;

- шароити педагогии ташаккул ва такмили қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён барои татбиқи самараноки мазмун ва технологияи муосири ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** аз инҳо иборат аст:

- маҷмӯи донишҳои фалсафӣ, психологию педагогӣ доир ба ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён - омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилоти олии касбӣ таҳлилу баррасӣ карда шуд, ки он назария ва амалияи илмиро оид ба падидаи қобилияти коммуникативию нутқӣ васеъ мегардонад;

- таъсири маҷмӯи имконоти муайяншуда ва самарабахшии раванди ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии омӯзгорони оянда дар раванди таълими фанҳои тахассусӣ, ки ба рушди назария ва амалияи омодасозии мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ мусоидат мекунад, аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуд;

- технологияи педагогии ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии омӯзгори оянда, бо далелҳои боэътимоди илмӣ асоснок карда шуд, ки он минбаъд ба болоравии ташаккули падидаи мазкур мусоидат менамояд ва баланд бардоштани раванди омодасозии касбию педагогии мутахассисониояндаро таъмин месозад.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот** дар имкони татбиқи шартҳои педагогии дар раванди тадқиқот таҳияшуда барои омода намудани омӯзгорони касбии донандаи забони англисӣ дар ташаккулу инкишофи маҳорати коммуникативӣ-нутқии хеш ва дар заминаи ташаккули ин маҳоратҳо дар оянда дар амалияи донишкадаҳои олӣ. Усули муаллифии ташхиси сатҳи инкишофи коммуникативӣ ва нутқи донишҷӯён имкон медиҳад, ки сатҳи ибтидоии ҳар як меъёр ва сатҳи умумии он муайян карда шуда салоҳияти коммуникативӣ ва нутқӣ сайқал дода шавад. Баъзе усулҳову ҷадвалу мукотибаи пешниҳодшудаи рушди дониш, малака, маҳорат ва маҳорати коммуникативии омӯзгорони ояндаи дар раванди омӯзиши фанҳои алоҳидаи қисми меъёрии мундариҷаи таълими касбӣ метавонад ҳамчун воситаи муайян кардани маҳорат ва салоҳият дар анҷом додани барномаҳои таълимии корӣ дар омӯзиши забони англисӣ. Асосҳои назариявӣ, хулосаҳо ва маводи илмию методиро дар амалияи мактабҳои олӣ ҳангоми омӯзиши забони хориҷӣ, хусусан забони русӣ ва англисӣ дар мақолаҳои илмӣ-методии забони тоҷикии муосир, маданияти забон ва услуби амалии он, асосҳои маданият ва техникаи нутқ ва гуфтор аз аҳамияте мебошанд, ки дар амалӣ намудани пешниҳодоти ташхису таҳлили мавзӯъ дар адабиёти илмии муосири тоҷик метавонанд ба кор оянд.

Натиҷа ва маводи таҳқиқот ҳангоми омода намудани семинари «Инкишофи коммуникативӣ- нутқии донишҷӯён дар дарси забони англисӣ» (солҳои 2013, 2017 ва 2019) барои донишҷӯёни факултети забони англисии ДДОТ истифода шудааст.

Муқаррарот ва натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар амал давра ба давра татбиқ карда шуда натиҷаи он дар мақолаҳои илмии муаллиф дар Паёми ДДОТ, ки ресензияи КОА-назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дорад дар бештар аз 25 мақола, аз қабили "Истифодаи бозиҳои нақшофарӣ дар дарсҳои забони англисӣ", "Инкишофи салоҳияти коммуникативии донишҷӯёни курсҳои поёнӣ дар раванди омӯзиши забони англисӣ", "Меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва нишонаҳои самаранокии тайёрии умумипедагогии омӯзгорони оянда", "Кор бо хонандагон дар самти қобилияти коммуникативӣ-нутқӣ яке аз масъалаҳои педагогии имрӯз", "Тайёрии методии донишҷӯён дар давраи таҷрибаомӯзӣ", "Муоширати нутқӣ – воситаи муҳими маҳорати касбии омӯзгор", "Инкишофи малакаҳои инфиродии донишҷӯён", "Истифодаи усулҳои интерактивии таълим дар ташаккули салоҳияти коммуникативӣ дар таълими забони англисӣ", "Истифодаи технологияҳои нави иттилоотӣ дар дарсҳои забони англисӣ", "Истифодаи василаҳои муосири техникӣ дар таълими фанни технология, бахшида ба 20-умин солгарди Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (16 майи соли 2014), факултети технологияи ДДОТ ба номи С. Айнӣ", "Истифодаи маводҳои видеоӣ барои ташаккули салоҳияти коммуникативӣ бо донишҷӯён дар дарсҳои забони англисӣ" ва боз чанд мақолаи дигар ба забонҳои русиву тоҷикӣ дар раванди таълим амалӣ гардидаанд. Таҷрибаи ҷамъбастшудаи таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон, ки такмилу инкишофи он дар шароити хоси ҷумҳурӣ пайгирӣ карда мешавад, ба беҳдошти тайёрии касбии омӯзгорони забони англисӣ мусоидат менамояд бо муҳтаво, хулосаҳо ва пешниҳодҳое, ки аз таҳқиқоти илмии мазкур бармеоянд, метавонанд аз ҷониби омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, муаллимони мактабҳо, литсейҳо, коллеҷҳо ва дар курсҳои такмили ихтисоси муаллимон бо мақсади такмили минбаъдаи раванди таълими забони англисӣ, баргузории корҳои таҳқиқотии донишмандони соҳа мавриди истифода қарор гиранд. Инчунин, маводи диссертатсия

метавонад барои такмил додани барномаҳо, таҳияи китобҳои дарсӣ, дастовардҳои таълимию методӣ, коркарди аёниятҳо истифода бурда шавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои** кори таҳқиқотӣ бо нуктаҳои зерин таъмин карда мешавад; бо ҳам мувофиқат кардани таҳлили маводҳои назариявӣ ва натиҷагирӣ аз кори таҷрибавӣ-озмоишӣ, ки мувофиқи масъалаи таҳқиқшаванда ба анҷом расонда шудааст; баррасии натиҷаҳое, ки бо истифода аз методҳои назариявӣ ва амалӣ ба даст оварда шудаанд ва дар заминаи онҳо хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои педагогӣ-психологӣ коркард ва баррасӣ гардиданд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ихтисоси 13.00.08 - "Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ)" мувофиқат мекунад ва рисола мувофиқи нақшаи корҳои илмӣ-тадқиқотии кафедраи назария ва методикаи таълими забони англисӣ иҷро шудааст. Мавзӯъ:**«Ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таҳсилоти олии касбии педагогӣ (дар асоси маводи омӯзиши забони англисӣ)»** Мавзӯи таҳқиқот аз ҷониби Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии Омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ тасдиқ карда шудааст (Протоколи № 5 аз 29.12.2021) ва дар Шӯрои байниидоравӣ оид ба ҳамоҳангсозии таҳқиқот дар соҳаи маориф, педагогика ва психология ҷавобгӯи тамоми бандҳои талабот аз руи натиҷаи экспертҳои давлатӣ мебошад.

- *банди 1.* Таҳияи назарияи таълими фанҳои мушаххас, аз чумла дар сатҳи байнитахассусӣ; фаъолияти навоварӣ ва таҷрибавии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ ҳамчун яке аз сарчашмаҳои рушди назария ва методикаи таълим аз рӯйи соҳаҳои дониш ва сатҳи таҳсилот;
- *банди 2.* Таҳқиқи иқтидорҳои инкишофдиҳанда ва тарбиявии фан дар равандҳои таҳсилотӣ;

- *банди 3.* Таҳияи мундариҷаи консепсияҳои фан дар сатҳҳои гуногуни таҳсилот; мундариҷа, усулҳо ва шаклҳои ташкили таълим дар шароити шакливазкунӣ, иттилоотӣ ва ҷаҳонишавии ҷараёнҳои ҷомеавӣ, фарҳангӣ ва маърифатӣ;

- *банди 4.* Таҳияи технологияи навоварии таҳсилот ва шаклҳои ташкили таълим.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти илмӣ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Дар бобати амалӣ кардани асосҳои назариявӣ дар татбиқи ғояи мавзӯъи диссертатсионӣ, коркарду амалӣ намудани андешаи консептуалӣ, ки имкони дар асоси равишҳои фаъолона ва босалоҳият татбиқи масъалаи ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгориро дучанд зиёд мекунад ва иҷрои бевоситаи вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ амалӣ гарданд. Илова бар ин тафсир ва санҷиши натиҷаҳои бадастовардашуда омӯхта шуданд ва дар асоси таҳлилу баррасии мустақилонаи далелҳо аз тадқиқоти назариявию амалӣ, роҳҳу усулҳои самарабахши ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён коркард шудаанд.

Муҳаққиқ инчунин дар тартиб додани стандартҳои давлатии таълимии таҳсилоти олии касбӣ оид ба забонҳои хориҷӣ барои мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар коркарди барномаҳои таълимӣ-методӣ оид ба силсилаи фанҳои лингвистӣ-дидактикӣ ва психологӣ-педагогӣ, ташкилу баргузории корҳои таҷрибавию озмоишӣ, мустақилона ба иҷро расонидани рисолаи илмӣ ва интишори мақолаҳои илмӣ фаъолона ширкат варзидааст.

**Тасвиб ва тадбиқи натиҷаҳои диссертатсия.**

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмию амалӣ ва семинарҳо доир ба масъалаҳои назария ва амалияи таълиму тарбия, тавассути суханрониҳо дар конференсияҳои гуногуни илмию амалии ҷумҳуриявӣ доир ба назария ва методикаи таҳсилоти олии касбӣ,

мавриди гузориш ва муҳокима қарор гирифтаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар раванди коркарди васоити махсуси таълимӣ, таҳияи МТМ, барномаҳои корӣ ва маводи таълимии забони англисӣ доир ба ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии омӯзгори ояндаи забони англисӣ мавриди истифодабарӣ гардид.

**Интишорот аз рӯйи мавзӯи натиҷаҳои диссертатсия.** Хулоса ва натиҷаҳои кори таҳқиқотии мутаалиқ ба мавзӯъи рисолаи мукаммали дар маҷаллаи "Паёми ДДОТ ба номи С. Айнӣ", дар дар маърӯзаҳо дар конфронсҳои илмӣ, илмӣ-амалӣ, илмӣ-методӣ ва семинарҳои сатҳҳои гуногун пешниҳод карда мешавад ва ба мавзуҳои: «Илм, маориф, ҷамъият дар тамоюлҳои ҷорӣ дар соҳаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон", «Филологияи назариявӣ ва дидактикӣ: дастовардҳо, мушкилот, дурнамои рушд", " Принсипҳои консептуалӣ равишҳои навоварона дар назария ва амалияи илмии муосир», "Технологияҳои дидактикӣ дар донишкадаҳои олии педагогӣ", "Ташаккули касбии салоҳиятҳои муаллимони забони англисӣ" ва "Технологияҳои инноватсионии таълими забони англисӣ» мувофиқат доранд ва дар баъзе маҷмӯаҳои маводи конференсияҳо пахш шудаанд. Дар маҷлису семинарҳову конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, мизҳои мудаввар ва тренингҳо мавзуҳои "Воситаҳои ҳавасмандгардонии хонандагон дар ҷараёни таълими забони англисӣ", "Усулу роҳҳои таҷҳизонидани синфхонаи забони англисӣ", "Ташаккули қобилияти нутқии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони англисӣ" ва "Роҳҳои самаранок намудани таълими забони англисӣ тавассути усули фаъоли таълим англисӣ" хусусан дар маҷалаҳои "Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ, методика ва тарҷума" "Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ ва лингводидактика дар заминаи муошırати байнифарҳангӣ"ба таври васеъ баррасӣ карда шуданд. Муҳимтарин нуқтаҳои таҳқиқоти муаллиф дар 10 мақола, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Муҳтавои рисолаи илмӣ 179 саҳифаи матни компютериро дар бар мегирад. Дар матн 14 ҷадвал, 2 нақшаи маҷмӯӣ (А,В,С), 2 диаграмма ва 1 расм мавҷуд аст. Феҳристи адабиёт ва маъхазҳо 196 номгӯро ташкил намудаанд, ки 6-номгӯи онҳо ба забонҳои хориҷӣ мебошанд.

# БОБИ ЯКУМ. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ ИНКИШОФИ ҚОБИЛИЯТИ КОММУНИКАТИВИЮ НУТҚИИ ДОНИШҶӮЁН

## 1.1. Аҳамияти назариявии нуқтаҳои фалсафӣ ва педагогӣ дар инкишофи қобилияти коммуникативию нутқӣ

Дар ҳама давру замонҳо шахсияти мутаносиб ва муташаккил орзӯву ормони ҷамъиятҳои пешрафта мебошад. Манзур аз чунин шахсият на шахсиятҳои барҷастае, ки аз ҳар ҷиҳат ба ин ё он дараҷаи рушд расидаанд, балки маҳз ҳамон намунаи оммавии шахсият мебошад, ки тадриҷан, ҳар як узви ҷомеа ба он бояд мубаддал гардад. Дар ҳама гуна муҳити иҷтимоӣ, сатҳи баланди муошират калиди мутобиқшавии бомуваффақияти шахс мебошад, ки аҳамияти амалии рушди малакаҳои муоширатро муайян мекунад. Тасодуфӣ нест, ки дар замони муосир файласуфон, сотсиологҳо ва омӯзгорон ба таҳқиқу коркарди масъалаҳои назариявии инкишофи шахсият, хусусан инсони нави замонавӣ, таваҷҷӯҳи махсус доранд, зеро инсони нав худ ба худ ба вуҷуд намеояд ва барои ташаккул додани чунин шахсият доираи илмии ҷомеа консепсияи моҳияти ҳамаҷониба ҳамоҳанг будани шахсиятро ба шароит ва ҷабҳаҳои ҳаёти замон тасаввур менамояд ё пешниҳод мекунад.

Аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва собит шудааст, ки “инсони нав” бояд бевосита дар ҷараёни иҷтимоишавӣ, аз он ҷумла дар давраи ба таълим фаро гирифтан ва дар ҳамкории субъектҳои баробари фаъолият ба даст оварда шаванд. Дар баробари ин диққати асосӣ бояд ба инкишофи сифатҳои эҷодии шахс, кобилияти мустақилона амал кардани вай дар шароитҳои гуногун, аз он ҷумла номуайян, инчунин ба инкишофи қобилияти омӯзиш ва пайдо кардани малакаҳои муомилот дар натиҷаи таълим, равона карда мешавад. Яъне, унсури пешбари тайёр намудани “шахсияти нав” барои инфрасохтори муосири истеҳсолӣ ин маҳорат мебошад, ки дар он мундариҷа ва сегменти фаъолияти коммуникативӣ нақши муҳим мебозад.

Фаъолияти коммуникативӣ дар падидаҳои маъруфи дарки байнишахсӣ, ҳамоҳангсозии байниҳамдигарӣ ва байни шахсӣ, таъсири байниҳамдигарии гурӯҳ ва шахс, равандҳои ҳамкорӣ ва муносибатҳои гуногуни байниҳамдигарӣ ва ғайра амалӣ мегардад, ки барои ташаккули "шахсияти ҳаматарафа инкишофёфта" муҳимтарин омил буда метавонад ва ин гуна фаъолгардонӣ дар низоми донишҷӯён аз ҳама бештар дучор шуда натиҷаи он дараҷаи ягонагӣ, муттаҳидӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ, муносибат ва таҳсилоти касбӣ мебошад. Маълум мешавад, ки фаъолияти муошират раванди доимии эҷод ва аз худ намудани донишҳои нав дар асоси системаи усулу воситаҳои фаъолияти эҷодкорӣ ва дигаргунсозӣ мебошад, ки барои ба даст овардани натичаи оптималӣ, муваффакияти устувори донишомӯзон зарур аст.

Ҳангоми омӯхтан ва таҳлил намудани адабиётҳои илмии фалсафию педагогӣ маълум гардид, ки мафҳуми "шахсияти ҳаматарафа инкишофёфта" мураккаб ва печида буда, он аз тарафи муҳаққиқон ба таври гуногун тавзеҳ дода мешавад. Барои мисол, В.А. Крутецский барои ин мафҳум чунин таърифро баён мекунад: "ҳаматарафа инкишоф ёфтан дар чунин худамалкунии шахсият ифода меёбад, ки ҳамаи соҳаҳои фаъолияти ҳаётии инсон, ҳамаи роҳҳои худамалинамоии ӯ (меҳнат, муошират, истеъмол, маърифат, азхуднамоии эстетикии ҷаҳон, истироҳат ва ғайра) билқувва ва усулан баробарарзиш мешаванд, ҳамаи онҳо аз ҳамдигар вобастаанд ва якдигарро пурра менамоянд" [90; 13].

Таърифи ба ҳамин монандро Г.Н.Филонов, ки асосгузори мактаби илмии соҳаи методология, назарияи тарбия ва педагогикаи иҷтимоӣ мебошад, пешниҳод намуда дар низоми ягонаи тарбияи шахсият бо инфрасохтори он (ҷаҳонбинӣ, арзишҳои ахлоқӣ ва эстетикӣ, шуури ҳуқуқӣ ва шаҳрвандӣ, ки дар раванди иҷтимоигардонии шахсият амалӣ мегардад) барои ҷомеа, диққати махсус ба самтгирии фаъолият медиҳад. "Ҳамоҳангии сохтори иҷтимоии шахсият, -менависад Г.Н.Филонов, - пеш аз ҳама, самтгирии марбутаи фаъолияти ҷамъиятӣ номутаносибиеро истисно менамояд, ки дар натиҷаи

инкишофи нобаробари як ҷониби шахсият аз ҳисоби дигар ҷонибҳо дар асосҳои гуногунии иҷтимоӣ ба амал меоянд» [169; 223].

Набояд онро низ фаромӯш намуд, ки инкишофи шахсият, хусусан дар давраи донишомӯзӣ, на танҳо иҷтимоикунонӣ, азхудкунииии муносибатҳои иҷтимоӣ аз ҷониби донишҷӯён мебошад, балки фардикунонӣ, яъне азхудкунии интихобии ин муносибатҳо дар шакли инфиродии такрорнашаванда аст. Бинобар ин, мушкилоти ташаккули шахсияти донишҷӯён метавонад танҳо мисоли пайвастшавии ҳамоҳанг ва ҳаллу фасли ин ихтилофҳо матраҳ гардад. Мо метавонем бо он нуқта розӣ шавем, ки ҳамоҳангӣ раванди инкишофи шахсияти донишҷуёнро тавсиф менамояд, зеро он дар натиҷаи инкишофи ҳар як паҳлӯи шахсияти онҳо – тафаккур, ҳиссиёт, ирода ташаккул меёбанд. Маълум аст, ки ташаккули ҳамоҳангӣ ғайримуташаккил набуда барои инкишофи он дар шахсият ҳамеша тарбияи дурусти ӯ зарур аст. Ҳамин тавр, мо ба ҷанбаи педагогии масъалаи матраҳ намуда наздик мешавем.

Педагогикаи шахсият узван бо психология ва соҳаҳои он, хусусан психологияи синни солӣ, геронтология, психологияи муҳит, коллектив, идоракунӣ ва ғайра ҳамкории мутақобила дорад, вале дар методологияи педагогӣ "ташаккули ҳамоҳангӣ дар шахсият" ба асосҳои раҳёфти фалсафии омӯзиши инсон такя менамояд. Дар фалсафаи маориф маҳфуми «инсон» ҳамчун инсон - фарди ташаккулёбанда истифода мешавад ва бо ин мазмуни педагогӣ аз мафҳуми маъмулии фалсафӣ фарқ менамояд, ки дар он «инсон» - мавҷудоти қавмӣ, авлодӣ мебошад.

Инкишофи ғояҳои педагогӣ дар нисбати инкишофи шахсият, дар зери таъсири шароити ҷамъиятию таърихӣ ташаккул меёбанд ва аз ин рӯ назарияи он дар зери таъсири фалсафа ва илм ривоҷ ёфтааст. Дар асри XVII гардиши ҳалкунанда дар инкишофи илм ба амал омада, методологияи нави таҳқиқоти илмӣ таҳия гардиданд, ки онҳо нақши муҳим дар инкишофи шахсият аз назари педагогика бозиданд. Ф. Бэкон (1561-1626) донишҳои илмиро – донишҳое меномад, ки аз таҷриба, озмоиш ба даст оварда мешаванд ва мулоҳизаи асосии ӯ, – дар шуур ягон чизе

вуҷуд надорад, ки дар ҳиссиёт қаблан вуҷуд надошта бошад, – дар педагогика таъсири азим гузоштааст. Тавре, ки мебинем, омӯзгори чех Ян Амос Коменский дар ақидааш ба он такя мекунад, ки ҳар чизе, ки азхуд карда мешавад, лозим аст, ки он барои идрок бевосита пешниҳод гардад ва дар ибтидо он чиз ҳастӣ ё ашёе будааст, ки бевосита дар эҳсосот сабт мешавад ва танҳо баъд аз шинос шудан бо худи ашё, он бояд тавзеҳ дода шавад. Аз ин рӯ ӯ омӯзишро аёнӣ меҳисобид, ки дар шакли ҳиссӣ пешниҳод карда мешавад (ашё ё мусаввара) [89;132].

Омӯзиши аёнӣ дар навбати худ бо он тавсиф мегардад, ки аёният ҳамчун сарчашмаи ҳамаи донишҳо баромад менамояд ва омӯзиши аёнӣ – омӯзиши ҳиссӣ (тавассути ашёҳо, мусаввараҳо, ҳаёти воқеъӣ ва ғ) ба ҳисоб рафта, дар ин ҳол, омӯзиши аёнӣ ҳамчун муроқибати ғайрифаъол фаҳмида мешавад ва дар раванди он азхудкунӣ ба амал меомад. Инкишофи минбаъдаи принсипи аёният бо номи чунин олимон-педагогҳои бузург ба монанди Г. Песталотсӣ, Ф. Фребел, И. Гербарт, К.Д. Ушинский алоқаманд мебошад, ки онҳо тарафдори ақидаи “воситаи беҳтарини аёният – объектҳои воқеъӣ, на аксҳои онҳо мебошанд”, будаанд [134; 404-432].

Илова бар ин, дар фалсафаи Ғарб, педагогика ва психологияи онҳо аз давраи классикии он дар атрофи масъалаи маънавиёти инсон ҳамчун зуҳуроти абадӣ ақида вуҷуд дорад ва он ба маънои бетағйири шахсияти инсон баррасӣ мегардад. Оғози чунин падидаро, то ҳатто дар фалсафаи Юнони қадим, хусусан пайравони мактаби идеалистӣ Афлотун дидан мумкин аст, ки ба ақидаи онҳо рӯҳи инсон ва хислатҳои он асли ғайримоддӣ дорад ва он як заррачаи рӯҳи ҷаҳонии илоҳӣ мебошад. Аз ин ҷост, ки ҳамаи хосиятҳои рӯҳ пешакӣ бо пешбиниҳои илоҳӣ муайян карда шуданд ва ба зуҳуроти ҳаётӣ вобастагӣ надоранд.

Ҳамчунин дар педагогика, ташаккули “шахсияти нав” ҳамчун раванди таърихӣ баррасӣ шуда дар атрофи он ақидаҳои гуногун, аз он ҷумла, консепсияе вуҷуд дорад, ки дар он робитаи педагогика бо генетикаи инсон тавсиф мегардад. Ин ақида дар таълимоти як гурӯҳ олимон ва педагогон ҳамчун

муҳимтарин масъала матраҳ мегардад. Бояд қайд кард, ки генетикаи “навин” бо номҳои Э. Торндайк, Г. Мендел, А. Вейсман ва Т. Морган алоқаманд аст, ки он инкишофро ҳамчун интиқоли ирсӣ, аз насл ба насл гузаштани хусусиятҳои генетикии муайяни организм тавзеҳ менамояд. Менделизм ба педагогика ва психология, ба илми муосири психология ва педагогика низ ворид шудааст.

Масалан, ба андешаи Э. Торндайк, сифати шахсият комилан бо хусусиятҳои генетикии ӯ муайян карда мешавад. Назарияи генетикии А. Вейсман ва Т. Морганро нисбат ба инкишофи инсон генетики англис С. Дарлингтон истифода намудааст ва ӯ тасдиқ менамояд, ки инкишоф ба ирсият вобастагӣ дорад. Дар заминаи ин андешаҳо шахсиятгароёни (персоналистон) муосири амрикоӣ аллакай бидуни пардапӯшӣ, ба таври ошкоро, бидуни таваҷҷӯҳ ба илм, оид ба пайдоиш ва моҳияти илоҳии инсон сухан мегӯянд.

Ҳамин тавр, назарияи ирсӣ будани хислатҳои шахсият, ба андешаи мо, проблемаи тарбия ва ташаккулёбии шахсиятро аз миён бардошта, онро якҷониба таҳқиқ мекунад. Дар замони муосир мутафаккирони тараққихоҳ ва олимони Аврупои Ғарбӣ низ бар зидди назарияи ирсият дар шинохту инкишофи шахсият садо баланд карда истодаанд. Чунончи, равоншиноси швейтсарӣ В. Бовен бо интиқоди қотеъонаи ақидаҳои менделистӣ дар педагогика ва психология баромад намуда мавҷудияти генҳо ва нақши пешбарандагии онҳоро дар рушди шахсият зери шубҳа гузошт.

Бинобар ин, консепсияи ғарбии идеалистии «инкишоф» ва назарияи “ирсият” дар ташаккули “инсони нав” беш аз пеш ҷонибдорони худро аз даст медиҳад, зеро одамоне, ки аз вазъияти ҷомеа огоҳӣ доранд, ба ин консепсияҳо асос ёфтани онро мавриди шубҳа қарор медиҳанд.

Илми материалистӣ ирсияти биологиро инкор намекунад, вале онро дар ягонагӣ бо тағйирёбандагӣ, ҳамчун яке аз шартҳои дохилӣ баррасӣ менамояд, ба вуҷуд омадан, зуҳурот ва нақши навгониҳоро эътироф мекунад ва моҳияти инсон ва инкишофи ӯро вобаста ба қонунҳои инкишофи ҷамъиятӣ мебинад.

Г.И. Кочерян зикр намудааст, ки “омӯзиши проблемаи ташаккул ва инкишофи шахсияти шакли нав яке аз вазифаҳои муҳим барои ҷомеаи мо мебошад” [87, 28] ва бо ин нуқта розӣ нашудан мумкин нест. Амалӣ намудани вазифаи мазкур дар давраи демократикунонӣ ва инсонгаросозӣ аз аҳамияти муҳими иҷтимоию сиёсӣ бархӯрдор мебошад. Дар ин соҳа мушкилоти зиёде ба вуҷуд меоянд, ки ҳалли онҳо танҳо дар натиҷаи равиши маҷмӯӣ имконпазир аст. Амалишавии равишҳои мазкур яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи педагогикаи муосир мебошад. Шояд гуногунии одамон, беҳамтоии ҳар инсон аз рӯйи сохти генетикии ӯ бошад,ки дар баъзе мавридҳо ҳангоми тарбияи ӯ мушкилоти зиёдро пеш меорад. Тарбияи шахсият дар амалия бо ҷонибҳои зиёди ҳаёт рӯ ба рӯ мешавад ва равиши маҷмӯиро тақозо менамояд.

Таносуби маҳфумҳои «иҷтимоишавии шахсият», «ташаккули шахсият» ва «тарбия» метавонанд ба таври зерин пешниҳод карда шаванд: иҷтимоишавӣ ин раванди азхудкунии таҷрибаи иҷтимоӣ, азхудкунӣ ва аз худ кардани муносиботи иҷтимоӣ, марҳилаҳои муайян дорад, ки дар он ташаккул ва инкишофи шахсият таъмин мегардад. Раванди тарбия - ин раванди ташаккул ва инкишофи шахсият мебошад, ки дар он нақши тафаккур хеле муҳим аст.

Тафаккур дар навбати худ шакли олии инъикосии олами реалӣ дар шуури инсон мебошад, ки аз маърифати воқеъият, робитаҳо ва муносибатҳои муҳим ва қонунҳои он иборат мебошад. Объекти тафаккур тамоми ҷаҳон ба шумор меравад, ба ҳайси натиҷаҳои он бошад, донишҳо, афкор, ақидаҳо, ғояҳо баромад мекунанд. Натиҷаҳои фаъолияти фикрӣ, дар навбати худ, ба раванди тафаккур ворид карда мешаванд, онро ғанӣ гардонад, инкишофи минбаъдаро таъмин менамоянд. Тафаккур аз забон ҷудонашаванда аст, ҳарчанд онҳо ягона нестанд. «Забон воқеъияти бевоситаи тафаккур мебошад» (Маркс, Энгелс). Қобилияти тафаккур ба инсон аз ҷониби табиат дода намешавад. Он тавассути таъсири ҷомеа, тарбия, кӯшишҳои худи инсон ташаккул меёбад. Аз рӯйи таркиби худ, тафаккур, пеш аз ҳама, равандҳои таҳлил, таркиб (синтез), таҷрид ва муоширатро дар бар мегирад. Тафаккури абстрактӣ (таҷридӣ) ва

тимсолӣ (образӣ) аз ҳамдигар фарқ мекунанд, аммо фарқияти миёни онҳоро набояд ба дараҷаи мутлақ расонид. Дар раванди тафаккур ҳар як инсон аз рӯйи зарурият аз маводи қаблан азхудкардашуда, ки бо ёрии шахсони дигар, наслҳои дигар ба даст оварда шудаанд (ғояҳо, маҳфумҳо, тимсолҳо) ва донишҳои андухташуда истифода мебарад. Бо таври эҷодӣ азхуд намудани ин мавод (ҷанба, ҳаҷм, шакл, усули (принсипҳои) интихоб)) - проблемаи муҳими педагогӣ мебошад.

Таърифи пурра ва густурдаи тафаккур он аст, ки - раванди ғайримустақим ва ҷамъбастии маърифати (инъикоси) ҷаҳони атроф, имкон медиҳад аз ҳудуди таҷрибаи бевоситаи ҳиссиёт ва идрок берун бароянд. Тафаккур имкон медиҳад дар бораи он донист ва қазоват намуд, ки инсон онро бевосита мушоҳида ва дарк намекунад. Дар муайян намудани тафаккур ба он бояд такя кард, ки тафаккур иттилоотеро коркард менамояд, ки дар эҳсос ва идрок ҷой доранд, натиҷаҳои кори фикрӣ бошанд, дар амал санҷида ва истифода мешаванд. Тафаккури шахси калонсоли солим бо нутқ робитаи ногусастанӣ дорад. Фикр наметавонад бидуни нутқ ба вуҷуд омада, амалӣ гардад. Мо тавассути калимаҳо фикр меронем, ки онҳоро бо овоз такрор менамоем, ки аз дил мегузаронем, яъне тафаккур дар шакли нутқ ба амал меояд. Шахсоне, ки ҳамзамон чанд забонро хуб медонанд, онҳо ба хубӣ дарк менамоянд, ки дар ҳар лаҳзаи муайян бо кадом забон фикр намоянд. Дар нутқ фикр на танҳо тасвир мегардад, балки ташаккул ва инкишоф меёбад ва дар он нақши тафаккури мустақил хеле муҳим аст.

Илова бар ин, то ҳол таърифи категорияи тафаккури мустақил, ки мавриди қабули ҳамагон бошад, мавҷуд нест. Баррасии таърифҳои пешниҳоднамудаи муаллифони мухталифро сарфи назар намуда, таърифи худро пешниҳод менамоем. Тафаккури мустақил- ин фаъолияти маърифатии мақсаднок, ба низом даровардашуда, аз ҷониби худи донишҷӯ идорашаванда мебошад, ки барои такмили таҳсилоти ӯ зарур аст. Дар ин ҳол донишҷӯ худаш (ё бо кӯмаки роҳбараш) мақсади таҳсилот, муҳтавои фаъолияти маърифатӣ, ҳаҷм ва ташкили кори худро муайян менамояд.

Тафаккури мустақил, пеш аз ҳама, маърифаткунӣ ё худ донистагирии мақсаднок мебошад. Нишон додани мақсаднокӣ ва низомдории он имкон медиҳад, ки тафаккури мустақилро аз фаъолияти маърифатии бенизом, номуташаккил ҷудо намоем. Чунончи, агар боздиди донишҷӯ аз намоишгоҳ ба низоми умумии ба донишу тасаввуротҳоиэстетикии ӯ дохил шавад, пас яқин аст, ки он ба яке аз ҷузъҳои худомӯзии ӯ мубаддал хоҳад гардид. Дар таърифи болоӣ қайд шудааст, ки ин фаъолият аз ҷониби донишҷӯ идора карда мешавад (ҳарчанд, ки метавонад зери роҳбарии омӯзгор ва инчунин роҳбарони шаклҳои иловагии таҳсилот гузарад). Бо ҳамин роҳ мо тафовути онро аз дигар шаклҳои корҳои мутақилона таъкидан қайд менамоем, ки аз ҷониби омӯзгор дар низоми омӯзиш, новобаста аз вазни қиёсӣ, дар донишҷӯён маърифати мустақилона ташаккул карда мешаванд. Ҳамаи намудҳои корҳои мустақилонаи таълимиро, ки дорои мақоми ҳатмӣ мебошанд, мумкин нест, ки ба худомӯзӣ мансуб намоем.

Одамон бо якдигар муошират намуда, аз калимаҳо ва қоидаҳои дастурии ин ё он забон истифода менамоянд. Забон низоми аломатҳои шифоҳӣ мебошад, воситаест, ки бо ёрии он муошироти миёни одамон амалӣ карда мешавад. Забон ва нутқ робитаи ногусастанӣ доранд ва иборат аз чизи ягона ва комил мебошанд. Таърихан забони ҳар гуна халқ дар раванди муошироти нутқии одамон такмил ва инкишоф ёфтааст.

Рисолати муҳимтарини нутқ ин барқарор намудани муошироти байниҳамдигарии одамон аст. Рисолати дигари нутқ аз он бармеояд, ки нутқ воситаи ифодасозии тафаккур мебошад. Фаъолияти фикрии одамон бо ёрии амалиётҳои фикрӣ: муқоиса, таҳлил ва таркиб (синтез), таҷрид (абстрактсия), ҷамъбасткунӣ ва мушаххасгардонӣ ба амал меояд. Имрӯз дар илм маълум аст, ки муқоиса – ин қиёси ашё ва падидаҳо бо мақсади дарёфти монандӣ ва тафовутҳо миёни онҳо мебошад.

Маълум аст, ки ба мисли дигар протсессҳои психикӣ, фаъолияти фикрии одамон бо тафовутҳои инфиродии мулоҳизаронӣ фарқ менамояд. Вижагиҳои инфиродии фаъолияти фикрии инсон, пеш аз ҳама натиҷаи инкишофи

ақлии ӯ дар раванди ҳаёт, маърифати воқеъият ва раванди омӯзиш мебошад. Тафаккур – ин фаъолияти басо мураккаб ва бисёрҷонибаи равонӣ мебошад. Таърифи он наметавонад содда бошад. Тафовути фаъолияти фикрии одамон дар сифатҳои гуногуни тафаккур зоҳир мегардад. Дар миёни онҳо асоситаринашон мустақилӣ, вусъат ва умқи ақл, чандирии фикр, суръатбаландӣ ва интиқодӣ будани ақл мебошанд. Ин сифатҳои тафаккур (ё сифатҳои ақл) ба як навъ хусусиятҳои шахсияти инсон табдил меёбанд.

Қобили зикр аст, ки чандирии тафаккур дар озодии фикр аз усулҳо ва роҳҳои дар таҷрибаи гузашта муқаррарнамудаи ҳалли вазифаҳо таҷассум меёбад, ки дар маҳорати босуръат иваз кардани амалиёти худ ҳангоми тағйирёбии вазъият ифода мегардад. Суръати тафаккур ҳамчунин нақши муҳимро бозӣ менамояд ва ба инсон имкон медиҳад, то вазъияти мураккабро зуд дарк намояд, зуд фикр карда, қарори дурустро қабул кунад. Аз суръати тафаккур шитобнокии тафаккурро бояд фарқ намуд.

Ҳамин тавр, шитобнокии тафаккур ҳамчунин сатҳи рӯякии тафаккур мебошад, вақте ки инсон як паҳлуи масъаларо фаро мегирад ва қодир нест, ки онро бо тамоми мураккабиаш баррасӣ намояд.Аммо интиқодӣ будани ақл маҳорати инсонро барои арзёбии объективонаи фикрҳои худ ва бегона, санҷиши амиқ ва ҳамаҷонибаи ҳамаи нуқтаҳо ва хулосаҳои пешниҳодшавандаро дар бар мегирад.

Илм, ба нерӯи асосии истеҳсолкунандаи даврони мо мубаддал гардида, ба шахсияти инсон ва махсусан, ба фаъолияти фикрии ӯ талаботи наву баланд пешниҳод менамояд. Таҳлили таърихӣ-мантиқӣ ва системавии маҳфум, моҳият ва раванди фаъолияти фикрӣ ба ҳайси объекти рушдкунанда ва мураккаб таърифи кории тафаккурро дар омӯзиш аниқ менамоянд ва хусусиятҳои дидактикии онро ҳамчун қобилияти умумии шахсият муайян карда, асоси амалиётҳои таълимиро дар ноилшавии ҳадафҳои омӯзиш мебинад.

Ба истифода аз чунин таҳлили мухтасар мо донишҷӯёнро барои мисол қарор медиҳем, ки инкишоф додани тафаккури онҳо маънои

мақсадноки раванди азхуднамоии дараҷавии донишҳо, омӯзиши усулҳои фаъолияти фикрӣ ва усулҳои маърифати илмиро дорад, ки ба синну соли донишомӯз мутобиқ гардонида шудаанд, тарбияи ангезаҳои пурарзиши таълимот ва дар ин асос – ҷаҳонбиниро ташаккул медиҳад. Меъёрҳои дидактикии ташаккули тафаккури донишҷӯро қобилияти иҷрои вазифаҳо дар сатҳҳои мухталифи мураккабӣ, ташаккулёбии маҳоратҳои асосии фикрӣ дар асоси барномаҳои коркардшудаи инкишофи фикрӣ ҳисоб карда мешавад.

Ҷузъиёти асосии фаъолияти фикрӣ миёни худ ба таври мураккаб ва диалектикӣ алоқаманд мебошанд. Тафаккури донишҷӯён ба таври ғайри мунтазам, на танҳо аз нуқтаи назари синнусолӣ, балки аз дидгоҳи ҷузъҳои асосии он инкишоф меёбад, чунки раванди андухтани донишҳо метавонад аз ташаккули усулҳои зарурии фаъолият пеш гузарад ва аз ин сабаб на ҳамеша ба сатҳҳои ташаккули донишҳо ва усулҳои кор мутобиқат намояд.

Аз ин рӯ солҳои охир дар дидактика он ба самти ояндабинӣ мубаддал гардида, дар он ташаккулдиҳии маҳорату малакаҳои касбии донишҷӯён мавқеи хосаро ишғол менамояд. Маҳз арзи вуҷуд надоштани ҷамъбасту хулосаи таҷрибаи рушди тафаккури донишҷӯён, коркард нашудани асосҳои дидактикии ба фаъолияти амалии кормандони педагогии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ба пешрафти назарияи ягонаи таълими инкишофдиҳанда ва иҷрои вазифаҳои тарбиявӣ таъсир мерасонад.

Шахсият ҳамчунин тавассути тарбия ташаккул меёбад. Тарбия дар ташаккули шахсият нақши асосиро мебозад ва он омили пешбарандаи инкишофи шахсият мебошад. Аз сабабе, ки яке аз ҷанбаҳои идеологӣ, иҷтимоӣ, илмӣ ва амалӣ муҳими ташаккули шахсияти донишҷӯён ва тайёрии касбии онҳо фазои таҳсилотии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мебошад, мо кушиш ба харҷ медиҳем, ки дар он принсипи аёният муайян кунем. Аммо дар ин ҷо набояд муоширати педагогӣ сарфи назар шавад. Муоширати педагогӣ дар навбати худ принсипҳо ва қоидаҳои худро

дорост. Мухтасар ин принсипу қоидаро ба таври зайл (дар ҷадвали 1) меорем.

***Ҷадвали 1***

**Принсипҳо ва қоидаҳои муошировати педагогӣ**

| Принсипҳои муошировати педагогӣ | Қоидаҳои муошировати педагогӣ |
|---|---|
| **Инсонпарварӣ** | шаъну шарафи донишҷӯро паст назадан; табъи худро ба сари талабагон бор накардан |
| **Оптимизм** | ба хулосабарорӣ шитоб накардан; фаромӯш накардан, ки шогирд ба шумо бовар мекунад; некбинии худро ба донишҷӯён расонидан |
| **Демократизм** | муошировати байни ҳамсолон; рад кардани авторитаризм дар муносибат |
| **Муносибати индивидуалӣ-шахсӣ** | аввал таҳсили хуб кардан: бо шахсият шинос шудан; аз усулхои зуроварӣ ва таъсир даст кашидан |
| **Давомнокӣ** | Ҳосил намудани талаботи мусбӣ; тасаввурот дар бораи худ ва имкониятҳои худ |

Ин принсипу қоидаҳо дар муошировати педагогӣ барои раванди инкишофи арзишмандии иҷтимоии шахсият, такмилёбии нишонаҳои қобилияту маҳорати эҷодкории ӯ аз айёми кӯдакию наврасӣ хизмат мекунанд ва дар раванди кори таълиму тарбиявӣ ташаккул меёбад. Муҳимтарин шарти самарабахшии рушди шахсият муассисаи таҳсилоти олии таълимӣ, идоракунии салоҳиятноки педагогии онҳо мебошад, ки ба омӯзиши амиқи имконоти инфиродии наврасон ва ҷавонон мусоидат менамояд.

Дар марҳилаҳои асосии раванди таълимӣ фаъолияти фикрии донишҷӯ вазифаҳои мухталифро иҷро менамоянд: пешгӯикунанда, маънигӣ-муҳтавоӣ, рефлексивӣ, ҷамъбасткунанда ва ғайра. Ҳангоми банақшагирии машғулиятҳо мувофиқи мақсад аст, ки дар баробари вазифаҳои муҳтавоӣ, тарбиявӣ ва инкишофдиҳанда дар асоси баҳисобгирии вазифаҳои (функсияҳои) тафаккур дар омӯзиш ва барномаи таҳиягашта инкишофи малакаҳои фикрӣ нишон дода шаванд.

Барнома ва низоми ташаккули тафаккури донишҷӯён оптимизатсияи азхудкунии донишҳо ва роҳҳои фаъолияти фикриро дар алоқамандӣ таъмин намуда маромнокии муносибатро тарбия менамояд. Пешравии фаъолияти фикрии донишҷӯён аз сатҳи таҷрибавӣ ба назариявӣ, низомнокӣ,

мақсаднокии омӯзиш мегузарад. Он минбаъд имконият медиҳад, ки омӯзгорони оянда ба донишҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда оид ба методикаи таълими инкишофдиҳанда мусаллаҳ гарданд.

Қобилияти тафаккур, тадриҷан, дар раванди инкишофи шахс ташаккул меёбад ва он инкишофи фаъолияти маърифатии шахс мебошад. Маърифат аз инъикоси воқеъият тавассути майнаи сар дар эҳсос ва идрок, ки асоси ҳиссии тафаккурро ташкил менамояд, оғоз мегардад.

Вижагии асосии тафаккур ҳамчун раванд – ин муттасилии махсуси он мебошад, ки ба воситаи гузаришҳои тағйирёбандаю мутақобили ҳамаи марҳилаҳои раванди фикрӣ пайваста яке аз дигаре бармеояд ва аз ин лиҳоз гуногун боқӣ мемонанд. Онҳо аз якдигар ҷудо набуда, дар тафовут аз даврҳои алоҳидаи амалнамоии ҳар гуна фишангҳо дар тафовут аз ҷузъиёти бисёриҳои математикӣ фарқият доранд. Чунончи, психикаи инсон, ба таври мутлақ, муттасил амал менамояд (пеш аз ҳама, дар сатҳи зершуурӣ) аз зода шудан, яъне ин маънои онро дорад, ки то дами марг фаъолияти фикрронии инсонро ба мисли занҷири барқӣ ва ё дигар системаи техникӣ фаъол ё хомӯш намудан ғайриимкон аст.

Маълум аст, ки шахсият субъекти амалӣ ва назариявии фаъолияти фард мебошад. Аз ин бармеояд, ки ҷанбаи шахсии тафаккур ҷанбаи фаъолияти ӯ мебошад, тафаккур ҳамчун фаъолият нақшаи шахсии ӯ мегардад, дар ин ҷо на ду сатҳи гуногун, балки якто, ягона – сатҳи шахсии тафаккур мебошад. Дар тафовут бо ин, тафаккур ҳамчун раванд – бо тамоми робитаҳои ногусастанӣ бо шахсият – бештар мухтор аст: инсон метавонад худро барои иҷрои вазифа ё ҳаллу фасли проблемаи муайян маҷбур созад, вале ӯ онро то чӣ андоза ҳал карда метавонад ба кӯшишу заҳматҳои шахсӣ вобастагӣ дорад ва нақши фаъолияти нутқиро дар ин ҷо набояд сарфи назар кард.

Фаъолияти нутқӣ ба ташаккули мавқеи фаъоли донишҷӯён дар фаъолияти маърифатӣ, ташаккул ёфтани муносибати мусбати онҳо нисбат ба таҳсилот ва ба муоширати мусбат мусоидат менамояд. Мукаммалгардонии фаъолияти нутқӣ дар раванди таълим дар асоси мураккабсозии ҳамаи ҷузъҳои

сохтории он, гунаҳои мухталифи муоширати нутқии омӯзгор ва донишҷӯ, дар асоси муносибати байни субъектҳо ба амал меояд.

Масъалаҳои назарияи педагогии фаъолияти нутқӣ аз ҷониби пажӯҳишгарон дар асоси принсипи робитаи мавҷудаи объективӣ миёни забон ва равандҳои маърифатӣ ҳаллу фасл гардида, барои ҳал намудани проблемаҳои инкишофи нутқи донишҷӯён, муоширати нутқӣ, рушди малакаҳои нутқи шифоҳӣ, фарҳанги нутқӣ мусоидат менамояд.

Функсияи коммуникативии нутқ ин азхудкунӣ ва дастрас намудани иттилоот дар намуди ботинӣ ва беруна, хаттӣ ва даҳонӣ, монологӣ ва диалогӣ мебошад. Дар таълими забони англисӣ, ки он дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои умумию фардии донишҷӯён пайгирӣ карда мешавад, дониш, маҳорату малакаҳои коммуникативӣ-иттилоотӣ, паёмбарии донишҷӯён бо забонҳои англисӣ ва модарӣ замина барои шаклгирии қобилиятҳои умумӣ ва махсус баррасӣ карда тавонистани иттилоотро таъмин мегардонад. Дар илми психология исбот шудааст, ки қобилият хусусияти психикӣ-фардии инсон аст, ки он дар заминаи азхудкунии дониш, маҳорату малака иҷрои ин ё он фаъолиятро барои тез ва услуби махсус иҷро кардан имконият медиҳад. Таҷрибаи инсоният ва натиҷаи таҳқиқотҳои илмии психологӣ-педагогӣ исбот карданд, ки ҳамаи намуди қобилиятҳо (умумӣ, махсус, содда, мураккаб) дар раванди фаъолиятҳо, махсусан, таълиму тарбия ташаккул дода мешаванд.

Илми муосир заминаҳо, аломатҳо доштани қобилиятро инкор намекунад, вале маҳз муҳити иҷтимоӣ (оила, муассисаҳои таҳсилотӣ) ва имкониятҳои фардии шахс (мавҷудияти аломату нишонаҳо) замина дар рушди қобилият дар муҳити таҳсилотӣ мегардад. Аз ин рӯ ҳанӯз аз муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ то таҳсилоти олии касбӣ бо баробари дигар сифатҳои шахсиятӣ, маҳорату қобилияти маърифатию амалии донишомӯзон муоина, ташхис, тарбияву такмил дода мешавад.

## 1.2. Омилҳо ва муайянкунандаҳои (детерменантҳо) психологию педагогии инкишофи қобилиятҳои коммуникативӣ ва нутқии донишҷӯён

Мушкилоти инкишофи қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён чӣ дар психологияи назариявию амалӣ ва чӣ дар педагогика мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Инкишофи соҳаи коммуникативии шахс маҳз дар синну соли донишҷӯӣ, вақте ки заминаҳои муайяни коммуникативӣ ва нутқӣ, аз он ҷумла касбӣ ташаккул меёбанд, барои инкишофи ҳамаҷониба замина мегузоранд.

Қобилиятҳо одатан ба ду гурӯҳи калон тақсим мешаванд: умумӣ ва махсус. Ба қобилиятҳои умумӣ қобилиятҳое дохил мешаванд, ки муваффақияти шахсро дар намудҳои гуногуни фаъолият муайян мекунанд. Аз ин рӯ, қобилиятҳои умумиро, чун қоида, интеллектуалӣ меноманд ва қобилиятҳои махсус муваффақияти шахсро дар баъзе соҳаҳои махсуси фаъолият муайян мекунанд, ки дар таснифот онҳо аз рӯи намудҳо ифода меёбад.

Муносибати байни қобилиятҳои умумӣ ва махсус дар таҳқиқоти Ҳ.А. Аминова, Е. Голубева, Е.П. Гусева, С. Изюмова, М. Кабардова, И. Левочкина омӯхта таҳлили махсуси касбӣ пайдо намудаанд. Маҳорати коммуникативӣ ва нутқӣ қобилиятҳои махсусе ҳастанд, ки ба омӯзиши онҳо теъдоди зиёди асарҳо бахшида шудаанд (А.А. Бодалев, А.В. Батаршев, А.Г. Ковалев, М.И. Лисина, К.К. Платонов, Л.И. Уманский, М.К. Кабардов, Г. Г. Чанышева, 3.3. Ҷамбеева ва дигарон). Дар омӯзиши қобилиятҳои коммуникативӣ ва нутқӣ, чи дар як якҷоягӣ ва чи дар алоҳидагӣ равишҳои гуногуни назариявӣ ва таҷрибавӣ мавҷуданд. Вале мо мафҳуми умумии «қобилияти коммуникативӣ-нутқӣ» ро якнавохт гирифта буда, тафсирҳои зиёди равонӣ ва педагогиро мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Фавран ба пеш нигариста метавон гуфт, ки малакаҳои комуникативӣғ нутқӣ як системаи мураккаби иерархикист, ки самаранокии муошират бо шахсони дигар ва мувофикати равониро дар фаъолияти муштарак таъмин

менамояд. Дар инҷо малакаи муошират ва нутқ ба системаи хусусиятҳои асосии хоси фаъолияти касбӣ дохил карда мешавад, ки барои онҳо мавҷуд будани «қобилияти коммуникативӣ-нутқии шахсият» нишондиҳандаи принципан муҳими маҳорати касбии донишҷуён мебошад.

Дар асарҳои равоншиносон, масалан аз тарафи И.А. Зимняя таҳлили ҷузъҳои фаъолияти нутқиро мавриди муқоиса қарор дода шудааст, ки он тарзи иҷрои амалҳои омӯзиш, предмет, роҳ ва воситаҳои амалисозӣ, ҷабҳаҳои ботинию берунии нуткро бо дарназардошти вазифаҳое, ки дар назди муассисаи олии таълимӣ қарор доранд ва шароити омӯзишро дар бар мегирад. Инчунин ба назар гирифтани ҷадвали соатҳо, теъдоди донишҷӯён дар гурӯҳҳо, ҳайати синну солии онҳо, мавҷуд набудани муҳити забонӣ, таъкид гардидаанд то ҷузъҳои мазкури фаъолияти нутқӣ ба ҷузъҳои фаъолияти таълимӣ табдил ёбанд [62; 219].

Ба ақидаи С.Л. Рубинштейн, нахустин вазифаи таҳқиқоти психологӣ-педагогӣ омӯзиши равандҳои равонӣ ва фаъолияти психологӣ мебошад ва таҳқиқот бояд, пеш аз ҳама, тафаккурро ҳамчун раванди таҳлил, таркиб, ҷамъбасткунӣ ошкор намояд [141; 328]. Дар ҳолати мазкур таҳқиқоти психологӣ бояд шароити ҷараёни раванди маърифатро тағйир дода (ташкил намудани шароити нисбатан душвортари маърифати ашё, рӯ овардан ба марҳилаҳои ибтидоии ташаккули идрок), ба ҳар сурат раванди идроки ҳиссӣ масалан, босираро ошкор намояд, тарафҳои алоҳидаи онро таҳлилу таркиб (синтези) намуда тавассути таҳлилу ҷудо кардан, ҷамъбасткунӣ мазмуни амалҳоро шарҳу тафсир диҳад. Бо дарназардошти ин, зарур аст, ки раванд ва фаъолиятро тафриқа намуд. Фаъолият пеш аз ҳама, ба инсон мебошад, яъне он ҳамгироии доимии субъект бо олами атроф аст.

Ҳангоме ки ангезаҳои инсон, муносибати ӯ ба вазифаҳое, ки онҳоро ҳал менамояд, ба инобат гирифта мешаванд, тафаккур ҳамчун фаъолият баррасӣ карда мегардад. Ин нақшаи (пеш аз ҳама, ҳавасманднамоии) шахсии фаъолияти фикрӣ мебошад. Вақте ки таркиби равандии фаъолияти фикрӣ, яъне равандҳои вазифаҳои фикриро меомӯзанд тафаккур ҳамчун раванди махсус амал менамояд..

Ба ақидаи С.Л. Рубинштейн, раванди воқеии тафаккур, чи тавре, ки он дар воқеият дода шудааст, иборат аз фаъолият буда (инсон фикр мекунад, на ин ки фикр ба сараш меояд) ва раванд ё фаъолият маҷмӯи фарогирӣ равандҳоро дар худ нигоҳ медорад (таҷрид, ҷамъбасткунӣ ва ғайра) [142; 282].

Ҳамчунин, қайд намудан муҳим аст, ки тафаккур, идрок ва ғайраҳо, ҳамчун раванд, мунтазам ташаккул меёбанд. Ҳамин тавр, омӯзиши ҷанбаи равандҳои психикӣ маънои таҳқиқоти боз ҳам амиқтари субъект ва фаъолияти онро дорад.

Бидуни ошкорсозии ҷанбаи равонӣ ҳамчун раванд, пайдоиш ва ташаккули ҷузъҳои фаъолиятро (ҳадафҳо, амалиёт ва ғайра) дарк намудан ғайриимкон аст ва умуман таносуб миёни онҳо дар хусусияти психологии одам нуҳуфта мебошад. Ба баёни дигар, ҳамгироии инсон бо ҷаҳон на танҳо дар сатҳи фаъолият, балки дар «дохили» он дар сатҳи равонӣ ҳамчун раванд омӯхта мешавад.

Аз нуқтаи назари С.Л. Рубинштейн ба ин ё он назарияи тафаккур, умуман равонӣ, шарҳу тафсири комилан муайяни таълим (ва тарбия) мутобиқат менамояд. Аз ин бармеояд, ки ҳам барои назария ва ҳам барои амалия зарур аст ба инобат гирифт, ки тамоми «ташкилаҳои» фаъолияти зеҳнӣ – маҳфумҳо, донишҳо, тимсолҳо, амалиёт, амалҳои зеҳнӣ ва ғайра – бояд дар таҳқиқоти психологӣ ҳамчун натиҷаи равандҳои равонӣ муқаррар карда шаванд [142; 328].

Дар ҷараёни таҷрибаҳои озмоишии сершумор, ки аз ҷониби психологҳо аз мавқеъҳои мухталиф гузаронида шуда буданд ва дар раванди омӯзиши проблемавӣ имкониятҳои азим ва то ҳанӯз дар инкишофи тафаккури донишҷӯёни муосир ба қадри кофӣ истифоданашаванда ошкор гардиданд.

Дар ин замина, назарияи С.Л. Рубинштейн оид ба тафаккур ва нутқ, ки ба сифати мустақил (ва баробарҳуқуқ бо вазифаҳои коммуникативӣ) вазифаи семантикии нутқро инкор менамояд, махсусан фаҳмо мебошад. Охирин набояд ва наметавонад бо худ тафаккурро иваз кунад, зеро тамоми муҳтавои аҳамиятноки он на худ ба худ, балки дар ҷараёни фаъолияти маърифатии (аз

он ҷумла фикрии) субъект ташаккул меёбад. Бо ин ҳама робитаи ногусастании нутқ бо тафаккур, ки дар ҳар сурат дорои механизмҳои махсус мебошад, ки ба нутқ рабт дода намешавад.

Дар ҷараёни таҳқиқот муайян гардид, ки дар психологияи синну солӣ синну соли донишҷӯро одатан ба ҷавонӣ мансуб медонанд. Муҳтавои мушаххаси ҷавонӣ, ҳамчун марҳилаи камолоти шахсият, пеш аз ҳама вобаста бо шароити иҷтимоӣ муайян карда мешавад. Мавқеи ҷавонон дар ҷомеа маҳз аз шароити иҷтимоӣ, андозаи донишҳо, ки онҳо бояд онро аз худ намоянд,омодагии касбӣ, ҳунаромӯзӣ ва ғайра вобастагӣ дорад. Дар шароити кунунӣ ҷавонон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ҳунаристонҳо, литсейҳо таҳсил менамоянд, баъзе аз онҳо ҳам таҳсил ва ҳам кор мекунанд. Ҳамаи онҳо дар айёми ҷавонӣ – дар синну соли басо мураккаб ва муҳим аз лиҳози ташаккулёбии шахсиятқарор доранд.

Барои донишҷӯён – гуногунии мавқеи иҷтимоии онҳо басо муҳим мебошад. Аз як тараф, проблемаҳое, ки аз даврони наврасӣ ба мерос омадаанд, онҳоро ба ташвиш меоранд. Аз ҷониби дигар, дар назди ҷавонон вазифаҳои худмуайянкунии ҳаётӣ меистанд. Маҳз дар асоси ҳолати нави иҷтимоии инкишоф дар муҳтаво ва таносуби тамоюли асосии ҳавасмандии шахсияти донишҷӯён, ки тағйирёбӣ ва дигар вижагиҳои психологии ӯро муайян менамоянд, тағйироти бунёдӣ ба амал меоянд.

Омодагӣ ба худмуайянкунӣ дар донишҷӯён ташаккули мафкураи устувори бошуурона интихобшуда дар бораи уҳдадориҳои худ ва ҳуқуқҳояшон нисбат ба ҷомеаро дар назар дорад.

С.Л. Рубинштейн навишта аст: «Ба қадре, ки инсон таҷрибаи ҳаётӣ ба даст меорад, дар назди ӯ на танҳо ҳамаи паҳлӯҳои ҳаёт кушода мешаванд, балки идроки нави ҳаёт ба таври зиёдтар ё камтар ба амал меояд. Ин раванди идроки нав, ки дар тамоми ҳаёти инсон мегузарад, муҳтавои аз ҳама пинҳон ва асосии моҳияти дохилии ӯро ташкил мекунад, ки сабабҳои амалҳои ӯ ва моҳияти дохилии он вазифаҳоеро, ки вай дар ҳаёти худ амалӣ менамояд, муайян месозад» [141, 328].

Вижагиҳои синну солӣ тамоюли муайяни инкишофи инсонро дар марҳилаи мазкури синну солӣ тавсиф менамояд ва ҳамеша дар шакли гунаҳои (вариантҳои) инфиродии инкишофи шахсияти кӯдакону наврасон ва ҷавонон мушаххас мавҷуд мебошанд. Инкишофи шахсият- раванди мураккаб ва дуру дароз аст, ки бояд ба ташаккули шахсият ё ки шахсияти камолёфта оварда расонад.

Тавре ки ба мо маълум аст, хусусиятҳои синну соли донишҷӯӣ ҳанӯз ба таври кофӣ омӯхта нашудааст, аксарияти пажӯҳишҳое, ки ба ин синну сол дахл доранд, ба давраи наврасии инкишоф рост меояд. Синну соли донишҷӯӣ ҳамчун синну соли хотима ёфтани таҳаввулоти навин, ки дар миёни наврасон ба вуҷуд меоянд, аммо на ҳамчун раванди ташаккули вижагиҳои сифатан нави шахсияти ӯ баррасӣ карда мешуд.

Вазъи иҷтимоии инкишофро дар синну соли калон таҳлил намуда, мо метавонем он омилро қайд намоем, ки донишҷӯ дар арафаи ворид шудан ба ҳаёти мустақилона қарор дорад.

Тарбияи фаъолнокӣ ва мустақилии донишҷӯён дар назди ҳар як омӯзгор ҳамчун вазифаи дорои аҳамияти аввалиндараҷа меистад. Оид ба ташаккули мустақилии таълимии донишҷӯён сухан гуфта, бояд ду ҷониби проблемаро ба инобат гирифт. Якум, аз инкишоф додани мустақилӣ дар фаъолияти маърифатӣ, ки он иборат аст,аз омӯзонидани донишҷӯён барои мустақилона аз худ намудани донишҳо, ташаккул додани ҷаҳонбинии худ; ҷониби дуюм аз он иборат аст, ки донишҳои мавҷударо дар омӯзиш ва фаъолияти амалӣ истифода бурда тавонанд.

Маҳорат- ин имконияти иҷро намудани амалҳо мутобиқ ба ҳадафҳо ва шароите, ки инсон ба онҳо самтгирӣ ва такя менамояд. Маҳорати таълимиро аз нуқтаи назари фаъолият тасниф намуда, намудҳои асосии зерини онро ҷудо намудан мумкин аст: маърифатӣ, амалӣ, ташкилӣ, худназоратӣ ва арзёбии натиҷаҳо.

Дар асарҳои илмии равоншиносон ва педагогҳо асосҳои назариявии ташаккули маҳорат, ки дорои хусусияти гузаштанро дар дохили фанни алоҳида ё

мавзӯъро доранд, ба назар мерасанд. Дар асоси методикаи пешниҳодшавандаи ташаккули маҳорати ҷамъбастшуда, аз ҷониби мо назарияи фаъолият, ки аз ҷониби равоншиносони шӯравӣ С.Л. Рубинштейн ва А.Н. Леонтев таҳия карда шудааст ва дар бораи навъҳои самтгирӣ, ки аз ҷониби психологҳои шӯравӣ П.Я. Галперин ва Н.Ф. Тализина коркард шудааст, пешниҳод карда шуд [98; 214].

Дар замони мо, дар даврони паҳншавии васеи матбуоти даврӣ, радио, телевизион, интернет, сомонаҳои иҷтимоӣ ҳангоме, ки донишҷӯ иттилооти зиёдро аз ҳаёти атроф ба даст меорад, вақте ки акнун раванди омӯзиш дигар сарчашмаи ягонаи он донишомӯзӣ намебошад, ҳар як донишҷӯ аз дигарон на танҳо бо андозаи донишҳои худ , балки бо роҳи низоме, ки мустақилона донишҳоро соҳиб гардидааст, тафовут дорад. Натиҷаи фаъолияти худомӯзии донишҷӯён аз рӯйи фанҳои алоҳида ба он дараҷа махсус мешавад, ки танҳо онро омӯхта, ҳамон вақт самарабахш мегардад, ки агар омӯзгор бо онҳо роҳбарии мақсаднокро ба инобат гирифта ба раванди худомӯзии худ алоқаманд намояд.

Яке аз ангезаҳои бештар маъмуле, ки маҷбур менамояд донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро ба худомӯзӣ ҷалб намояд, ангезаи аҳамиятноки иҷтимоӣ мебошанд, ки бо амалисозии андешаҳо ва нақшаҳои ҳаётии онҳо алоқаманд мебошанд. Бинобар ин маҳз онҳо диққати ҷиддиро ба худомӯзӣ, устуворӣ, мақсаднокӣ, низомнокии зарурӣ медиҳанд.

Омӯзиши паҳлуҳои раванди маърифатии мустақилона дар шакли худомӯзӣ нишон дод, ки, агар он ҳамчун ба омӯзиш ҳамрадиф сохта шавад, пас дар ин ҳолат омӯзиш на танҳо муҳтавои худомӯзиро, балки раванди онро ҳам муайян менамояд. Дар шароити худомӯзӣ ҳамрадиф дар аксар маврид маърифати мустақил вале нопурра мебошад, зеро ҳалқаҳои алоҳидаи он дар раванди кори омӯзишӣ амалӣ карда мешаванд. Ҳангоми азхудкунии мустақилонаи иттилооти иловагӣ донишҷӯ, одатан, ба он тасаввуроти амиқе такя менамояд, ки дар фанни мазкур ҳангоми машғулиятҳои амалӣ ва озмоишӣ бо роҳбарии омӯзгор ба даст овардааст. Ӯ маълумоти мустақилона ба даст овардаашро ба низоми донишҳое ҳамроҳ менамояд, ки дар дарсҳо ташаккул мёбад ва ин имкон медиҳад онҳоро назорат, аз нав идрок намояд ва такмил диҳад.

Омода намудани насли ҷавон ба худомӯзӣ ва зарурати омӯзонидани донишҷӯён ба маҳорати омӯзиши мустақилона дар тамоми давраҳои инкишофи мактаби олии таълимӣ мубрам буд. Гурӯҳи дидактикашиносон (Н.Г. Дайри, И.Я. Лернер, М.Н. Скаткин ва ва дигарон), дар мавқеи асосии таҳқиқоти худ на ҷанбаи ташкилӣ, балки ҷанбаи муҳтавоии кори мустақилонаи донишҷӯёнро мегузоранд. Бартарии он пеш аз ҳама аз ҷониби чунин мустақилии фикрӣ арзёбӣ карда мешавад, ки он дар донишҷӯ ҳангоми иҷрои корҳо зоҳир мегардад. Дар айни замон дар таҳқиқотҳои дидактикӣ муносибати нав дар баррасии проблемаи таҳсилот муайян карда шудааст, ки он имкон медиҳад сохтору мазмуни омӯзишро илман асоснок карда шавад (В.Л. Скалкин, Е.Э.Селетская). Муаллифони консепсияи дидактикии мазкур ба он такя менамоянд, ки мақсади асосии омӯзиш дар азхудкунии таҷрибаи иҷтимоӣ аз ҷониби донишҷӯён мебошад. Аз ин ҷост, ки муҳтавои омӯзиш бояд дар худ ин таҷрибаро таҷассум намояд ва он бояд дар шакле омода карда шавад, ки барои ба насли наврас пешниҳод намудан имконпазир бошад [156;248. 155;19].

Вазифаҳои маърифатӣ, махсусан корҳои эҷодӣ ба омӯзиши махсус дар асарҳои илмии баъзе муҳаққиқон (И.Я. Лернер, М.И. Махмутов, Д.В. Вилкеев) фаро гирифта мешавад. Кӯшишҳои таҳия намудани таснифи онҳо, ба вуҷуд овардани низоме, ки тарбияи фаъолнокии эҷодӣ ва мустақилиро барои ба даст овардани донишҳо таъмин менамояд, андешида мешаванд.

Бо сабаби он, ки донишҷӯ ҳамчун субъекти маърифат бештар мулоҳизакунанда гардид, пажӯҳишҳои махсус пайдо гардид, ки ба омӯзиши ҷанбаи раванди фаъолияти маърифатии донишҷӯён бахшида шудаанд. Дар ин робита таҳқиқоти Л.П. Аристова басо ҷолиб мебошад, ки фаъолнокии донишҷӯро дар раванди омӯзиш ба хусусияти маърифатӣ вобаста медонад.

Ба худи ҳамон проблемаи фаъолнокӣ аз тарафи равоншиносон Л.И. Божович, Н.А. Менчинская, Ю.А. Самарин ва дигарон ишора гардидаанд ва онҳо қайд мекунанд, ки – дониш ҳамеша натиҷаи нерӯи шахсии худи донишҷӯ мебошад.

Ин ба пажӯҳишгарон имкон медиҳад, ки омӯзгор бештар, назар ба давраи гузашта, дар бораи наздикшавӣ ва дар баъзан ҳолатҳо шабоҳат ёфтани намудҳои корҳои мустақилона қазоват намояд, то донишҷӯёнро ба ҷустуҷӯи донишҳо бо худомӯзӣ ҷалб намояд.

Фарқ миёни ин ду намуди фаъолиятро таъкид намуда, ба ҳар ҳол, мо эътироф менамоем, ки танҳо ба таври васеъ ворид намудани маърифати мустақилона ба раванди омӯзиш, имкон медиҳад масъала дар бораи омода намудани донишҷӯён ба худомӯзӣ заминаи воқеӣ хоҳад гузошт.

Қобили қайд аст, ки маҳз аз нуқтаи назари амалӣ намудани ин самти оядадор таҳқиқоти Г.С. Закиров таълиф шудааст, ки он ба масъалаҳои худомӯзӣ бахшида шудааст. Дар он муаллиф вазифаи ташаккули эҳтиёҷотро барои худомӯзӣ тавассути омӯзиш ҳал менамояд.

Бо тарбияи маърифати мустақилонаи донишҷӯён проблемаи омода намудани донишҷӯён ба худомӯзиро Л.Г. Кофтун вобаста намудааст. Масъалаи системаи фаъолнамоии раванди таълимро вазифаи ташаккул додани эҳтиёҷот ба худомӯзӣ дар асарҳои М.Г. Кузмина, Н.Г. Ковалевский, Б.Ф. Райский ҳаллу фасл карда шудаанд.

Айни замон проблемаи ташаккули маҳорати мустақилона кор кардани донишҷӯён ҳамчун шарти зарурии ба худомӯзӣ ҳамроҳ намудани онҳо ( таълифоти И.А. Редковетс, Н.Д. Рванова) ба таври васеъ баррасӣ карда мешавад ва дар робита бо ин, методҳои ташаккули чунин маҳоратҳо, ба мисли маърифати мустақил, маҳорати тартиб додани нақша, навиштани конспекти дарс, пешбурди қайдҳои корӣ таҳия карда мешаванд.

Ҳамаи ин таълифотҳо, бечунучаро, дар ҳалли проблемаи ташаккули омодагии донишҷӯён ба худомӯзӣ кӯмак мерасонанд, вале онҳо фаъолияти маърифатии худомӯзиро дар маҷмӯъ баррасӣ карда наметавонанд ва қодир нестанд, ки низоми омодагӣ ба онро пешниҳод намоянд.

Ташаккули шахсияти донишҷӯро баррасӣ намуда, мо таъкид менамоем, ки худомӯзӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии донишҷӯён нақши калон мебозад. Ба далели ташаккули ҷаҳонбинӣ дар давраи синну соли донишҷӯӣ ҳамаи

равоншиносон ва педагогҳо, ки масъалаи мазкурро омӯхтаанд, ишора менамоянд.

Тавре ки маълум аст, ташаккулёбии ҷаҳонбинӣ самти муайяни шахсияти донишҷӯро тавлид менамояд ва ба ҳамаи равандҳои равонӣ ва фаъолияти амалӣ дар ин синну сол осоре боқӣ мегузорад. Як зумра равоншиносон ва педагогҳо (Ю.А. Самарин, Н.Д. Левитов, С.Л. Рубинштейн, Т.Е. Конникова, Э. Штерн, Э. Шпрангер ва дигарон) дар таҳқиқотҳои худ рағбати донишҷӯёнро ба ҳалли проблемаҳои умумии маърифатӣ ва ошкор намудани арзишҳои ҷаҳонбинӣ ва ахлоқӣ қайд менамоянд.

Дар назарияи муосири таълим, таҳқиқоти зиёди дидактикӣ ба ташаккули шахсияти фаъол ва эҷодкори донишҷӯ равона карда шудаанд. Инкишофи ҳамаҷонибаи шахсияти инсони наврас бо шарофати иштироки ӯ дар намудҳои мухталифи фаъолият ба амал меояд. Дар илми педагогика ва дар амалия маҷмӯи назарраси таҳқиқот оид ба проблемаҳои алоҳидаи фаъолияти маърифатӣ, меҳнатӣ, бадеӣ, эстетикӣ, ҷамъиятӣ, фароғатӣ ва ташаббуси эҷодии донишҷӯён мавҷуданд.

Масъалаҳои вобаста бо ҷалб намудани донишҷӯён ба муошират дар муддати тӯлонӣ таҳқиқ гардиданд, ки дар онҳо зуҳуроти бисёрҷонибаи он ошкор шудаанд,ки онҳо ба мубодилаи таҷрибаю, донишҳои назариявии донишҷӯён мусоидат намуда, ба арзёбии амалҳои интиқодӣ ва амалҳои рафиқонашон водор мекунанд.

Ҳаёти инсон бидуни фаъолияти нутқӣ ғайри қобили тасаввур аст, ки он на танҳо ба мубодилаи донишҳо ва таҷриба, балки ба муошırати маънавии одамон мусоидат менамояд. Барои педагогика равандҳои таълим ва тарбия, умуман раванди педагогӣ, фаъолияти нутқӣ дорои имконоти беохир мебошад. Фаъолияти нутқӣ ба таври органикӣ ба ҳар гуна фаъолияти одамон ворид мешавад, дар бунёду, ташкили он иштирок менамояд. Нутқ ташаккул ва иброз намудани фикр бо воситаи забон мебошад ва чун натиҷа он дар матнҳое пешниҳод мегардад, ки донишҷӯён мазмуну маънои онҳоро бо шунидан ё хондан идрок менамоянд. Ҷанбаи маъноии нутқ дар забони англисӣ

ҳангоми тавсифи таҷрибаи ташаккулдиҳанда ба мавзӯи таҳқиқотӣ баррасӣ мегардад. Интихоби мавзӯъҳо дар доираи маводи омӯзиши забони англисӣ муайян карда шудааст. Мавзӯъҳо ба инкишофи нутқ таъсир мерасонанд ва имкон медиҳанд, ки онро чун ҷузъи мазмуни омӯзиши забони англисӣ тасаввур намоем.

Фаъолияти нутқӣ ҳамчун паҳлуи ҷудонашаванда ва ҳатмии раванди кори таълиму тарбиявӣ, ҳамчун омиле, ки ба қобилияту маҳорати таълимдиҳии омӯзгор алоқаманд аст, омӯхта мешавад. Мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Ин раванд ягонагии кори таълиму тарбиявиро таъмин менамояд.

Ташкили фаъолияти нутқии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши забони хориҷӣ дар заминаи забони модарӣ роҳбарии зарурӣро аз ҷониби ҳар як омӯзгор тақозо менамояд, ки бояд онро ҳамчун вазифаи ҷудонопазири иҷтимоӣ-педагогии фаъолияти фанниию касбии худ баррасӣ намояд.

Қобилияти коммуникативӣ (иттилоотӣ) – нутқии донишҷӯён иҷрои фаъолияти нутқӣ аст, ки он ба аз худ кардани дониш, маҳорату малакаҳои аз забони англисӣ дар заминаи забони модарӣ тавсиф дода мешавад ва яке аз омилҳои тайёрии касбии педагогии мутахассисон – омӯзгорони забони хориҷӣ барои муассисаҳои таҳсилотӣ мебошад. Қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён ҳангоми омӯхтани забонҳои хориҷӣ (русӣ, англисӣ, олмонӣ, фаронсавӣ, куриёӣ, хитоӣ ва ғайраҳо) ба инкишофи шавқу рағбат, шаклгирии ҷаҳонбинӣ, қобилияту истеъдоди эҷодкорӣ (адабӣ, санъати рассомию театрӣ ва ғайраҳо) таъсир расонда, сифатҳои иродавӣ-ахлоқӣ, ақлию зеҳнӣ ва эмотсионалӣ-эҳсосотии донишомӯзонро ташаккул медиҳад, барои чун шахсияти инкишофёфта ба камолрасии онҳо мусоидат менамояд. Худ нутқ, нутқронӣ, сухан кардан, гап задан фаъолияти иттилоотӣ-коммуникативӣ аст, ки чун воситаи забон муоширату муколама, баён кардани фикр ва донистани андешаю ақида, барқарор намудани муносибат бо гурӯҳ, ҷомеаи мутаалиқ ба он забон мебошад. Он робита бо дигар равандҳои психикӣ – эҳсос, идрок, диққат, хотир, хаёл, ифодагари сатҳи тафаккури инсон аст.

Маълум аст, ки дар сикли илмҳои забоншиносӣ, психология ва ғайраҳо фарқияти нутқ ва забон дар ду зерхат тавзеҳ дода мешавад: нутқ, нутқронӣ ин раванди иттилоотро додану гирифтан, яъне муошират; забон – маҷмӯи муайяни хусусиятҳои овозӣ, луғавӣ, грамматикие мебошад, ки ҳангоми муошират бо онҳо ҳатман риоя карда мешаванд. Забон ҳамчун асоси фаъолияти нутқронӣ мунтазам такмил меёбад ва яке воситаҳои аз насл ба насл додани таҷрибаи иҷтимоӣ, фарҳангӣ-таърихӣ ва инкишофи тафаккур мегардад. Инсон тамоми умр бо воситаи нутқ муошират намуда олами гирду атроф, аз он ҷумла ҳам забони модарии худ ва ҳам забонҳои дигарро дар асоси шунидан ва махсус дар раванди таҳсилу тадрис аз худ мекунад. Аз ин рӯ ҳангоми бо ҳаври мақсаднок омӯхтани забон дар раванди таълимии махсус ташкил карда шуда (дарс, машғулиятҳо бо истифодаи роҳу усул ва воситаҳои дастрас) сохтори овозӣ, луғавӣ, грамматикӣ, услуби гуфтору баёни он забонро омӯхта, ҳангоми нутқронӣ ба он риоя менамояд.

Ба ҳамаи забонҳои дунё воҳидҳои забонӣ – овозҳо хос мебошанд, ки ҳангоми нутқронӣ гунаҳои (вариантҳои) ба худ хосро вобаста ба чойгиршавӣ, маънои калима ва ба ҳиҷо тақсимшавии он оҳанги ба худ хосро мегирад, ки ба маъно ва муҳтавои нутқ таъсир мерасонад. Калима дар забон воҳиди ягонаи лексикӣ буда маъно, мақсад ва вазифаи муайянро иҷро намуда, дар ҷумла матн мантиқан бо ҳам пайваст гардидан ҳангоми фикри муайянро бо оҳангу лаҳни махсус ифода менамояд. Дар муошироти нутқӣ ҳам гӯянда ва ҳам шунаванда иштирок намуда иттилоот мегиранд ва иттилоотро ба шунаванда дастрас менамоянд.

Шунидану гуфтан, фаҳмидану иваз кардани иттилоот ҳама вақт ба риоя кардани қоидаҳои забонӣ асос меёбад, ки сарфи назар кардани онҳо дар таълими забонҳои хориҷӣ сабаби ба вуҷуд омадани мушкилот дар забономӯзӣ мегардад. Бо истифода аз нутқ ва риояи хусусиятҳои овозӣ, луғавӣ, грамматикӣ (синтаксисӣ), тарзу амалҳои фикрӣ, машқу тамринҳо ва ғайраҳо азхудкунии забони хориҷиро дар заминаи забони модарӣ таъмин мегардонад. Бояд қайд кард, ки таҳқиқу такмилёбии фаъолияти нутқронии

инсон ба яке аз масъалаҳои мубрами илмҳои физика, информатика ва ғайраҳо гардида соҳаи нави илми психология – психолингвистикаро ба миён овард, ки он имрӯз мубодилаи иттилоотро бо аломатҳо, амалҳои махсус, расмҳо, маводҳои оморӣ, нақшаву ҷадвал, овозу нишонаҳои махсус, тасвирҳо, бо воситаи радио, телевизион, телефонҳои мобилӣ, компютеру дигар технологияҳои иттилоотиро фаро гирифтааст. Ҳамаи ин аломату рамзҳо дар технологияи иттилоотӣ-муоширатӣ самтгирии умумиинсонӣ дошта ифодагари фарҳанги иттилоотӣ-шахсиятии хурду бузурги ҷомеа гардиданд. Бо истифода аз онҳо одамони синнусол ва касбу кори гуногун дар сомонаҳои иҷтимоӣ ба муошироти нутқию шифоҳӣ ва хаттӣ ворид гардида талаботҳои худро ба муошироту маърифат кардани оламу одам қонеъ мегардонанд.

Аз мутахассисони муосири дорои маълумоти олӣ вуҷуд доштани донишҳои амиқи касбӣ, сатҳи зарурии забондонӣ, салоҳиятмандии коммуникативӣ ва сатҳи муайяни фарҳанги муошироти нутқӣ талаб карда мешавад. Омӯхтани забонҳои хориҷӣ (русӣ, англисӣ ва ғайраҳо) дар раванди таҳсилоти олии касбӣ дар заминаи стандартҳои давлатӣ, нақшаю барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва маводҳои таълимии ёрирасон, дар ҷараёни махсус ташкил карда шудаи таълимӣ самаранокии омӯзиши забони хориҷӣ арзишмандии таълими тамоюли касбӣ ва ба шахсият нигаронидашударо таъмин менамояд.

Ҳамин тариқ, то имрӯз воситаҳои гуногуни рушди мақсадноки қобилиятҳои коммуникатсионии донишҷӯён вуҷуд доранд, аз ҷумлаи инҳо тренингҳо мебошанд, ки истифодаи технологияҳои ташаккули шахсият, инчунин омӯзиши фаъоли иҷтимоии коллективӣ ва барномаҳои махсусро дар бар мегиранд. Таҳлили барномаҳои гуногуни салоҳияти коммуникативӣ ба мо имкон медиҳад, ки хулосаи умуӣ аз рушди қобилиятҳои коммуникативӣ-нутқии оянда раванди динамикии табдили мақсаднок, прогрессивӣ ва сифатии ин падида дар раванди фаъолияти махсуси ташкилшудаи таълимии донишгоҳ ба вуҷуд меояд.

Ҳангоми инкишофи қобилиятҳои коммуникативии донишҷӯён ба мақсад мувофиқ аст, ки низоми дастгирии психологӣ-педагогӣ истифода бурда шавад, ки дар рафти он сифатҳои коммуникативии шахс такмил ёфта, иқтидори коммуникативӣ-нутқии онҳо дар раванди таълими касбӣ васеъ мегардад. Дар рафти дастгирӣ бояд чунин шароит фароҳам оварда шавад, ки дар онҳо донишҷӯ аз зарурати омӯхтани малакаҳои муоширати комуникативӣ-нутқӣ, доштани фаъолияти нутқии баланд ва дараҷаи баланди инкишофи қобилияти коммуникативӣ истифода барад.

## 1.3. Таҳлили ҳолати омӯзиши забони англисӣ дар заминаи забони тоҷикӣ аз рӯйи барномаҳои омӯзишӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забон» истифодабарии забони тоҷикиро ҳамчун забони двалатӣ дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар ва танзим менамояд. Дар Қонуни мазкур нишон дода шудааст, ки

забони тоҷикиро ҳамчун забони давлатӣ, новобаста аз забони таълим, дар ҳамаи мактабҳо ба ҳамон андозаи тибқи нақша пешбинида бояд омӯзанд [86].

Эълон намудани забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандонеро, ки забони модариашон дилхоҳ забони дигар мебошад, поймол намекунад. Дар баробари ин омӯзиши забонҳои хориҷӣ низ дар таҳкими забони модарии донишҷӯёни тоҷик мусоидат карда метавонад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президени Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарамЭмомалӣ Раҳмон бахшида ба Рӯзи омӯзгор 29 сентябри соли 2006 дар ҷаласаи тантанавӣ дар назди омӯзгорон баромад намуда, қайд намуданд: «Мо Барномаи давлатӣ дар бораи омӯзиши забонҳои русӣ ва англисиро қабул намудем. Вале донишҳои довталабон нишон медиҳад, ки ҳам Вазорати маориф, ҳам роҳбарияти шӯъбаҳои маориф ва муассисаҳои таълимӣ ба иҷроиши ин барнома аҳамияти кофӣ намедиҳанд. [136]

Дар асоси дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Президени Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон [136] ва нақшаву фармоишҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбарони муассисаҳои таълимии низоми маориф ва муттасадиёни соҳаи таълиму тарбия ӯҳдадор шуданд, ки масъалаи омӯзиши забонҳои русӣ ва англисиро зери назорати қатъии худ гирифта, барои довталабон курсҳои алоҳида, марказҳои хурд ва маҳфилҳои фаннӣ ташкил намоянд.

Талабот ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ зери таъсири рушди робитаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва фарҳангии миёни давлатҳо ба вуҷуд меояд. Омӯзиши забони хориҷӣ яке аз воситаҳои инкишофи тафаккури донишҷӯён мебошад. Ин маънои онро дорад, ки азхудкунии забонҳои русӣ, англисӣ, хитоӣ, ҷопонӣ, арабӣ ва дигар забонҳо вазифаи муҳим будаанд, вале пеш аз ҳама тамоми кӯшишҳоро ба харҷ медиҳем, то забони давлатӣ ба таври комил инкишоф ёбад. Ҷавононе, ки дар қарни XXI зиндагӣ менамоянд, аллакай имрӯз бо роҳи бисёрзабонӣ қадам мемонанд, ки дар сохтмони ҷомеаи наву комил хидмат менамоянд [138; 48].

Маълум аст, ки муҳтавои таълим барои тамоми намудҳои муассисаҳои олии таҳсилоти касбӣ аз рӯйи нақшаҳои таълимӣ ба низом даровардa мешаванд. Муҳтавои раванди таълим дар асоси талаботҳои нақшаи таълимӣ муайян ташкил карда мешавад, дар навбати худ он талаботҳои таълимӣ нисбат ба фанни таълимӣ ва дар китобҳои дарсӣ пешниҳодшуда, нусхаҳои электронии маълумотҳоро (видео-феҳристҳо, видеонаворҳо, барномаҳои компютерӣ) ба ҳисоб мегирад.

Дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ нақшаҳои таълимӣ бо як қатор вижагиҳо аз ҳамдигар вобаста ба тайёрии касбии донишҷӯён фарқ менамоянд:

1. Нақшаҳои таълимӣ ба амалишавии ҳадафи инкишофи ҳамаҷонибаи шахсияти мутахассиси оянда равона карда шудаанд. Бинобар ин, дар онҳо тақрибан миқдори баробари соатҳо оид ба фанҳои сикли гуманитарӣ, табиию риёзӣ ва касбии омӯзгорӣ ворид гардидаанд.

2. Муҳимтарин вижагии нақшаҳои таълимӣ барои навъҳои мухталифи муассисаҳои олии таълимӣ ягонагӣ ва давомат дар муҳтавои таҳсилот мебошад. Ин маънои онро дорад, ки новобаста аз шакли муассисаи таълимӣ, аз қобилият ва хоҳиши донишҷӯ, ҳар кадоме бояд минимуми ҳатмии асосҳои илмҳоро аз худ намояд.

3. Ба ҳар як фанни таълимӣ, ҳаҷм ва муттасилии гузаштан аз курс ба курс муайян карда шудааст. Аз рӯйи нақшаи таълимӣ ҷойгиркунии низомнок ва пайвастаи фанҳои муассиса сатҳи илмии омӯзишро ва тайёрии касбиро муайян менамояд.

Дар нақшаи таълимии аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, ҳадафҳои матраҳшуда, ки аз болои консепсияи ташаккули муҳтаво ифода гардидааст, дарҷи худро ёфтаанд. Он бо дарназардошти қоидаҳои раванди таълиму тарбиявӣ, талаботи беҳдоштию дар асоси баҳисобгирии қонуниятҳои ташкилу роҳбарӣ ба раванди кори таълиму тарбиявӣ, риоя намудани талаботҳо ба тозагию беҳзистӣ ва ташкилӣ, анъанаҳои мавҷуда таҳия карда мешавад.

Албатта, муҳтавои фанни таълимӣ дар барномаи он муайян карда мешавад. Барномаи таълимии омӯзиши забони англисӣ барои ҳар як омӯзгор барномаи ҳатмии давлатӣ мебошад, ки аз тарафи Вазораи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст. Дар барнома мантиқи омӯзиши ғояҳои асосии курс бо нишон додани пайдарҳамии масъалаҳо, мавзӯъҳо, тақсим намудани вақт барои азхудкунии инҳо пешниҳод шудааст. Дар тавзеҳномае, ки аз он худи барнома оғоз мегардад, вазифаҳои фанни мазкури таълимӣ баррасӣ мегардад, имкониятҳои тарбиявии он, нишондодҳои методӣ барои таълимдиҳӣ пешниҳод мешавад.

Ҳамин тавр, бо такя ба сиёсати миллии соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва меъёрҳои Стратегияи миллии рушди таҳсилот Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 баҳри беҳбудии низоми раванди таълим, хусусан бо ҷалби омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ, баланд бардоштани сифати таълими мутахасиссони баландихтисоси педагогӣ-касбӣ, таъминоти маводи назариявию методӣ барои ташаккули маҳорати комуникативӣ-нутқии кадрҳои низоми таҳсилот дар ин самт, ҳамчун муҳимтарин аз вазифаҳои мубрами дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, муайян карда мешавад. Мутобиқсозии раванди таҳсилот ба талаботи замони муосир, ки дар ҷумҳурӣ роҳандозӣ мегардад, пеш аз ҳама навсозии муҳтавои таҳсилотро дар назар дорад. Ба ҳамин маънӣ ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқӣ дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ, ки яке аз воситаҳои муассири бартарафсозии маҳдудиятҳо мебошад, хусусан, забони англисӣ ба ҷузъи таркибии ҳатмии маълумоти миёна ва олӣ табдил ёфта истодааст.

Барои интихоби мавзӯи таҳқиқотии мазкур, ғояи ташаккулёбии тафаккур ва инкишофи нутқ дар пажӯҳишҳои фалсафӣ ва психологию педагогӣ дар бораи қонуниятҳои инкишофи шахсият ва тафаккури ӯ дар самти мазкур сабаб гардид ва дар баробари ин соҳаҳои мухталифи инкишофи шахсият, синну сол, қонуниятҳо ва зинаҳои инкишофи ӯ ба инобат гирифта шуд. Бисёр олимону муҳаққиқони соҳаи педагогика ба

робитаи байниҳамдигарии ташаккули тафаккури мустақилона ва инкишофи нутқи донишҷӯён аҳамияти зиёд медиҳанд. Зеро дар марҳилаи начандон калон, таҷрибаи мусбат ва анъанаҳо дар омӯзиши проблемаи мазкур арзи вуҷуд намуданд, ки дар маҷмӯъ барои инкишофи илм дар ҷомеа ва такмилу навсозии таъминоти техникии муассисаҳои олии таҳсилоти касбӣ, азхудкунии соҳаи мазкури донишҳои илмӣ ҳамчун ҷузъи таркибӣ ва ҷудонашавандаи тамоми илми педагогӣ мусоидат менамояд.

Дар ҷомеаи демократии мо, ки методҳои наву такмилёфтаи таълим хуб пазируфта мешаванд, проблемаи мазкур бояд ҷойгоҳи сазовори худро дар рушди илми педагогика ишғол намояд. Тамоюл ба азхудкунии забони хориҷӣ як навъ рамз ё нишонаи замон, талаботи ҳаёт, зарурати воҷиб барои насли ҷавон мебошад. Забони англисиро омӯхтани насли наврас муносибатҳои миёни халқҳоро осон мегардонад ва ба барқароршавии робитаҳои дӯстӣ, ҳамкорӣ ва фарҳангӣ миёни кишварҳо мусоидат менамояд. Омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мақсадҳои амалӣ, тарбиявӣ, таълимӣ ва рушду ривоҷдиҳандаро дорад, ки дар заминаи он амалишавии мақсадҳои дурнамои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайгирӣ карда мешаванд.

Ҳамаи барномаҳо бо дарназардошти муҳимтарин талаботи дидактикӣ таҳия карда мешаванд. Дар интихоби маводи барномавӣ дидактикаи мо ба талаботи ҷомеа, аз зарурати ба донишҷӯ додани арзишҳои муосири илму фарҳанг ва ташаккул додани шахсияти ба ҷомеа лозимбуда, асос ёфтааст. Аз ин лиҳоз, барномаи таҳсилотӣ бояд ба сатҳи пешрафти илми муосир ва вазифаҳои тарбиявии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бояд ҷавобгӯ бошад.

Мутобиқи мақсад ва вазифаҳои умумии дар Стандарти давлатӣ зикргардида вазифаҳое муайян карда мешаванд, ки омӯзгор дар доираи ҳар як соҳаи таълим амалӣ менамояд, аз он ҷумла дар омузиши забони модарӣ ва дар заминаи он омӯзиши забони хориҷӣ. Натиҷаҳои омӯзиши забонҳо бояд ба ташаккули салоҳиятҳои асосии донишҷӯён мусоидат

кунанд. Дар раванди ташаккули салоҳиятҳои асосӣ натиҷагириҳои интизорӣ бояд ҳосил шаванд. (Ниг.: Ҷадвали 2)

***Ҷадвали 2***

| № р/т | Салоҳиятҳои асосӣ | Натиҷаҳои интизорӣ |
|---|---|---|
| | Муошират ба забони давлатӣ<br>А) Малакаҳо:<br><br><br><br><br><br><br><br><br><br><br><br>Б) Муносибат:<br><br>в) Захираҳои таълимӣ: | саволҳо ва мушкилотро эътироф кардан; фикр кардан, дар асоси маълумоте, ки дар шаклҳои гуногун (дар шакли матн, ҷадвалҳо, диаграммаҳо, графикҳо) пешниҳод шудааст, хулоса барорад; матни супоришҳоро (даҳонӣ ва хаттӣ) дарк, шарҳ додан ва тағир додан, бо забони модарӣ бомаҳорат сухан гуфтан; дар нутқ истифода бурдани истилоҳот аз мавзӯъҳои алоҳида, мухтасар ва возеҳ баён кардани андеша, баҳс кардан, дурустии гуфтаҳоро исбот кардан бамаврид ва дуруст аст; канорагирӣ аз вомҳои ғайристандартии забони хориҷӣ ҳангоми муошират оид ба мавзӯи муайян; захираи луғавии худро пурра кунед<br>дарки аҳамияти формулаҳои аниқ ва возеҳ таъриф,<br>мураттабсозии хосиятҳо, исботи қоидаҳо, теоремаҳо |
| **2** | Муошират бо забонҳои хориҷӣ<br>А) Малакаҳо:<br><br><br><br><br><br><br><br><br><br><br>Б) Муносибат:<br><br><br><br>В) алоқа; | муошират кардан дар доираи соҳаҳо, мавзӯъҳо ва ҳолатҳое, ки барномаи таълимии ҷорӣ муайян кардааст; маънои матнҳои аслиро бо гӯш фаҳмидан; хондан ва фаҳмидани матнҳои аслии жанрҳо ва навъҳои гуногун бо сатҳҳои гуногуни дарки мундариҷа; мувофиқи вазифаҳо хаттӣ муошират кардан; дар мавриди зарурат бо назардошти нарасидани воситаҳои забонӣ аз воситаҳои муошират ғайривербалӣ истифода баред; мувофиқи эҳтиёҷоти гуногун стратегияҳои муошират мувофиқро интихоб ва татбиқ кунед;<br>аз нигоҳи интиқодӣ баҳодиҳии иттилоот ва истифодаи он барои мақсадҳои гуногун; фикр, ҳиссиёт ва муносибати худро баён кунанд; бо дигарон шифоҳӣ, хаттӣ ва электронӣ самаранок муошират кунед;<br>стратегияҳои таълимро барои омӯзиши |

| | | |
|---|---|---|
| | В) Захираҳои таълимӣ: | мустақилонаи забонҳои хориҷӣ самаранок истифода баранд; таҷрибаи андухтаи забони модарӣ ва дигар фанҳоро ба таври бояду шояд истифода бурда, онро ҳамчун воситаи бошуурона азхуд кардани забони хориҷӣ мешуморанд.<br>китобҳои дарсӣ, луғатҳо, маълумотномаҳо, воситаҳои мултимедиявӣ, дигар матнҳои мутобиқшуда. |

Дар тартиб додани барномаҳо роҳҳои оқилонаи ҷойгирнамоии маводи таълимӣ, пайдарҳамии бобҳо ва мавзӯъҳо, ки ба имкониятҳои маърифатии донишҷӯён ҷавобгӯ мебошанд, аҳамияти калон доранд.

Маълум аст, ки барои барномаҳо оид ба забони англисӣ баҳисобгирии робитаҳои байнифаннӣ ҳатмӣ аст. Чунончи, дар машғулиятҳои забони англисӣ омӯзгорон аз маводҳо мутаалиқ ба фанҳои ҷуғрофия, адабиёт, забоншиносӣ, таърихи забони хориҷӣ истифода мебаранд ва умумияту фарқияти забони англисиро бо забони модарӣ (давлатӣ) муқоиса менамоянд.

Зарурати робитаҳои байнифаннӣ дар худи табиати тафаккур ниҳон мебошад, ки он аз ҷониби қонунҳои равоншиносӣ, физиология ва педагогика илқо мешавад. Дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ, забони модарӣ дар шуури таълимгиранда ҳузур дорад, забони хориҷиро бо дараҷаи зарурӣ надониста, кӯшиш менамояд бо забони модариаш фикрронӣ намояд. Бинобар ин забони модариро дар омӯзиши забони хориҷӣ истифода бурдан мумкин аст. Ин махсусан ҳангоми омӯзиши грамматика аҳамияти хоса дорад. Чунки дар раванди омӯхтани забони хориҷӣ дар дарс забони модарӣ ба ҳайси ёвари боэътимод баромад менамояд. Забони модариро дар омӯзиши шаклҳо ва сохтаҳои забони хориҷӣ, тавзеҳ додани маъноҳои лексикӣ ва ибораю ҷумлаҳо истифода бурдан имконпазир аст.

Барномаи таълимии забони англисӣ аз тавзеҳот ё худ мактуби эзоҳӣ ва худи барнома иборат аст, ки дар қисмати аввали он кор оид ба

инкишофи намудҳои нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ, нутқи мураттаб ворид карда шудаанд. Намудҳои нутқи шифоҳӣ вобаста ба вазифа ва маънои матнҳо ҳикоя, тасвир намудан, муҳокимарониро дар бар мегирад. Навиштани намуди кор оид ба инкишофи нутқи хаттӣ ин иҷрои супоришҳо; машқҳои луғавӣ, ҷумласозӣ, навиштани иншо, нақли хаттӣ ва ғайраҳо мебошад.

Шумораи маҳдудшудаи соатҳои таълимии ҳафта аз амалияи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ, теъдоди барзиёди донишҷӯён дар гурӯҳ (зиёда аз 25 нафар) имкон намедиҳанд таҷрибаи зарурии нутқиро таъмин намуд, ки он на танҳо татбиқи мақсадҳои амалиро мураккаб менамояд, балки имкониятҳои тарбиявиро, ки ба фанни “забони хориҷӣ” вогузор карда шудааст, маҳдуд менамояд ва мушкилиҳо дар иҷрои вазифаҳои дарпешгузоштаро ба миён меорад. Он захираи ғайрикофии воситаҳои лексикӣ ва грамматикӣ, ки дар муассисаи олии таълимӣ донишҷӯ аз худ карда метавонад, имкон намедиҳанд, ки маводи таълимиро ба вижагиҳои синну солӣ ва шавқу рағбати донишҷӯён мутобиқ намуд.

Тибқи барномаҳои таълимӣ воситаҳои таълимӣ-китобҳои дарсӣ, дастурҳои ёрирасони методию таълимӣ ва аёниятҳои таълимӣ тартиб дода мешаванд. Воситаҳои омӯзиш – ин воситаҳо ва маводи махсус таҳияшудаи дорои ҷанбаҳои гуногуни таълимӣ, тарбиявӣ-инкишофдиҳандагӣ мебошад, ки ба омӯзгор дар идора намудани фаъолияти маърифатию амалии донишҷӯён кӯмак мерасонанд.

Тавре, ки маълум аст, бозсозии муҳтавои таҳсилот, раванди табии буда, он дар тағйир ёфтани китобҳои дарсӣ низ ифода мегардад, ки онҳо ба талаботи нав мутобиқ шудаанд. Дар китобҳои дарсӣ маълумот оид ба комёбиҳои охирини илм ва фарҳанг овардашуда, ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ мустаҳкам ва маълумоти кӯҳнашуда бартараф карда мешаванд. Тарзи баён тавре сохта мешавад, ки ҳангоми риоя намудани низоми ҷойгиршавии маводи таълимӣ донишҷӯро ба омӯхтан бояд шавқманд, барои фикррониӣ водор намояд, ҷаҳонбиниашро густариш медиҳад ва ба мустақилона омӯхтани донишҳо роҳнамоӣ мекунад.

Албатта, муҳтавои таҳсилот дар адабиёти таълимӣ муфассал кушода мешавад. Ба он инчунин маълумотномаҳо китобҳо барои хониши иловагӣ, китобҳои мусаввар, харитаҳо ва ғайра мансуб мебошанд. Натиҷаи омӯзиш, бидуни баҳс, ба сифати адабиёти таълимӣ вобастагӣ дорад, аз ин лиҳоз, ба таҳияи васоити самараноки васоити таълимӣ аҳамияти калон дода мешавад, ба кори таҳия ва нашри китобҳои таълимӣ мутахассисони барҷаста ҷалб карда мешаванд.

Дар раванди омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои олии таълимӣ ташаккулёбии малака ва маҳорати нутқӣ ва ҳам азхудкунии маводи муайяни забонии дар барнома муқаррар гардида ҳамчун объектҳо ба ҳисоб мераванд. Ба ҳисобгирии бонизоми инкишофи тадриҷии фаъолияти нутқии ҳар як донишҷӯ ба омӯзгор имконият фароҳам меорад, ки пайваста дараҷаи азхудкунии маводи нави таълимиро аз ҷониби онҳо ошкор намояд ва дар асоси иттилооти ба даст омада, мутаносибан, раванди таълимро ислоҳ ва тасҳеҳ намояд. Новобаста аз аҳамияти истисноии назорат барои ба низом даровардани раванди омӯзиш, ин масъала то кунун дар методикаи омӯзиши забони хориҷӣ дар муассисаи олии таълимӣ ба таври васеъ инъикоси худро наёфтааст.

Дар шароити муосир омӯзиши асосҳои азхудкунии амалии забони хориҷӣ дар муассисаи олии таълимӣ, тавре ки дар ин бора таҳқиқоти охир дар ин соҳа шаҳодат медиҳанд, танҳо бо он маҳдуд мешаванд, ки ташаккули механизмҳои нутқии зарурӣ ба даст оварда мешаванд.

Азбаски азхудкунии маводи забонӣ басо ба мушкилӣ амалӣ карда мешуд ва тибқи барнома, дар охири таҳсил захираи лексикии донишҷӯён тахминан 1500 воҳидро ташкил намояд, пас, табиист, ки мавод барои хониш рағбат ва талаботи донишҷӯёнро қонеъ карда натавонист. Вобаста ба маҳорат дар нутқи монологӣ ва диалогӣ бошад, ҳаминро гуфтан мумкин аст, ки талабот ба онҳо дар сурати ҷудо намудани чор кредит дар як ҳафта дар курсҳои болоӣ, аз талабот дар бахши якум тақрибан тафовут нахоҳад дошт.

Методикаи муосири таълимдиҳӣ раванди омӯзиши забони хориҷиро ҳамчун фаъолияти коммуникативию маърифатӣ баррасӣ менамояд, ки дар ҷараёни он донишҷӯён воситаҳои забон ва намудҳои асосии фаъолияти нутқиро бо забони хориҷӣ азхуднамуда, таҷрибаи ҳалли мустақилонаи вазифаҳои нутқию фикриро меандӯзанд, яъне, иттилоотро дархост намудан, онро хабар додан, фикру хоҳишашонро баён намудан ва ғайраро меомӯзанд. Донишҷӯён амалҳои хондан, хулоса баровардан, дарк намудан ва азхуд кардани иттилоотро аз матн меомӯзанд, донишҳои худро оид ба соҳаҳои мухталифи ҳаёт - илм, санъат, истеҳсолот ва ғайраҳоро дар муассисаҳои миёнаи таҳсилотӣ умумӣ ва дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ густариш дода, минбаъд таҷрибаи иҷтимоии худро бояд ғанӣ созанд.

Вале, мо аз он хуб огоҳ ҳастем, ки дар амал донишҷӯён дониши ба қадри кофӣ мустаҳками воситаҳои забонӣ ва нутқиро надоранд, дар ҳалли вазифаҳои коммуникативӣ бо истифодаи нутқи шифоҳӣ душворӣ мекашанд. Дар донишҷӯён малакаҳои хондан ва чунин коркарди маъноии иттиллоот, ки имкон диҳад дар матни хондашуда ҷанбаи муҳими онро ҷудо намоянд ва истифодаи иттилооти андухта дар фаъолияти шахсӣ ба қадри кофӣ истифода баранд ташаккул дода нашудаанд. Ба ақидаи мо, сабабҳои чунин ҳолат (дар баробари дигар сабабҳо) аз он иборат аст ки:

- ҳадафҳои ҳар як марҳилаи раванди кори таълиму тарбиявӣ ба таври кофӣ мушаххас ва муфассал карда нашудаанд;
- дар раванди таълим фаъолияти бозтавлидкунанда афзалият дорад;
- ба тафриқасозӣ ва ба низом даровардани мавод бо дарназардошти амалкарди он дар намудҳои мухталифи фаъолияти нутқӣ, ташаккули маҳорати дидани вазифаҳои коммуникативӣ дар якҷоягӣ бо воситаҳои забонӣ, ки барои ҳалли он заруранд, аҳамияти зарурӣ дода намешавад;
- аҳамияти зарурӣ дода нашудаанд ба ташаккули маҳоратҳои умумӣ ва махсуси таълимӣ, аз ҷумла маҳорати кор кардан бо китоби дарсӣ, бо дастгоҳои маълумотдиҳӣ, адабиёти маълумотномавӣ ва ғайра.

• таъминоти ғайрикофии маромнокии фаъолияти омӯзишии донишҷӯён.

Барои бартарафсозии мушкилотҳои донишҷӯён ба омӯзгор лозим аст пурзӯр намудани ҳадафмандии машғулиятҳо дар ягонагии он бо корҳои хонагӣ ва беруназдарсӣ, таҳлили ҳамаи силсилаи машғулиятҳо аз рӯйи боби (мавзуъ) китоби дарсӣ, бо мақсади ворид намудани ислоҳоту тасҳеҳоти муайян дар амали банақшагирӣ зарур аст. Масалан, тағйир додани пайдарҳамии кор ё ҷанбаи он, вобаста аз талаботи курси муайян, ворид намудани маводи иловагӣ, ё баръакс, тағйир додану иваз намудаи онро пешбинӣ намудан ва ғайра. Ин ба таври амиқ омода намудани вазифаҳои ҳар як машғулият ва таносуби ин вазифаҳоро бо вазифаҳои ҳалшаванда дар машғулиятҳои қаблӣ дар назар дорад, то ки муайян карда шавад, ки оё дар гурӯҳ заминаҳои бартарафсозии мушкилотҳо мавҷуд аст ё на.

Барои донишҷӯёни курси дуюми ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода иҷрои он вазифаҳое, пешниҳод карда мешаванд, ки ба ташаккули усулҳои мустақилона ошкор намудани донишҳои нав, гурӯҳбандии захираи луғавӣ аз рӯйи нишонаҳои мавзӯӣ, усулҳои ба низом даровардани падидаҳои граматикӣ ва лексикӣ бо дарназардошти нишонаҳои дифференсиалӣ (рамзӣ ва функсионалӣ) равона карда шудаанд. Донишҷӯён арзёбӣ менамоянд, ки ба кадом андоза он вазифаҳо, ки бо ягон намуд фаъолияти амалӣ алоқамандӣ доранд, аз ҷумла, дар самти мустақилии беруназдарсӣ аҳамиятнок ва ҷолибанд, арзишманд ҳастанд.

Дар таҷрибаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ донишҷӯён ҳангоми омӯзиши забони хориҷӣ кор аз болои хондани матнҳоро дар аксар маврид дар машқҳои қироатӣ дуруст анҷом медиҳанд. Ҳангоми омӯзиши хондан усулҳое ҷойгоҳи асосиро ишғол менамоянд, ки семантикаи мустақилонаи воҳидҳои ношиноси забонӣ, луғати дузабона, ҳаҷми тасаввуротҳо, образҳо таҷрибаи ҳиссиётҳои отифавӣ ва ғайраро меомӯзанд. Ин усулҳо дар якҷоягӣ дарки матнҳоро таъмин менамоянд, ки дар маводи забонии

омӯхтанашуда мавҷуд аст. Инчунин, усулҳое лозиманд, ки маҳорати сарфи назар намудани падидаҳои забонии омӯхташавандаро бидуни осебрасонӣ ба дарки маънои умумии маводи хондашавандаро таъмин менамояд Масалан, истифода набурдани калимаи ношинос, агар он барои дарк намудани маънои маводи хондашаванда халал нарасонад.

Дигар самти тафриқаи усулҳои омӯзиш бо дарназардошти марҳилаи ташаккули амалҳои нутқӣ робита дорад. Дар марҳилаи аввал (шиносоӣ) мақоми пешбарандаро усулҳои омӯзиши таъминкунандаи фаъолияти самтгирии донишҷӯён, ки ба дарки вобастагӣ ва муҳтавои гуфтаҳо аз мақсадҳо ва шароити ҳамоҳангии нутқӣ равона карда шудааст, вобастагӣ дорад. Дар марҳилаи навбатӣ, ки ба тамрин равона шудааст, мақоми пешбаранда ба усулҳое дода мешавад, ки ба таҳия ва коркарди матнҳо барои нақлкунӣ дар доираи ҳолатҳои таълимию нутқӣ майл дода мешаванд ва майлу рағбати донишҷӯ ба ҳисоб гирифта мешаванд. Масалан, маслиҳат дода мешавад, ки сухангӯиро чӣ гуна оғоз намуд, ба рафиқ чӣ гуна муроҷиат намуд, сухангӯиро дар кадом ҳолат ва чӣ гуна ба анҷом расонд, дар ҳолати мураккаб чӣ бояд кард ва ғайра. Дар марҳилаи амалияи таҷрибаи нутқӣ аҳамияти афзалиятнокро мо ба усулҳое медодем, ки ҳалли якҷояи вазифаҳои коммуникативӣ аз ҷониби донишҷӯён дар шароити тағйирёбандаи муоширот таъмин карда мешавад. Масалан, чӣ гуна диалог-пурсиш, диалог-мубодилаи афкорро пеш бурд ва ғайра.

Дар таҷрибаи омӯзиши забонҳои хориҷӣ бо донишҷӯёни курсҳои болоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, истифодабарии шаклҳои фронталии корҳо ба таври васеъ маъмул шудаанд. Онҳо ҳангоми гузоштани вазифаҳо ва ташкили корҳо вобаста ба қабули маводи нави таълим чӣ нутқию забонӣ ва чӣ матнӣ, машғулиятҳо, истифода мегарданд.Дар ҷараёни онҳо тамрин, мустаҳкамкунӣ ва ҷамъбасткунии маводи забонӣ, дар марҳилаи истифодаи малакаю маҳорат, ҳангоми санҷиш ва таҳлили муваффақиятҳо мавқеи хосаро ишғол менамоянд. Вале ба сабаби сатҳи гуногуни омодагии донишҷӯён, инчунин бо сабаби

вижагиҳои инфиродӣ “ҷабҳаи ягонаи” корҳоро таъсис додан имконпазир нагардид.

Дар таҳқиқотҳои олимони хориҷию ватанӣ масъалаи омӯзиши забони модарию (русӣ, тоҷикӣ) хориҷӣ ва инкишофи маҳорати нутқронии донишҷӯён дар зер хати мақсаду вазифаҳои тадқиқотии муҳақиқон мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дода шудааст.

Таҳлили монографияҳо ки ба омӯзиши забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (оид ба инкишофи нутқ) дар курсҳои болоии муассисаҳои олии таълимии Тоҷикистон дахл доранд, нишон дод, ки муаллифон асосан масъалаи сифати инкишофи нутқи донишҷӯёнро матраҳ менамоянд [56; 58]. Муаллифон дар бораи мухтавонокии нутқи донишомӯзон ҳангоми баён намудани ин ё он мавод изҳори ақида кардаанд. Маводро барои нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ аз китобҳо, мушоҳидаҳо, таҷрибаи шахсии ҳаётӣ интихоб намуда, донишҷӯ бояд онро бо мутобиқати пурра бо воқеият дуруст иброз намояд. Вале ин кам аст, бояд кайд кард, ки донишҷӯён танҳо бо муқаррар намудани ҳолат маҳдуд нашаванд, балки муносибати шахсии худро нисбат ба он изҳор намоянд. Хеле муҳим аст, ки дар донишомӯзон муносибати арзёбандагиро нисбат ба ҳолатҳои тасвиршаванда тарбия намуд. Бояд ба ҷониби ғоявии нутқи донишҷӯён аҳамияти зарурӣ дод. Ба андешаи С.Н.Алиев, донишҷӯёнро барои дарёфти шакли беҳтарин барои баён намудани мухтавои муайян тарбия намуд, то ки онҳо самаранокии зиёдтари нутқро ба даст оранд. Тибқи иҷрои ин вазифа чунин сифатҳои нутқ тарбия карда мешаванд: а) мантиқӣ будан (дақиқӣ, амиқӣ ва возеҳӣ, ҳамбастагӣ, муттасилӣ, асоснокӣ); б) образнокӣ в) ифоданокии отифавӣ. Ин сифатҳо дар ҳеҷ ҳолат ба якдигар мухолифат наменамоянд ва метавонанд дар як гуфтор ҷой дода шаванд. Вале вобаста ба мақсаднокии нутқ ин ё он сифат арзиши махсусро метавонад касб намояд: дақиқӣ, муттаасилӣ, асоснокии – андешаҳо ҳангоми интиқоли донишҳо, ва исботкунии онҳо, мулоҳизаҳо; образнокӣ - ҳангоми тасвири зиндаи далелҳо; ифоданокии отифавӣ дар ақидаҳо, ки

ҳадафи онҳо бовар кунонидани шунаванда ё хонанда оид ба ягон чизи ба иродаи ӯ таъсир расонанда мебошад [8;370].

Монографияи М.Б. Шаҳобова «Бо ёрии омӯзгори забони англисии гурӯҳҳои тоҷикӣ», ки барои омӯзгорони забони англисӣ, аспирантҳо ва донишҷӯёни факултетҳои забонҳои хориҷии ҷумҳурӣ пешбинӣ шудааст,андешаҳои арзишманд пешниҳод кардааст. Онро метавон ба филологҳое, ки ба масъалаҳои грамматикаи қиёсӣ ва ба шахсоне, ки ба омӯзиши мустақилонаи забони англисӣ машғуланд, тавсия додан. Дар китоб аз нуқтаи назари қиёсӣ очерки мухтасари грамматикии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, инчунин маслиҳатҳои методӣ ва тавсияҳои қобили қабул барои омӯзгорони забони англисӣ ироа мешавад [181; 157]. Ба гуфтаи Ладиженская Т.А. бошад: "Низоми кор оид ба инкишофи нутқи шифоҳии донишҷӯён" ба масъалаҳои камтаҳқиқшудаи инкишофи нутқи шифоҳии донишҷӯён бахшида шудааст.[94;256]

Дар зимни пешниҳоди низоми кор оид ба инкишофи нутқи шифоҳии донишҷӯён муаллиф таъкид менамояд, ки чиро бояд омӯзонд, кадом маҳоратҳоро бояд ривоҷ дод ва дар асоси онҳо дигар методҳои кор оид ба инкишофи нутқи шифоҳиро пешниҳод менамояд. [94; 256].

Дастурномаи таълимии В.Е. Мамушин «Асосҳои психологию методии инкишофи нутқи мураттаби донишҷӯён» барои донишҷӯёне, ки дар семинарҳои махсус иштирок мекунанд ва мавзӯи онҳо бо масоили омӯзиши хусусиятҳои нутқи донишҷӯён вобастаанд, тавсия шудааст [105;139]. Муаллиф дар назди худ вазифа гузоштааст, ки хонандаро бо «техникаи» таҳлили нақли хаттӣ ва иншоҳо ошно намояд ва нишон диҳад, ки чӣ гуна дар амал фарзияҳои таҳқиқоти педагогӣ дар соҳаи методикаи инкишофи нутқи донишҷӯи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ амал намояд ва санҷида мешавад.

Воситаи таълимии Е.П. Кириллова ва Б.Т. Лазарева «Воситаи таълимӣ аз амалияи нутқи шифоҳӣ» низ барои донишҷӯён пешбинӣ карда шудааст ва он мутобиқ ба барномаи курси «Амалияи нутқи шифоҳӣ ва

хаттӣ» сохта шудааст ва дар он расмҳои мавзӯъҳои мутаалиқ ба машғулиятҳои амалӣ ба мустаҳкам намудани лексика ва инкишофи малакаву маҳорати нутқи шифоҳӣ равона карда шударо, дарбар мегирад [83; 43].

Дастури таълимии дигари Е.П. Кириллова «Суҳбатҳо дар мавзӯъҳои маишӣ» бошад, мақсади инкишофи нутқи ё худ пурра аз худ намударо омоданашуда аз рӯйи мавзӯъҳои ҷанбаи маишӣ дошта дарбар мегирад. Пешгирии хатоҳои имконпазир бо низоми махсуси машқҳо бояд таъмин карда мешаванд [82; 144], ва воситаи таълимии Т.А. Ладиженская дорои маводи назариявӣ ва амалӣ оид ба азхудкунии муҳимтарин маҳоратҳои касбӣ аз ҷониби донишҷӯён – нутқи шифоҳӣ ҳамчун воситаи омӯзиш ва тарбия арзёбӣ мегардад [94; 256].

Муҳаққиқони тоҷик Х.М. Маҳматқулов [110; 16.], Ф. Искандарова [71; 28] ба мисли муҳаққиқи дориаи илмии рус А.Н. Ксенофонтова [91; 18] масъалаҳои фарҳанги нутқро мавриди баррасӣ қарор додаанд, ки онҳо истифодаи воситаҳои забон ва нутқро дар назар доранд. Онҳо ҷанбаи идроки фарҳанги нутқ, ки ҳамчун меъёрию услубӣ ба ҳисоб меравад, барои эҳтиёҷоти амалии ҷомеа хеле муҳим арзёбӣ мекунанд.

Ҷабҳаҳои гуногуни таълими забони хориҷӣ, инкишоф додани маҳорату малакаҳои нутқронии донишҷӯён – омӯзгорони оянда дар як қатор таҳқиқотҳои олимони тоҷик, ки дар солҳои охир аз тарафи С.Н.Алиев, А.Д.Қаюмов, Г.Г.Қаршиева, Б.Б.Қаробоев, Л.В.Саидова, Р.К.Рузайлов, У.А.Саломов, М.М.Утаев, И.Эмомов, Р.М.Кучамов, М.Сангинова, Г.С.Алиева, А.Байдуллоев ва дигарон анҷом дода шудаанд, мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дода шудаанд. Масъалаи ташаккулёбии салоҳияти коммуникативии омӯзгорони забони хориҷӣ дар системаи маорифи Ҷумҳурии исломии Эрон муҳаққиқони ин кишварро низ ба худ ҷалб намудааст [186;179].

Дар заминаи омӯзиш ва таҳлили таҳқиқотҳои олимон, вазъи иҷрои нақшаҳои таълимӣ, барномаҳои фаннии омӯзиши забони англисӣ

китобҳои дарсию маводҳои дигари таълимӣ, вазъи кунунии таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ, махсусан, дар ҷабҳаҳои ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён мо муайян намудем, ки талабот нисбат ба дарсҳои муосири забони хориҷӣ доир аз вазифаҳои раванди педагогӣ аз рӯйи фанни мазкур бармеояд. Ҳангоми арзёбии фаъолияти донишҷӯён такя намудан ба муносибати мусбат ва хайрхоҳонаи онҳо ва ислоҳ намудани хатоҳо бо роҳи нишон додани гунаи (варианти) дуруст, пурсиши такрорӣ ва ғайра тарҳрезӣ намуда, дар он:

• сохтори (қисмҳои) машғулиятҳо бо назардошти зарурияти додани супориш барои фаъолияти банақшагирифташуда дар оғози машғулият;

• гузариши мантиқии коммуникативии арзишманд ҳангоми гузаштан аз як қисм ба қисми дигари он;

• бозбинии чандирии фаъолияти донишҷӯён ҳангоми ба вуҷуд омадани хастагӣ, таъхирёбӣ ва ба анҷом расонидани машғулиятҳо бо намоиши аёнии натиҷаҳои ба дастомада, барои мисол оварда шудаанд.

Инкишофи идрок худ аз худ ба амал намеояд. Дар ин ҷо нақши омӯзгор басо калон мебошад, ки ҳаррӯза маҳорати на танҳо мушоҳида кардан, балки аз назар гузаронидан шунидану фаҳмидани нуткро тарбия менамояд. Ӯ фаъолияти донишҷӯёнро ки махсус вобаста ба идроки ин ё он объект ташкил менамояд, ошкор кардан ва дарёфти нишонаҳои назарраси хусусиятҳои ашёро меомӯзонад. Ин иқдом хеле зарур аст, то ки дар ҳар машғулият ҳангоми нишон додани аёниятҳои мухталиф, иҷро намудани корҳои амалӣ ба анҷом расонд. Тавре ки таҳқиқотҳои дидактикию психологӣ нишон медиҳанд, муқоиса яке аз методҳои самараноки ташкил намудани идрок ва тарбияи мушоҳидакорӣ мебошад.

Илова бар ин, бояд дар донишҷӯён усулҳои ба ёд овардани маводро низ тарбия намуд. Мутахассисон, А.В. Усова, А.А.Бобров диққатро ба он ҷалб менамуданд, ки ба ёд овардани мавод ҳам кори осон нест. Дар ин ҳол тафаккури мустақил инкишоф меёбад [163; 78].

Яке аз равандҳои муҳими маърифатии дидактикию психологӣ хаёл мебошад. Бидуни маҳорати хаёл кардан, тасаввур намудани он, ки дар бораи чӣ дар китобҳои дарсӣ навишта шудааст, дар бораи чӣ омӯзгор сухан меронад, омӯзиш бидуни маҳорати истифодабарии образҳо таълимгирӣ, ёдгирӣ ғайриимкон мебошад.

Пажӯҳишҳои сершумори муҳаққиқони раванди таълим ва психологҳо нишон медиҳанд, ки донишҷӯ ҳангоми барқорор намудан ва идроки робитаҳои сабабию натиҷавӣ бо мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ мешавад. Барои инкишофи тафаккури сабабию натиҷавӣ муваффақ шудан зарур аст, то ки донишҷӯён на танҳо муносибат ва вобастагии сабабию натиҷавиро аз худ намоянд, балки онҳоро дарк карда, робитаи дохилии миёни падидаҳоро фаҳманд.

Дар адабиёти психологию педагогӣ ва методӣ проблемаи машғулиятҳо ҳанӯз ба таври куллӣ таҳқиқ нашудаанд ва муносибати навро тақозо менамояд, ки бояд:

- ба таври дақиқ вазифаҳои таълимии машғулиятҳо, ҷанбаҳои асосӣ ва дуюмдараҷаи онҳо муайян карда шаванд;

- ягонагии вазифаҳои таълимию тарбиявӣ ва инкишофдиҳии шахсияти донишҷӯ, истифодаи ҳамаҷонибаи донишҳои илмӣ бо мақсади дар ӯ ташаккул додани сифатҳои ғоявию ахлоқии шахсият ва тафаккури мустақил амиқ гардад;

- муайян намудани мухтавои муносиб ва интихоби маводи таълимии машғулият мутобиқ бо мақсадҳо, вазифаҳо ва имконотҳо муайян бошад;

- интихоби методҳо ва усулҳои оқилона ва самаранок, бо дарназардошти вазифаҳои дидактикии машғулият ва вижагиҳои маводи таълимӣ дар ҳар як марҳилаи он мавриди истифодабарӣ қарор гирад ва ғ..

Проблемаи методҳои омӯзиш яке аз проблемаҳои асосӣ дар назария ва амалияи омӯзиш маҳсуб меёбад. Дар айни замон проблемаи методҳои кори таълимӣ мубрамии махсусро касб намудааст. Навсозии мухтавои таҳсилот зарурияти такмили методҳои таълимиро ба миён овардааст.

Раванди таълимиро бояд чунин ташкил намуд, ки донишҷӯён на танҳо барои ба даст овардани доираи муайяни донишҳо имконият дошта бошанд, балки имконияту тавонои барои инкишоф додани идрок, қобилият ба фаъолияти мустақилонаи зеҳнӣ, маҳорат ва талаботро пайдо намуда омӯзиши мустақилонаро ба роҳ монанд. Чунин вазифаро наметавон берун аз методҳои проблемавии таълим ҳал намуд, ки онҳо дар машғулиятҳо истифода бурда мешаванд. Таҳқиқоти психологию педагогӣ нишон додаанд, ки самараи инкишофдиҳандаи машғулият на танҳо аз муҳтавои машғулият, балки аз истифодаи методҳои самарабахши машғулият ҳам вобастагӣ дорад. Методҳои омӯзиш аз ҷониби олимони ҷумҳурии мо М. Лутфуллоев, Ф. Шарипов, Х.Раҳимов, А.Нуров, С.Раҳимов ва дигарон то андозае мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Тавре, ки ба ҳамаи мо маълум аст, методҳои шифоҳӣ дар заминаи истифодабарии нутқ, сӯҳбат, ҳикоя, кор бо китоб, методҳои амалӣ - намоиш додан, мушоҳидаҳои мустақилона, саёҳат, машқҳои шифоҳию хаттӣ ва ғайраҳоро дар бар мегиранд. Ҳангоми баён намудани маводи таълимӣ инчунин методҳои зерини таълимиро истифода бурдан мумкин аст: нақл кардан, тасвир намудан, тавсифнома, тавзеҳ додан ва суҳбат кардан.

Мисол, ҳангоми ташкилу баргузории сӯҳбат ба ҳадди имкон фаъолияти зеҳнии донишҷӯён низ фаъол мегардад. Ба самарабахшии сӯҳбат суолгузорӣ ёрӣ мерасонад, ки аз донишҷӯён на танҳо ба ёд овардан ва такрор намудани маводи азхуднамударо, инчунин андешаронии мустақилона, истифода бурдани донишҳо, маҳорату малакаро дар ҳолати нави омӯзишӣ барои ҳалли вазифаҳои нави таълимӣ тақозо мекунад .

Ҳамаи ин азхудкунии амиқ, бомулоҳиза, боандеша ва мустақилонаи донишҳоро таъмин менамояд, ки истифодаи моҳиронаи он ҳангоми ҳалли вазифаҳои таълимӣ хеле муфид мебошад. Маводи дидактикие, ки метавон онҳоро дар машғулиятҳо истифода намуд, басо гуногун мебошанд. Ин

маҷмӯи кортҳо бо расмҳо, ҳарфҳо, калимаҳо, ҳиҷоҳо, ҷадвалҳо ва ғайраро ташкил медиҳанд.

Вижагии кори мустақилона бо маводи дидактикӣ аз он иборат аст, ки дар ҷараёни чунин кор донишҷӯ метавонад онҳоро ба қисмҳо тақсим намояд, соддаю дастрастар намояд, аз як шакл ба шакли дигар гузаронад, усулҳои гуногуни иҷрои кори мустақилонаро истифода барад ва ғайраҳо.

Кори мустақилона, аз рӯйи вазифа метавонад он вақт бомуваффақият амалӣ шавад, ки донишҷӯ мақсади онро ба таври амиқ дарк намояд ва хоҳиши расидан ба ин мақсадро дошта бошад. Муваффақияти кори мустақилона аз ҳадафмандии фикри донишҷӯ вобастагӣ дорад. Вале он ҳамчунин ба мавҷуд будани маҳорату малакаи дар рафти омӯзиш ташаккулёфта, ки барои расидан ба ҳадафи гузошташуда зарур мебошанд, алоқамандӣ дорад. Илова бар он, муваффақияти кори мустақилона аз мавҷуд будани маҳорату малакаи дар ҷараёни омӯзиш ташаккулёфтаи, чӣ амалӣ ва чӣ зеҳнӣ, ки барои расидан ба ҳадафи гузошташуда зарур мебошанд, робитаи мантиқиро соҳиб аст.

Муҳим он аст, ки вазифаҳои таълимии ба донишҷӯён пешниҳодшаванда, ба онҳо дастрас бошанд ва дар низоми муайян супорида шаванд. Асоси ин низом бояд тадриҷан зиёд намудани мустақилии донишҷӯён гардад, то бо роҳи мураккабнамоии ҳам мавод ва ҳам вазифаҳои зеҳнӣ, бо роҳи тағйир додани нақш ва роҳбарии омӯзгор амалӣ карда шавад. Набояд фаромӯш кард,ки яке аз шартҳои иҷрои муваффақиятноки кори мустақилона ин шарҳу эзоҳ ва тавсиядиҳии омӯзгор мебошад.Он аҳамияти калонро ҳамон вақт касб менамояд, ки аз ҷониби он қабл аз оғози иҷрои кори мустақилона бо шакли шифоҳӣ, хаттӣ ва аёнӣ амалӣ гардонда мешавад.

Ҳангоми шарҳу эзоҳ ва тавсиядиҳӣ омӯзгор ҳадаф ва аҳамияти кори мустақилонаро фаҳмонида, роҳу усулҳои, иҷрои онро пешниҳод карда метавонад. Вобаста ба он, ки то кадом андоза донишҷӯён малакаю

маҳоратҳои заруриро беҳтар аз худ намудаанд. Минбаъд мухтасаран, воситаю роҳҳои иҷро намудани вазифаҳо пайгирӣ карда мешавад.

Ҳамин тариқ, кори мустақилона танҳо ҳамон вақт муваффақияти бештар ба даст меорад, ки донишҷӯён баъд аз он на танҳо натиҷаҳои ниҳоии омӯзиши худро мебинанд, балки сабабҳои роҳ додан ба ноқисию хатоҳои додаашонро дарк менамоянд ва минбаъд барои бартарафсозии онҳо кӯшиш менамоянд. Чунин фаъолият самаранокии омӯзишро афзоиш медиҳад, зеро омӯзгор фаъолияти донишҷӯёнро ба худназораткунии натиҷаҳои фаъолияти таълимӣ равона месозад.

## Хулосаи боби аввал

Омӯхтан ва таҳлили адабиётҳои илмии психологӣ-педагогӣ оид ба асосҳои назариявӣ ва методологии инкишофи қобилияти комуникативию нутқии шахсият нишон медиҳад, ки инкишофи қобилиятҳои коммуникативию нутқӣ хусусиятҳои ба худ хос дошта он таваҷҷуҳи олимони соҳаи фалсафа, психология, педагогика, забоншиносӣ, фарҳангшиносиро ва дигар илмҳоро ба худ ҷалб намудаанд. Яке аз омилҳои иҷтимоишавии инсон, методологияи педагогӣ ба раҳёфти фалсафии омӯзиши инсон такя менамояд ва бо ба вуҷуд омадану рушди ғояҳои педагогӣ дар зери таъсири шароити иҷтимоӣ-таърихӣ ҷараён дошта, амалигардонии онҳо ба вазифаи муҳими илми психология ва педагогикаи муосир таюдил меёбад, ки дар он нақши назарияҳои фалсафӣ ва илмӣ басо муҳим аст.

Раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба рушди тафаккур таъсир расонда, барои инкишофи қобилияту имкониятҳои қоммуникативию нутқии донишҷӯён ҳангоми омӯхтани забони англисӣ дар заминаи забони тоҷикӣ мусоидат менамояд. Тафаккур дар нутқ ифода гардида раванди ба вуҷуд омадан ва инкишофи онҳо мантиқан бо ҳам алоқаманд мебошанд.

Тафаккур дар раванди фаъолияти фикрӣ амалӣ гардида, донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар заминаи забони модарӣ, яъне забони тоҷикӣ, забони хориҷӣ – англисиро аз худ намуда бо баробари аз худ намудани ҳаҷми муайяни дониш, маҳорату малакаҳои касбии педагогӣ, қобилияти коммуникативию нутқии худро такмил медиҳанд.

Мувофиқи талаботи Стандартҳои таҳсилоти олии касбӣ, барномаҳои таълимӣ, воситаҳои таълимӣ (китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимию методӣ, аёниятҳо) тартиб дода шудаанд, ки дар онҳо ҷабҳаҳои назарияву амалӣ мақсаду вазифаҳои раванди таълими забони англисӣ арзёбӣ гардидаанд. Омӯзгорон дар марҳилаҳои гуногуни раванди таълим бо

истифода аз методу воситаҳои таъсирррасонӣ ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯёнро ба роҳ мемонанд.

Дар низоми таҳсилоти олии касбии педагогӣ ба ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён ба худомӯзӣ, маромнокии (ангезаи) забономӯзӣ, хусусиятҳои фардию тайёрии касбии онҳо диққати махсус медиҳанд. Омӯзгорон кӯшиш менамоянд дар раванди дарс – машғулиятҳо инкишофи нутқи шифоҳӣ ва хаттии донишҷӯёнро дар заминаи бой гардондани захираи луғавӣ, омӯзонидани тарзи дурусти талаффузи овозҳо, азхудкунондани қоидаҳои грамматикӣ, муошırату муносибатҳои байниҳамдигарӣ ва ғайраҳо инкишоф диҳанд.

Ҳамин аст, ки ҳангоми инкишофи қобилиятҳои коммуникативии донишҷӯён ба мақсад мувофиқ аст, ки системаи дастгирии психологӣ-педагогӣ истифода бурда шавад ва дар он **омилҳо ва муайянкунандаҳои (детерменантҳо) психологию педагогии инкишофи кобилиятхои коммуникативӣ ва нутқии донишҷӯён ба назар гирифта шаванд**, то ки рафти таҳлили онҳо, иқтидори коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таълими касбӣ васеъ гардад. Дар рафти дастгирӣ бояд чунин шароит фароҳам оварда шавад, ки дар онҳо донишҷӯ аз зарурати омӯхтани малакаҳои муошırати комуникативӣ-нутқӣ, доштани фаъолияти нутқии баланд ва дараҷаи баланди инкишофи қобилияти коммуникативӣ истифода барад. Иҷрои вазифаҳои таълиму тарбиявӣ дар дарсҳои забони англисӣ таъмин намудани ягонагии равандҳои маърифатӣ – эҳсос, идрок, нутқ, тафаккур, хотир, диққат ва хаёлро таъмин намуда истифодаи методҳои самарабахши омӯзиширо талаб менамояд.

Омӯзгори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар амалӣ намудани талаботҳо оид ба ташаккулдиҳии қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши забони англисӣ масъул ва ҷавобгар аст. Иҷрои ин масъулият имконият медиҳад донишҷӯён дар як вақт қоида ва меъёрҳои забони модарӣ ва забони англисиро азхуд намуда ба иҷрои вазифаҳои касбӣ-педагогии худ омода гарданд.

# БОБИ ДУЮМ. ТАШАККУЛИ ҚОБИЛИЯТИ КОММУНИКАТИВИЮ НУТҚӢ ДАР ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ (САНҶИШИ ОЗМОИШӢ)

## 2.1. Муҳтавои баҳампайвастаи таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон

Вазъияти забонӣ дар ҷаҳони муосир таврест, ки рисолаи бештари ҳамгироёнаро дар илм ва таҳсилот, дар амалӣ намудани таъминоти иттилоотӣ, аз ҷумла забони англисӣ амалӣ менамояд. Дар Тоҷикистон алҳол теъдоди зиёди намояндагони зиёиёни ҷавони тоҷик ба дониши хуби забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ эҳтиёҷ доранд, ки барои пешбурди фаъолияти касбии онҳо зарур аст ва аз ин амал даромади назаррасро ба даст овардан мумкин аст.

Инкишофи тафаккури забономӯзию забондонӣ қобилияти махсусест, ки дар асоси бо ҳам муқоиса намудани қонуниятҳои грамматикии якчанд забонҳо, дуруст ва зуд баён кардани фикрро пешбинӣ менамояд. Шуури забонӣ ва таҳаммулпазирии забонӣ асоси амалияи бисёрзабонии нутқӣ буда, дар навбати худ, суръати аксуламалҳои нутқиро ҳангоми гузариш аз як забон ба забони дигар пайгирӣ мекунад.

Ба ташаккули «шуури забонӣ» ва «таҳаммулпазирии забонӣ»-и донишҷӯён аҳамияти махсус дода, мо ба инкишофи донишҷӯ ҳамчун шахсияти забондон мусоидат менамоем, ба ӯ меомӯзонем, ки далелҳои грамматикии якчанд забонро дуруст қиёс намояд, бо ҳам монандиҳои онҳоро бо ҳам муқоиса намояд, аз формулаҳои граматикии забонҳои гуногун низоми дорои маънои ҳамгундошта истифода намояд. Дар рафти таълим мо қобилияти фикрию нутқии ӯро такмил медиҳем, коммуникатсияи шифоҳиро бо забонҳои хориҷӣ, ки дар асоси онҳо ҳавасмандии табиӣ ба назар гирифта шудааст, меомӯзонем. Инчунин донишҷӯёнро дар муҳити таҳаммулпазирии забонӣ тарбия менамоем, сифатҳои маънавии онҳоро ҳамчун мутахассиси оянда инкишоф медиҳем.

Омӯзиши ҳамгирой дар заминаи муошрати фаъоли касбӣ дар мавзӯъҳои марбут ба таҳқиқот амалӣ карда мешавад. Интегратсияи ҷузъи забони хориҷӣ ба фаъолияти касбӣ ба фаъол шудани донишҳои луғавии ниҳонӣ ва ҳавасмандии такмили минбаъда мусоидат мекунад. Аммо аксар вақт лексикаи дар курсҳои забони хориҷӣ гирифташуда аз ҷониби донишҷӯён дар фаъолияти касбӣ аз сабаби набудани мутобиқшавӣ ба салоҳияти касбӣ алоқаманд мемонад. Барои ҳалли ин мушкил зарур аст, ки донишҳои илмиро дар соҳаи касбӣ бо ҷузъи забони хориҷӣ бо роҳи ҷорӣ намудани лексикаи касбии хориҷӣ ва иттилоотӣ аз ҷиҳати касбӣ ташаккул дода шавад ва дар раванди таълим дар робитаи бевосита бо донишҳои оммавии соҳаи фаъолияти касбӣ ба кор бурда мешавад.

Дар баробари ин дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ, ки забони англисӣ дар курсҳои 1 - 4 дар заминаи забони тоҷикӣ таълим дода мешавад, мазмун ва робитаи байниҳамдигарии онҳо ба ҳисоб гирифта мешавад. Албатта ҳангоми интихоби маводи таълимии муқоисашавандаи забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ зарур аст, ки дар онҳо шакли баён, хаҷм, мақсаду вазифаҳо омӯзиши ҳарду забон ба ҳисоб гирифта шавад. Ҳангоми интихоби маводҳои таълимӣ барои машғулиятҳо мутобиқати онҳо тибқи қисматҳои грамматикии забонӣ ва муқоисашавандагӣ таъмин гардад, ҳамдигарро пурраю комил гардонанд. Ва албатта, бо банақшагирии донишҳо, таҷҳизот ва муҷҷаҳазнамой бо аёният, ифоданокии воҳидҳои забонӣ дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ аҳамияти зарурӣ дода мешавад.

Имконияти инкишофи самараноки фаъолнокии маърифатии донишҷӯёнро бисёр олимон бо истифодаи методҳои проблемавӣ, ҷустуҷӯ-таҳқиқотӣ алоқаманд менамоянд. Оғози ташаккули фаъолнокии донишҷӯён дар истифодаи методи проблемавии маводи омӯзишӣ аз ҷониби омӯзгор муфид дониста шудааст. Вале, проблемаи фаъолнокии идроки донишҳои нав аз ҷониби донишҷӯён дар дидактика ба таври пурра коркард нашудааст. Усулҳои ташкилу роҳбарӣ ба фаъолият ба таври

пурра гурӯҳбандӣ карда нашудаанд, то идроки маводро аз ҷониби донишҷӯён ҳангоми истифодабарии методҳои гуногун, аз ҷумла ҳангоми методи проблемавӣ фаъол, намудан имконпазир гардад.

Меъёрҳои асосии андозагирии фаъолнокии маърифатӣ инҳоянд: дар донишҷӯён мавҷуд будани маҳорати маърифатӣ, ки ташаккулёбӣ ва инкишофи баъзе аз онҳо ҳангоми идрок ва коркарди иттилоот имконпазир аст, дараҷаи мустақилии донишҷӯён дар истифода бурдани маҳорати маърифатӣ ҳангоми иҷро намудани ин ё он амалиёт, ки дар сатҳҳои инкишофи фаъолнокии маърифатии донишҷӯён баён мегардад.

Такмили муҳтаво ва методҳои таълиму тарбияи донишҷӯён дар машғулиятҳои забони англисӣ дар асоси маълумоте, ки бо методика ва илмҳои ҳамрадифи он ҷамъоварӣ карда шудаанд, инчунин он бо дарназардошти таҳлил ва ҷамъбасти амалияи фаъолияти таълимии омӯзгор амалӣ карда мешавад. Ҷустуҷӯи роҳҳои такмилдиҳии муҳтавои омӯзиши забони англисиро мо дар ду самт пайгирӣ намудем: якум, баррасии мазмуни таълим бо роҳи амиқсозӣ, ислоҳу такмилдиҳии муҳтавои таълим дар маҷмӯъ ва ҷузъҳои алоҳидаи он дар доираи нақшаи мавҷудаи таълимӣ; дуюм, амалӣ намудани мазмуни омӯзиши забони англисӣ бо дарназардошти дурнамои таълим ки дар сатҳи далелҳои мавҷуда амалӣ мегардад.

Донишҷӯён сатҳи зарурии маҳоратро асосан бо сабаби мукаммал набудани техникаи он ба даст оварда наметавонанд, чунки:

• асосан хониши калима ба калима ба назар мерасад, ки дар натиҷа донишҷӯён дар идроки падидаҳои грамматикӣ мушкилӣ мекашанд;

• донишҷӯён бо дарки асоснокшуда маънои лексикаи омӯхташудародар нутқ истифода бурда наметавонанд.

Мо дар ҷараёни таҳқиқоти кушиш менамоем, ки камбудиҳоро муайян намуда сабаби онҳоро ёфта ҳали онҳоро пешниҳод намоем. Яке аз сабабҳои асосӣ бо амалияи фаъолияти муассисаи олии таълимӣ алоқаманд аст. Дар аксар маврид, методҳои кӯҳнашудаи таълим истифода

мешаванд, кор оид ба инкишофёбии нутқи шифоҳӣ бо азёдкунии диалогҳо ва хабарҳо иваз карда мешавад; бо зарари шаклҳои эҷодӣ аз шаклҳои механикии омӯзиши аз ҳад зиёда аҳамият дода мешавад; хониш ҳамчун восита, на ҳамчун ҳадафи омӯзиш баррасӣ мегардад. Аз ин лиҳоз, донишҷӯён асосан на дарёфти иттилооти мазмундор, балки техникаи хонишро меомӯзанд.

Мо ба хулосае омадем, ки ин ҳолат вобаста аст ба сатҳи пасти маҳорати касбии омӯзгор, ба нақшагирии машғулият, дар раванди педагогӣ кам ташкил намудани муошират бо забони англисӣ, таъмини ҳамкориҳои самаранок бо донишҷӯён, ҳадди аксар фаъол набудани донишҷӯён ба дарсҳо, истифодаи ками воситаҳои техникии таълим инъикос меёбад. Дар баробари ин, на ҳамаи дарсҳои ба маҷмӯаи таълимию методии (минбаъд МТМ) аз лиҳози таҷриба қобили қабул таъмин мебошанд; инчунин китобҳо барои омӯзгорон мукаммал нестанд. Дар баъзе аз онҳо муқарраароти вазифаҳои таълиму тарбиявии ҳар як машғулият ба таври возеҳ нишон дода нашудаанд.

Маводи забонӣ бояд бо дарназардошти муносибати функсионалӣ пешниҳод карда шавад, яъне вобаста ба он, ки дар кадом намуди фаъолияти нутқӣ он истифода мешавад. Мавҷуд набудани муносибати функсионалӣ ҳангоми муаррифӣ дар барномаи маводи лексикию грамматикӣ, интихоби дуруст ва ташкили методии онро дар истифодаи китобҳои дарсӣ мураккаб менамояд.

Воҳидҳои асосии фанни омӯзишӣ унсурҳои рисолати пешбарандагиро иҷро менамояд. Барои забони англисӣ чун воҳидҳои асосии мазмун дар намудҳои фаъолияти нутқ: истимоъ, гуфтор, хониш ва хат мансубанд. Воҳидҳои маъноии фанни “Забони англисӣ” аз мавзӯъҳо ва вазъиятҳои мавҷуда иборат мебошанд, ки дар доираи онҳо бояд муошират ба роҳ монда шавад. Ба сифати воҳидҳо инчунин воҳидҳои лексикӣ, фонетикӣ ва грамматикӣ баромад менамоянд. Барои он ки малакаҳо мустаҳкам ва чандирӣ бошанд ва донишҷӯён дар ҳолатҳои дилхоҳи муошират аз онҳо

истифода бурда тавонанд, ташаккулдиҳии истифодаи бошууронаи онҳо дар асоси донишҳои назариявӣ зарур аст.

Ба воситаҳои таълим намудҳои мухталифи техника ва технологияи омӯзишӣ, лавозимоти таълимӣ, ба мисли тахтаи синфӣ, дастгоҳҳои сабти овоз ва кинонамоишдиҳӣ, тахтаи электронӣ, дафтарҳо ва ғайраҳо тааллуқ доранд.

Воситаҳои таълимӣ ҳамон вақт нақши мусбатро иҷро карда метавонанд, агар онҳо дар низоми муайян қабул шаванд, робитаи мутақобила ва вобастагии мутақобиларо дар раванди иҷрои вазифаҳои муайяни таълимӣ таъмин намояд.

Воситаҳои таълим ба воситаҳои асосӣ ва ғайриасосӣ ҷудо мешаванд. Ба воситаҳои асосии таълим китобҳои дарсӣ, маводи таълимӣ, аёниятҳои таълимии шаклҳои гуногун дошта тааллуқ доранд. Воситаҳои ғайриасосии таълим ин аёниятҳое, ки на ба тамоми раванди таълимӣ пешбинӣ шудаанд, аз қабили маводи тақсимшаванда, расмҳо, лавҳаҳо, диапозитивҳо ва ғайраҳо дохил мешаванд.

Дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ китоби дарсии В.Д. Аракин – English (Китоби дарсии забони англисӣ) истифода мешавад, ки он чандин маротиба ба ислоҳу иловаҳо нашр ва дастраси донишҷӯёну омӯзгорон гардидааст [19].

Дар бисёр муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ҳангоми таълими забони англисӣ аз ҳамин китоб истифода мешавад. Таълим аз рӯи китоби мазкур аз курси 2 оғоз гардида, то курси 4 идома меёбад. Ин китоби марҳилавӣ мебошад, ки ҳам маводи лексикӣ ва ҳам маводи грамматикиро дар бар мегирад.

Одатан, китоби дарсӣ ҷузъҳои зерини сохториро дар бар мегирад: маълумоти назариявӣ дар бораи забон дар шакли матнҳо ва ҷузъҳои ғайриматнӣ, дастгоҳи ташкили кор (суолҳо, супоришҳо); маводи тасвирӣ ва самтгирӣ барои ёдгирӣ (нишондиҳандаҳо, мундариҷа, сарлавҳаҳо ва ғайра). Ҳар як омӯзгор бояд донад, ки китобҳои дарсӣ барои омӯзиши

забони англисӣ чи гуна сохта мешавад, то ин ки онро ҳангоми ташаккули тафаккур ва инкишофи нутқи донишомӯзон дуруст истифода бурда тавонад. Китоби дарсӣ ҳам барои донишҷӯён ва ҳам барои омӯзгор пешбинӣ карда шудааст. Барои донишҷӯён он сарчашмаи иттилоот, воситаи азхудкунии маҳоратҳо мебошад. Барои омӯзгор бошад, сарчашмаи низоми фаъолияти таълимдиҳӣ мебошад.

Маводи китобҳои дарсӣ имкон медиҳанд вазифаҳоро барои гурӯҳҳои донишҷӯён бо дарназардошти имкониятҳои инфиродӣ, шавқу рағбат аз худкунии мавод ва инкишофи раванди ташаккули маҳорати донишҷӯ ба таври тафриқавӣ омӯзгор истифода барад.

Дар радифи китоби дарсӣ ба ҳайси васоити таълимӣ дар ҷараёни фаъолияти худ мо аз маводи дигари таълимӣ низ истифода мебарем, ба монанди: Азимова М.Н., Саттаров Т.К. English (Забони англисӣ); Дубровин М. Situational Grammar (аёният аз рӯйи имло); Виборова Г.; Мелчина О. Easy English: 70 мавзӯи шифоҳӣ аз рӯйи забони англисӣ; Самойлова Г.Л. Тестҳо: аз рӯйи барномаи забони англисӣ, курсҳои 2-3; Удалтсова Э.Д., Минкин С.И. Забони англисӣ барои дохилшавандагон ба муассисаи олии таълимӣ; Бархударов Л.С., Стейлинг Д.А. Грамматикаи забони англисӣ ва ғайраҳо.

Дар баробари китобҳои дарсӣ донишҷӯён аз васоити мухталифи таълимӣ низ истифода мебаранд, аз ҷумла, маҷмӯаҳо, хрестоматияҳо, луғатҳо, маълумотномаҳо, тасвирҳои ҷилодору хушранг аз китобҳои бадеӣ ва ғайра. Зеро чунин маводҳои ёрирасони дидактикӣ ба мустаҳкам намудани маҳорати маърифатӣ ва касбӣ мусоидат менамоянд, малакаҳои корҳои мустақилонаро ташаккул медиҳанд. Китобҳо ва дигар васоити таълимӣ сарчашмаи хеле муҳими таъсири ғоявӣ ба донишҷӯён мегарданд.

Барои муайян намудани сатҳи донишҳои донишҷӯён аз забони англисӣ, мо ба хулосае омадем, ки кори озмоишӣ-таҷрибавӣ гузаронем, ки он бояд қисматҳои зерини забони англисӣ ва забони тоҷикиро фаро гирифта бошанд: фонетика, морфология ва синтаксис, инчунин дигар

мавзӯъҳои муҳимеро, ки барои азхуднамоии забони англисӣ заруранд. Мавод барои таҷрибаи мазкур аз овозҳо ва ҳарфҳо, калимаҳо ва ибораҳо, ҷумлаҳои забони англисӣ ва матнҳо бо забони англисӣ иборат буданд.

Кори озмоишӣ-таҷрибавӣ аз якчанд марҳила иборат буд. Табиист, ки барои дарк намудани нутқи забони хориҷӣ, пеш аз ҳама, бояд алифбои забони англисиро донист, баъдан калимаҳо ва ибораҳо бояд аз худ карда шуда бошанд. Қабл аз ҳама, кадом калимаҳоро бояд аз ёд намуд?

1) калимаҳое, ки барои барқароркунии робита мусоидат менамоянд:

• формулаҳои тайёр;

• ҷонишинҳо;

• калимаҳое, ки макон, самт, пайдарҳамии вақт ва шумораро ифода менамоянд.

2) феълҳои «будан», «доштан», «тавонистан» дар ҳамаи замонҳо:

• феълҳои муҳимтарини фаъолнокии зеҳнӣ ва ҷисмонӣ;

• шумораҳо аз 1 то 100.

Барои мустаҳкамкунии мавзӯи «Ҷонишин» мо ба донишҷӯёни курси якуми ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ пешниҳод намудем ҷадвали зеринро пур намоянд, ки дар он 32 нафар иштирок намуданд.

| | | | |
|---|---|---|---|
| I | | Me | mine |
| | His | | |
| | | | hers |
| You | | | |
| | Their | Them | |
| | | | ours |
| | | | its |

Ҳамаи донишҷӯён аз уҳдаи иҷрои супориш баромада тавонистанд ва мо онро дар диаграммаи 1 чунин тасвир намудем.

*Диаграммаи 1*

Баъди иҷрои супориши аввалӣ: Ба донишҷӯёни курси якуми ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ марҳила бо марҳила иҷрои супоришу вазифаҳои зерин пешниҳод карда шуданд:

1) Марҳилаи аввал. Вазифаи 1: ба таври графикӣ навиштани садонокҳо дар ҳиҷои кушода ва баста. Азбаски доир ба ҳиҷоҳои кушода ва баста дар аввали омӯзиши фан донишҷӯён маълумот ҳосил мекунанд, онро ба зудӣ ва осон иҷро намуданд, ҳарчанд аз байни донишҷӯён 4 донишҷӯ инро ҳам намедонистанд, ки 88% азхудкунии маводро ташкил намуд. Барои ин 5 дақиқа вакт масраф шуд.

Вазифаи 2: Ба донишҷӯён кортҳо бо феълҳои забони тоҷикӣ пешниҳод карда дода шуд ва онҳо онро ба забони англисӣ тарҷума намуданд. Феълҳо мураккаб набуданд, онҳоро донишҷӯён ҳар рӯз истифода мебаранд: омадан - to come, рафтан - to go, шунидан - to hear, овардан - to bring, хондан - to read, навиштан - to write. Қариб ҳама аз уҳдаи иҷрои ин вазифа баромаданд.

Ҳангоми иҷрои вазифаи 3, яъне зарурати тартиб додани феъл дар замони оянда ва гузашта мушкилиҳо ба вуҷуд омаданд. Мушкилӣ аз он иборат буд, ки барои тартиб додани замони оянда бояд феълҳои ёрирасони shall ва will истифода бурда мешуд, вале мо чунин феълҳоро интихоб намудем, ки онҳо «нодуруст» номида мешаванд ва барои тартиб додани феъли замони гузашта онҳоро бояд донишҷӯён аз ёд менамуданд. Барои ин 10 дақиқа масраф шуд: come - came, go - went, hear - heard, bring -

brought, read - read, write - wrote. Маҳз дар ҳамин ҷо мушкилот ба вуҷуд омад. Аз уҳдаи иҷрои ин вазифа танҳо 74 % донишҷӯён баромаданд.

Ба сифати, вазифаи 4 ба донишҷӯён пешниҳод карда шуд, ки бояд ҷумла тартиб диҳанд. Дар ин ҳол, дар кортҳо маҷмӯи калимаҳо мавҷуд буданд ва донишҷӯён аз онҳо мустақилона ҷумла тартиб доданд. Чунин намуди кор ба забони модарӣ чандон душвор нест. Донишҷӯёни курси мазкур Собирова М. Ва Салимова Ш. аз уҳдаи ин кор баромаданд ва баъдан боз чор нафар донишҷӯи дигар вазифаро иҷро намуданд ва танҳо баъд аз 15 дақиқа донишҷӯён вазифаи мазкурро ба иҷро расонданд.

Супориш пешниҳод карда шуд, ки аз калимаҳои дар поён овардашуда ҷумлаҳо тартиб диҳед. Тартиби калимаҳо дар ҷумлаҳоро дар ёд дошта бошед.

***Ҷадвали 3***

| | |
|---|---|
| **1) Never/he/his/wife's birthday/forgets** | **Ҳеҷ гоҳ ӯ зодрӯзи ҳамсарашро Фаромӯш намекунад** |
| **Usually/she/wakeup/early/doesn't** | Одатан вай барвақт аз хоб бедор мешуд, ҳамин тавр не |
| **Always/he/has/to abroad/wanted** | Доимо ӯ мехост, ки берун аз кишвар бошад |
| **Sometimes/he/at out** | Баъзан ӯ дар берун аст |
| **They/always/do/can/anything** | Онҳо доимо ягон корро иҷро карда метавонистанд |
| **2) Has/Mary/party/decided/to/to/the/go?** | Оё Мария нияти ба ягон ҷо рафтан дошт? |
| **By play a /have Shakespeare seen ever you?** | Оё дар ҳавопаймо Шекспирро ягон маротиба дидаед? |
| **Meeting/did/friends/Biirs/you/enjoy?** | Оё вохурии рафиқони Вирс ба Шумо роҳат бахшид? |
| **Rome/they/have/in/arrived?** | Оё онҳо ба Рим баргаштанд? |
| **People/many/invited/party/ how/have/you/to/your?** | Чӣ қадар одамон ба шабнишинии Шумо даъват шудаанд? |

Баъд аз ин, дар ҷараёни иҷрои вазифаи 5 донишҷӯён ҷумлаҳои нутқи айнан нақлшударо ба ҷумлаҳои нутқи мазмунан нақлшуда табдил доданд. Ин намуди кор мураккаб аст ва ба он равона карда шудааст, ки донишҷӯён мувофиққунонии замонро дуруст истифода намуда тавонанд ва барои ин ба онҳо донистани қоидаҳои грамматикӣ зарур аст.

Донишҷӯён аз уҳдаи ин вазифа баромаданд, вале барои иҷрои он 12 дақиқа масраф шуд.

Вазифаи навбатии 5, аз иваз намудани ҷумлаҳои нутқи айнан нақлшуда ба ҷумлаҳои нутқи мазмунан нақлшуда, бо истифодаи калимаҳои зерин иборат буд:

*advise; warn; ask; tell.*

Ruth: forget to the letter,

Richard: Carolina, I you should a doctor.

Kathy: please do dishes.

Ruth: would you Manny like come to

Mar a: Roger, the door,

Mother: Ben, touch the

Mike: Vicki, don't you in them Be careful! Don't down, that is wet.

Ҳангоми гузаронидани машғулиятҳо бо истифодаи методҳои омӯзиши забони англисӣ дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба донишҷӯёни курси якум баъд аз нимсол ҳамин гуна вазифаҳо пешниҳод карда шуданд. Натиҷаҳои кори озмоишию таҷрибавӣ дар ҷадвали 4 оварда шудаанд.

***Ҷадвали 4***

| МОТ ва курс | Вазифа | То гузаронидани таҷриба | Баъд аз гузаронидани таҷриба |
|---|---|---|---|
| | | Вазифа дуруст ва сариваҳт иҷро шуд (бо %) | |
| ДДОТ ба номи С. Айнӣ Курси 1 32 донишҷӯ | Вазифаи 1 | 67,5 % | 92,7 % |
| | Вазифаи 2 | 75% | 96,9 % |
| | Вазифаи 3 | 18,5 % | 71,3% |
| | Вазифаи 4 | 25% | 79,1 % |
| | Вазифаи5 | 31,2% | 87,5 % |

Чӣ тавре, ки аз маводҳои омории бадастомада (то гузаронидани кори таҷрибавӣ ва баъди он) бармеояд, дар натиҷаи интихоби дуруст ва

саривақтии методика аз тарафи муҳаққиқ истифодашуда иҷрои вазифаҳо дар сатҳи баланд таъмин гардид. Иҷрои дуруст ва саривақтии вазифаҳо аз 21,9 % то 62,8% боло рафтанд.

***Диаграммаи 2.***

***Тағйироти натиҷанокии иҷрои вазифаҳо***

Марҳилаи навбатии – кори тадқиқотиро кор бо матн ташкил менамуд. Мақсади кори таҷрибавӣ-озмоишӣ баррасӣ намудани робитаи байниҳамдигарии тафаккур ва инкишофи малакаҳои нутқии донишҷӯён дар асоси омӯзиши забони англисӣ буд. Таҷриба дар чор давра гузаронида шуд. Давраи якум дар курси озмоишии 2 «а» ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода баргузор гардид. Курси мазкур аз рӯйи китоби дарсии Н.А. Бонк, Г.А. Котий, Н.А. Лукянова “Забони англисӣ” дарс мехонанд. Аз тарафи мо матне интихоб карда шуд, ки онро донишҷӯён бояд аз забони англисӣ ба забони модарӣ тарҷума мекарданд. Донишҷӯён бо истифода аз луғат, матнро тарҷума карданд, баъдан ба суолҳо посух доданд, ки дар охири матн ҷойгир шуда буданд. Машқҳои асосӣ ҳангоми иҷроиши супориш аз инҳо иборат буданд:

а) хондани матн бидуни луғат, кӯшиш намудани идроки маънои он;

б) калимаҳо ва вожаҳои ношиносро навишта гирифтан - convict - бадарғашуда, cruel - бераҳм, cattle breeding - чорводорӣ, парвариши ҳайвонот, birth - таваллуд

в) таҳлил намудани матни мазкур ва тарҷумаи шифоҳии ҷумлаҳои алоҳидаи он. It was then first use as a colony for convicts - Аввалин бор, ин

касб, ҳамчун қасабаи муҳоҷирони бадарғашуда истифода мешуд. The early settlers were very crue to the aborigines... - Муҳоҷирони нахустин нисбати одамони таҳҷоӣ хеле бераҳм буданд.

Марҳилаи дуюм дар курси санҷишии 2 донишкадаи мазкур гузаронида шуд. Машғулият аз рӯйи китоби дарсии Н. Бонк, Г. Котий, Н. Лукянова «Забони англисӣ» баргузор гардид. Номи матн Leasure (Вақти фароғат) мебошад [34].

Иҷрои вазифа тарҷумаи матнро аз забони модарӣ ба забони англисӣ пешбинӣ менамуд. Машқҳои асосӣ ҳангоми иҷрои вазифаи мазкур инҳо буданд:

а) хондани матн ва дарк намудани маънои он;

б) таҳлил намудани ҷумлаҳои алоҳидаи он, вижагиҳои грамматикӣ ва лексикии забони англисиро дар хотира барқарор намудан, яъне кадом ҷумлаҳо ва замонҳои феълӣ бояд истифода бурда шавад;

в) бо кӯмаки луғат тарҷума кардани калимаҳо ва ибораҳои ношинос. Тарҷумаи шифоҳии ҷумла, бо такя ба маънои забони модарӣ: we are shown different countries, cities towns and people who live - - Ба мо мамлакатҳои гуногун, шаҳрҳои хурду калон ва одамонеро, ки дар он ҷо зиндагӣ мекунанд, нишон медоданд.

Марҳилаи сеюми таҷрибаи мазкур дар курси таҷрибавии 1 «а» ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ гузаронида шуд. Вазифаи гурӯҳи мазкур тарҷумаи дуҷониба буд (аз як забон ба забони дигар ва баръакс), муқоиса намудани матни асл бо тарҷума. Матн «A friend in need» by Maugham - «Дӯстро дар дармондагӣ шиносанд» ном дошта аз китоби “Курси амалии забони англисӣ” интихоб карда шуд. Интихоб карда шуд китоб барои муассисаҳои олии таълимии омӯзгорӣ барои ихтисоси «Забони хориҷӣ» муаллифон Л.Г. Любимов ва дигарон, зери таҳрири В.Д. Аракин ба табъ расидааст. Бо чунин намуди кор 16 нафар донишҷӯ ба иҷрои вазифа муваффақ шуданд, ки 80%-ро ташкил намуд.

Марҳилаи чоруми таҷрибаи мазкур дар курси 1 «б»-и Д.Д.О.Т ба номи Садриддин Айнӣ гузаронида шуд. Дар гурӯҳ ҳамагӣ 13 нафар донишҷӯён таҳсил мекунанд. Матн бо номи “Day's Wait” Ernest Hemingway - «Рӯзи интизорӣ» муаллиф Эрнест Ҳемингуей, бояд мазмуни он ба забони англисӣ нақл карда шавад. Дар оғози машғулият ҳикояҳои хурд ва ҳикояҳои шавқовар ба донишҷӯён тавсия карда шуданд. Вазифаҳо аз рӯйи матни мазкур инҳо буданд:

а) тартиб додани нақша дар намуди сарлавҳагузорӣ, бо тақсим намудани матн ба қисмҳои маънидор;

б) тартиб додани саволҳо ба матн ва ҷудо намудани калидвожаҳои ҳар як қисми маънидор;

в) нақл кардани матн бо ҷавоб додан ба саволҳо ва бо такя ба калидвожаҳо.

Сипас матни асосӣ гирифта шуд. Донишҷӯ Саъдуллоева С. барои осон шудани нақлаш чунин нақша тартиб дод:

He came into the room to shut the windows while we were still in bed and I saw he looked ill.

1. When I put my hand on his forehead I knew he had a fever.
2. But his gaze at the foot of the bed relaxed slowly.

Coming into the room I saw he was ill.

When my hand touched his forehead I coud get to know

He was relaxing.

Баъди сипарӣ шудани давраи омӯзиши нимсола бо истифода аз методикаи мо дар гурӯҳҳои озмоишӣ санҷиш гузаронида шуд, яъне аз ҷониби донишҷӯёни гурӯҳҳои санҷишӣ ва таҷрибавӣ вазифаҳои ба ин монанд пешниҳод карда шуданд. Натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ дар ҷадвали 5 оварда шудаанд.

*Ҷадвали 5*

| МОТ ва курсҳо | Теъдоди донишҷӯён | То гузаронидани таҷриба | Баъд аз гузаронидани таҷриба |
|---|---|---|---|
| | | Вазифаро дуруст ва сариваќт иҷро намуданд | |
| ДДОТ ба номи СадриддинАйнӣ Бахши 2 таҷрибавӣ | 30 | 17% | 72% |
| ДДОТба номи Садриддин Айнӣ Бахши 2 санҷишӣ | 12 | 15% | 25% |
| ДДОТба номи СадриддинАйнӣ Бахши 1 таҷрибавӣ | 20 | 17% | 80% |
| ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Бахши 1 санҷишӣ | 13 | 18% | 20% |

Баъди гузаронидани омӯзиши таҷрибавӣ дар гурӯҳи 2-юми таҷрибавӣ вазифаҳоро дуруст ва сариваќт 72 % донишҷӯён иҷро намуданд, дар ҳоле, ки ин нишондиҳанда дар гурӯҳи санҷишӣ 25 %-ро ташкил намуда буд. Ҳолати ба ин монанд дар курсҳои 1-уми таҷрибавӣ 80 % ва 17 % дар гурӯҳҳои санҷишӣ буд. Ҳамин тавр, чи хеле ки аз ҷадвал дида мешавад, натиҷаҳои иҷрои вазифаҳо дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ ба таври назаррас аз натиҷаҳои гурӯҳҳои санҷишӣ бартарӣ доранд.

Ин гувоҳи он аст, ки давраи навбатӣ ҳосил намудани маҳорати “сухан гуфтан ва навиштан” буд. Ҳарчанд, ки дар давраи мазкур низ бояд хондан ва тарҷума карданро идома додан лозим аст.

Таҳти мафҳуми вожаи «навиштан» мо аввал нанавиштан бо забони модарӣ, сипас ба забони англисӣ тарҷума намудан, балки дарҳол бо забони англисӣ навиштанро дар назар дорем. Барои ин бояд матнҳоро аз рӯйи ихтисос истифода намуд ё ки онро дар намудҳои гуногун коркард кард.

Барои мустаҳкамкунии мавзӯи мазкур дар ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода дар курси 1 мо ба донишҷӯён иҷро намудани вазифаҳои зеринро

пешниҳод намудем: бо истифода аз калимаҳо ва ибораҳое, ки дар ҷадвал дода шудаанд, ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Намуна: А. He wanted to cut wood, etc. – Ӯ мехост дарахтро бурад.

B. We waited for the rain to stop etc., - Ӯ мунтазири бас кардани борон буд.

C. She considered him to be generous, *etc.* – Ӯро ҳамчун саховатманд меҳисобанд.

Мо иҷрои супоришҳоро дар шакли маҷмӯи зерин ҳамчун нақша (нақшаи 1 (гурӯҳбандии онро бо ҳуруфи лотинии A, B, C), пешниҳод намуда сипас натиҷагирӣ кардем.

***Нақша 1 (гуруҳи А)***

| | | | |
|---|---|---|---|
| He | like | them | to speak English |
| We | Wanted | us | to attend the lessons |
| I | expected | him | to make yourself comfortable |
| You | Ordered | you | to keep promise |
| They | Brought | me | to tell us about adventures |
| | Got | himself | to be so cruel |
| | Allowed | students | to explain it to them |
| | didn't | Us | to cut the wood |
| | Expect | | to be displeased with everything |
| | couldn't bear | You | to come back soon |

Мувофиқи натиҷаҳои гирифта аз сутуни А бармеояд,, ки донишҷӯён бо истифода аз калимаю ибораҳои пешниҳод карда шуда ҷумла тартиб дода маҳорату малакаҳои дар дарсҳои назариявию амалӣ, муоширату муколамаҳо азхуд кардаашонро бо қадри кофӣ истифода бурда тавонистанд.

Ба ҳамин тарбиб дар гуруҳҳои В ва С низ натиҷаҳои зайлро ҳосил кардем:

***Нақша 1 (гуруҳи В)***

| | | | |
|---|---|---|---|
| He | waited for | the rain | To |
| We | asked for | the cars | to be brought |
| I | relied on | the train | to stop |
| My friend | | a cup of tea | to passto me |
| They | | | to bewashed |
| Our group | | | |
| They | | | |

***Нақша 1 (гуруҳи С)***

| | | | |
|---|---|---|---|
| He | Believed | Them | to kind-hearted |
| We | Considered | Me | to a sincere girl |
| My friend | Found | Her | to be well off |
| They | Knew | Myself | to be a well-known |
| She | Thought | the house | to be at sports |
| | | the film | to be |
| | | Him | to generous |
| | | our teacher | to be a person |
| | | | to be of modern |
| | | | to be comfortable |

Аз маълумоти мазкур дида мешавад, ки донишҷӯёни гурӯҳи таҷрибавӣ вазифаро иҷро намуданд, вале 7 нафар донишҷӯи (21,9 %) гурӯҳи санҷишӣ вазифаи нақшаи 1 гуруҳи А-ро иҷро накарданд, 5 нафар донишҷӯ (15,6 - гуруҳи В ва 10 нафар донишҷӯ (31,2 %) - гуруҳи С иҷро карда натавонистанд.

***Нақшаи 2***

| МОТ | Синф, Теъдоди донишҷӯён | Гурӯҳи А | | | Гурӯҳи В | | | Гурӯҳи С | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Пурра иҷро намуданд | Қисман иҷро карданд бо % | Иҷро накарданд в% | Пурра иҷро намуданд | Қисман иҷро карданд бо % | Иҷро накарданд в% | Пурра иҷро намуданд | Қисман иҷро карданд бо % | Иҷро накарданд в% |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ДДОЗТ ба номи С.. Улугзаде | 1 (тач) 28 | 23 | 5 | - | 26 | 2 | - | 21 | 7 | - |
| | | 82,1 % | 17,9% | - | 92,9% | 7,1% | - | 75% | 25% | - |
| | 1«б» (сан) 32 ч. | 12 | 13 | 7 | 18 | 9 | 5 | 7 | 15 | 10 |
| | | 37,5% | 40,6 % | 21,9% | 56,3% | 28,1% | 15,6% | 21,9% | 46,9 % | 31,2% |

Барои мустаҳкам намудани мавзӯи «Real unreal conditions» дар курси 1 мо ба донишҷӯёни ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ иҷрои кори зеринро пешниҳод намудем:

Вазифаи 1. Ҷумла тартиб диҳед ва миёни сутунҳои чап ва рости ҷадвал мутобиқатро ёбед.

| | |
|---|---|
| 1. If I go on a diet | a. we'll make a snowman. |
| 2. If it's sunny tomorrow | b. I'll buy you some chocolate |
| 3. If John doesn't hurry | c. she'll have to tak a taxi. |
| 4. If it snows | d. I'll lose weight. |
| 5. If there are no buse | e. he'll be late. |
| 6. If you are a good girl | f. we'll go for a picnic. |

Вазифаи 2. Бо истифода аз маводи сутунҳои чап ва рости ҷадвал, ки муносибати шуморо нисбат ба ҳолат инъикос менамояд, ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Намуна: Daniel had fallen ill.jpu on coat/catch cold. – Даниел шамол хӯрд.

Daniel wouldn't have caught cold i` he had put on coat. - Агар палтоашро мепӯшид шамол намехӯрд.

| | | |
|---|---|---|
| 1. | Nick has broken his leg | climb ladder/break his leg |
| 2. | Mr Davidson had got a smashe car. | drive carefully/avoidaccident |
| 3. | John Smithson was the secon in the competition. | run faster/win the race |
| 4. | Chris has cut his finger | play with knife/cut finger |

| | | |
|---|---|---|
| 5. | Mary has got a terrible headache | have headache/take aspirin |
| 6. | Mrs Claydon has nothing lef. for supper. | leave fish on the table/ca eat it |

Дар охир мо кӯшиш намудем, натиҷаҳои корҳои иҷрошударо дар ҷадвали 6 оварда онро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳем.

***Ҷадвали 6***

| МОТ | Курс, теъдоди донишҷ | Вазифаи 1 | | | | Вазифаи 2 | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Аъло (%) | Хуб (%) | Қаноатбахш (%) | Ғайриқаноат. (%) | Аъло. ( %) | Хуб. (%) | Қаноат. (%) | Ғайриқаноатбахш. (%) |
| ДДОТ ба номи С. Айни | 1 (таҷ.) 32 | 16 | 12 | 4 | - | 13 | 12 | 6 | 1 |
| | | 50% | 37,5% | 12,5% | - | 40,6% | 37,5% | 18,8% | 3,1% |
| | 1 (санҷ) 32 | 7 | 5 | 12 | 8 | 4 | 4 | 15 | 9 |
| | | 21,9% | 15,6% | 37,5% | 25% | 12,5% | 12,5% | 46,9% | 28,1% |

Аз рақамҳои ҷадвалҳои мазкур дида мешавад, ки дар гурӯҳи таҷрибавӣ, ки аз 32 нафар иборат буд, вазифаи 1-умро ҳамаи донишҷӯён иҷро намуданд, вале вазифаи 2-ро як нафар донишҷӯ иҷро карда натавонист (3,1 %). Дар гурӯҳи санҷишӣ вазифаи 1-умро 8 нафар донишҷӯён иҷро накарданд (25 %), вазифаи 2-ро бошад, 9 нафар донишҷӯён (28,1%). Аз рӯйи натиҷаҳои иҷрои вазифаи 1-ум дар гурӯҳи таҷрибавӣ 28 нафар донишҷӯён (87,5 %), дар гурӯҳи санҷишӣ бошад, танҳо 12 нафар донишҷӯён сазовори баҳои аъло ва хуб шуданд. Баҳои қаноатбахшро аз рӯйи вазифаи 1-ум дар гурӯҳи таҷрибавӣ 4 нафар донишҷӯ (12,5 %), дар гурӯҳи санҷишӣ бошад, 12 нафар донишҷӯён (37,5 %) гирифтанд. Аз рӯйи натиҷаҳои иҷрои вазифаи 2-юм барои гирифтани баҳоҳои хуб ва аъло дар гурӯҳи таҷрибавӣ 25 донишҷӯ (78,1 %), дар гурӯҳи

санҷишӣ бошад, 8 нафар донишҷӯ (25 %) ноил шуданд. Баҳои қаноатбахшро барои вазифаи 2-юм дар гурӯҳи таҷрибавӣ 6 нафар донишҷӯ (18,8 %), дар гурӯҳи санҷишӣ бошад,15 нафар донишҷӯ ба даст овbooарданд. Ин маълумот дар бораи самаранокии истифодабарии воситаҳои аёнӣ (ҷадвалҳо) ҳангоми омӯзиши забони англисӣ шаҳодат медиҳанд. Ин фарзияи моро дар бораи баланд шудани самаранокии омӯзиши забони англисӣ бо истифода аз технологияҳои муосир, воситаҳои техникии таълим ва ба инобат гирифтани робитаҳои байнифаннӣ бо забони модарӣ (тоҷикӣ) дар фаъолияти минбаъда тасдиқ менамояд.

Албатта, аз ҳама роҳи беҳтарин, барои бо забони англисӣ сухан гуфтан дарёфти робита бо «соҳиби» забони англисӣ мебошад. Барои иҷрои ин мақсад сабти овозро истифода бурдан мумкин аст, ё ки сӯҳбат намудан бо рафиқ, дар муошират иштирок намудан барои ҳавасманд кардани муҳассилин муфид аст.

Барои расидан ба азхудкунии бошуурона ва амалии донишҳо, маҳорату малака дар омӯзиши забони англисӣ шароити муносиби дидактикӣ ва талаботи амиқ нисбат ба омӯзонидани фанни мазкур заруранд. Омӯзиши забони англисӣ бояд ба ташаккули малакаҳои фаъолияти нутқии забони хориҷӣ дар асоси самти коммуникативӣ равона карда шавад.

Қобилияти коммуникативӣ ҳамчун воситаи муошират ва шарти зарурии амалӣ намудани ташкили сохторию мантиқии маводи таълимӣ мебошад. Аз ин бармеояд, ки омӯзиши забони англисӣ дар асоси ташкили сохторию мантиқии маводи таълимӣ бо ташаккулёбии малакаҳои гуфторию нутқӣ, бо ташкил намудани ҳолатҳои нутқӣ алоқаманд мебошад.

Ҳангоми омӯзиши мавзӯи «Замон-ҳамчун категорияи грамматикӣ» (Tenses) аз ҷониби мо лавҳаи «Tenses - замонҳои феъл» барои аёният ва беҳтар аз худ намудани мавод истифода гардид, ки он дар шакли аёнияти тасвиршуда ифода ёфтааст.

TENSES (ЗАМОНҲОИ ФЕЪЛ)

| Aspect (намуд) | Tense (вақт) | Voice | |
|---|---|---|---|
| | | Active | Passive |
| Simple | Present | ask | \ Am — Is / Are |
| | Past | Asked | \ asked /Were |
| | Future | Shall<br>ask | Shall<br>be Will |
| Progressive | Present | Am<br>Is<br>Are | Am<br>Is asked Are |
| | Past | Was<br>asking | Was<br>being asked Were |
| | Future | Shall<br>be asking Will | |
| Perfect | Present | Have<br>asked Has | Have<br>been asked Has |
| | Past | Had asked | Had been asked |
| | Future | Shall<br>have asked Will | Shall<br>have been asked |
| Perfect progressive | Present | Have<br>been asking Has | |
| | Past | Had been asking | |
| | Future | Shall<br>have been asking<br>Will | |

Чӣ тавре, ки таҳлил ва усули кор бо аёният нишон медиҳад, яке аз принсипҳои муҳими ташаккули қобилияти коммуникативӣ ин мустаҳкам ва мураккаб намудани мазмун, мақсад ва вазифаҳои кори таълимӣ мебошад.

Бинобар ин мо барои мустаҳкам намудани чунин мавзӯъҳои мураккаб супоришҳоро ба мисли «Past Perfect» ва «Past Simple», инчунин «Gerund», ба донишҷӯён пешниҳод намудем, ки намудҳои зерини корро ба анҷом расонанд:

Вазифаи 1. Ба ҷойи нуқтаҳо Past Perfect ё Past Simple гузоред (бо истифода бурдани ҷадвали мазкур).

| | | |
|---|---|---|
| 1. | He told me he often ... of it.<br>David... of his plans again and again. | Think |
| 2. | I remembered that I... Simon my pen. I ...my pen, didn't I? | Give |
| 3. | The ball... me on the shoulder. Did you know that the ball... the window? | Hit |
| 4. | The stone... into the lake.<br>He explained that the tree ... during the storm. | Fall |
| 5. | He... away as fast as he could.<br>After he... the car to the garage, he went home. | Drive |
| 6. | David... ail his money.<br>Nick came late, because he... his way. | Lose |
| 7. | You... what I said, didn't you? I was sure everybody... the news. | Hear |

Вазифаи 2. Ҷумлаҳоро бо хабарҳо дар Past Perfect нависед. 1. He had written a letter by 5 o'clock. 2. He had a letter in his hand. 3. He has come. 4. He has a book. 5. He had finished his work before you came. 6. He had to translate the text. 7. They had come when you finished your work. 8. They have money to buy presents. 9. They had six lessons on Monday. 10. They have many English films. 11. They had given us good advice. 12. Have you seen this film? 13. You have to think first. 14.1 have been looking for you everywhere. 15. They had breakfast after Mary had done it. 16. He had to wait long after he had missed his train.

Вазифаи 3. Ҷумлаҳоро ба итмом расонед, ҳангоми тарҷума герундийро истифода кунед.

| | | |
|---|---|---|
| 1. | He looked forward | ба шабнишинӣ даъват карда шавад |
| 2. | She prefers | ба мо тамоми ҳақиқатро гуфтан |
| 3. | Do you remember | ки ба боғи миллӣ мо рафта будем? |

| | | |
|---|---|---|
| 4. | I don't mind | а) агар туро ба сафари хидматӣ фиристанд<br>б) агар мо чангкашаки шуморо гирем |
| 5. | It depends on | оё директор ҳуҷҷатҳоро имзо мекарда бошад |
| 6. | He objects | а) корро худаш анҷом диҳад<br>б) шабнишиниро рӯзи ҷумъа гузаронад |
| 7. | He has no experience in | а) дар тарбияи кӯдакон<br>б) дар тармини мошин |
| 8. | You can't well without | Омӯзишӣ |

Вазифаи 4. Қавсҳоро кушоед ва аз герундий истифода намоед.

. 1.Why do you avoid (see me? 2. We insist on *(send) hi* there at once. 3. *He showed* no sign of*(know)* them. 4. He had the habit of*(joke)* at the wrong moment. 5. He hated*(remind)* people o` their duties. 6. The matter is not wort *(speak of)*. 7. In (discuss)the problem the touched upon interesting items. 8. After (visit the Kremlin, they went to th Tretyakov Gallery.

Натиҷаҳои санҷиши назоратӣ дар ҷадвали 6 оварда шудаанд. Аз ҷадвалҳои мазкур дида мешавад, ки дар гурӯҳи таҷрибавӣ вазифаи 1-умро 1 нафар донишҷӯ, 2-юмро 3 нафар донишҷӯ, 3-юмро 2 нафар донишҷӯ, 4-умро 5 нафар донишҷӯ иҷро намуданд, дар гурӯҳи санҷишӣ бошад - 8,6,11,13 донишҷӯён мутаносибан вазифаҳоро иҷро намудаанд. Фоизи баҳоҳои хуб ва аълои донишҷӯён аз рӯйи ҳамаи вазифаҳо дар гурӯҳи таҷрибавӣ ба ҳисоби миёна, назар ба гурӯҳи санҷишӣ баландтар аст.

Шумораи баҳои қаноатбахш аз рӯйи ҳамаи вазифаҳо дар гурӯҳи таҷрибавӣ ба ҳисоби миёна ба 9,3 % нисбат ба гурӯҳи санҷишӣ баландтар аст.

Нишондиҳандаҳои ҷадвали 7 дар бобати самаранокии истифодаи воситаҳои аёнӣ (лавҳа ва кортҳо) ҳангоми омӯзиши забони англисӣ шаҳодат медиҳанд.

*Ҷадвали 7*

| | Гурӯҳ, теъдоди донишҷӯён | Вазифа | Натиҷаи иҷрои вазифа. | | |
|---|---|---|---|---|---|
| МОТ | | | Пурра ба баҳои ва «5» иҷро | Қисман ба баҳои иҷро намуданд | Иҷро накарданд |
| | | | (бо% | (бо%) | (бо%) |
| ДДОТ ба номи С. Айниӣ | 1 (таҷр.) 32 нафар | Вазифаи 1 | 12 | 19 | 1 |
| | | | 37,5 % | 59,4 % | 3,1 % |
| | | Вазифаи | 15 | 14 | 3 |
| | | | 46,9 % | 43,8 % | 9,3 % |
| | | Вазифаи | 14 | 16 | 2 |
| | | | 43,8% | 50% | 6,2 % |
| | | Вазифаи | 10 | 17 | 5 |
| | | | 31,3% | 53,1 % | 15,6% |
| | 1 (санҷ.) 32 нафар | Вазифаи | 9 | 15 | 8 |
| | | | 28,1 % | 46,9 % | 25% |
| | | Вазифаи | 11 | 15 | 6 |
| | | | 34,4 % | 46,9 % | 18,8% |
| | | Вазифаи | 9 | 12 | 11 |
| | | | 28,1 % | 37,5 % | 34,4 % |
| | | | 7 | 12 | 13 |
| | | Вазифаи | 21,9% | 37,5 % | 40,6 % |

Ин нуқта бори дигар фарзияи моро дар бораи баланд шудани самаранокии омӯзиши забони англисӣ бо истифода аз технологияҳои муосир ва ба инобатгирии ҳатмии робитаҳои байнифаннӣ бо забони модарӣ (тоҷикӣ) тасдиқ менамоянд.

Проблематикаи омӯзиш дар доираи масъалаҳои ташаккул ва инкишофи шахсият дар раванди таълиму тарбия яке аз мақомҳои калидиро ишғол менамояд. Аз ин лиҳоз, манфиатҳои ташхис дар ин самт бояд бештар ба инобат гирифта шаванд. Омӯзгорон бояд чунин талаботҳоро ба корҳои ташхисӣ ба инобат гиранд:

а) маводҳо ба моҳияти фаъолияти таълимии донишҷӯён мутобиқ намоянд ва аз ҷониби таъсири омилҳои берунаи таълиму тарбия ба танзимшаванда ва аз ҷониби худи донишҷӯён худтанзимкунанда бошанд;

б) бо раванди омӯзиш робитаҳои зич дошта бошанд, ки ба ҳамгирои ва ҳамкории омӯзгор бо донишҷӯ ба беҳтар намудани раванди таълим мусоидат намоянд.

Ҳангоми таъсиррасонии мусбати таҷриба ба фаъолияти нутқӣ бо забони модарӣ, яъне дар ҳолате, ки агар азхудкунии забони англисӣ бо такя ба забони модарии донишҷӯён муваффақтар амалӣ карда шавад, мо бо гузариш сару кор дорем. Падидаи гузариш ҳангоми азхудкунии забони англисӣ дар ҳолати монандии пурра ва ё ҷузъии воситаҳои забонии забонҳои тамосгиранда мушоҳида карда мешавад.

Дар чунин ҳолатҳо гузариши мусбат метавонад ҳамчун омили таъсиррасон ҳангоми ташаккулёбии малакаҳои нави забонҳои хориҷӣ истифода шавад, зеро барои аз худ намудани воситаҳои монандии забонӣ аз ҷониби донишҷӯён нерӯи иловагӣ масраф намудан лозим нест – пешравиро дар мӯҳлати кӯтоҳ бо масрафи камтари нерӯ ба даст овардан мумкин аст. Малакаи кӯҳна ҳангоми коркарди малакаи нав таъсири мусбат мерасонад.

Ҳангоми таъсири манфии таҷрибаи нутқии донишҷӯён дар забони модарӣ, яъне агар робитаҳои мутақобилаи забонҳои тамосдошта раванди азхудкунии нутқи забони хориҷиро мураккаб намояд, мо бо баҳамтаъсиррасонӣ сару кор дорем. Моҳияти баҳамтаъсиррасонӣ аз он иборат мебошад, ки дар раванди омӯзиши забони англисӣ донишҷӯ барномаи ташаккули нутқиро, ки дар забони модарӣ мустаҳкам карда шудааст, гузаронидан ба забони барои ӯ нав ва сохтани нутқи забони хориҷиро бо меъёрҳои забони модарӣ ба амал меорад.

Ин бо он тавзеҳ мегардад, ки дар оғози омӯзиши забони англисӣ донишҷӯ аллакай дорои маҳорату малакаҳои устувори дониши забони модарӣ мебошад, дар ӯ қаблан қолабҳои муайяни нутқи модарӣ коркард шудаанд, ки онро бо тарзи ғайримуташаккил, ба забони англисии омӯхташаванда мегузаронад, бо баёни дигар, забони англисиро дар асоси ташаккули маҳорату малакаҳо, ки дар маводҳои забони модарӣ коркард шудаанд, дарк менамояд. Ин раванд бо тарзи

ғайримуташаккил,новобаста аз хоҳишу иродаи омӯзгор ва донишҷӯ ба амал меояд ва инро ба инобат нагирифтан мумкин нест.

Раҳоӣ ёфтан аз таъсири забони модарӣ бо роҳи истиснои ҷузъӣ ё пурраи он аз раванди омӯзиши забони англисӣ, тавре ки намояндагони намудҳои гуногуни методҳои мустақим пешниҳод менамуданд, мумкин нест. Зеро таҷриба нишон дод, ки эҳтимоли забони хориҷӣ аз раванди омӯзиш берун овардан мумкин бошад, вале берун овардани забони модарӣ аз майнаи донишҷӯ дар шароити муассисаҳои олии таълимӣ ғайриимкон аст.

Бинобар ин бо таъсири манфии баҳамтаъсиррасониии таҷрибаи нутқронии донишҷӯро бо забони модарӣ на бо роҳи ворид намудани омили донистани забони хориҷӣ, на бо роҳи берун овардан аз машғулиятҳо мубориза бурдан зарур аст, балки бо роҳи пешгирии раванди баҳамтаъсиррасониии манфӣ онро баррасӣ кардан мумкин аст.

Методикаи тадриси забони англисӣ принсипи рафъи таъсири фаъоли одатҳои нутқии забони модариро пешниҳод менамояд, ки аз як ҷониб, дар дарки донишҷӯён тафовутҳо дар роҳҳои баёни фикр бо забони модарӣ ва забони англисӣ пешбинӣ менамояд. Аз ҷониби дигар бошад, дар баробари баҳисобгирии вижагиҳои забони модарӣ дар давраи корӣ омода намудани маводи омӯзиши забонӣ, зарурияти баҳисобгирии он мушкилотҳоеро ба миён меорад, ки тафовутҳо дар забони модарӣ ва забони омӯхташавандаи англисӣ ба вуҷуд меоянд.

Аз ин бар меояд, ки барои омода намудани донишҷӯ ба худомӯзӣ зарур дорад, ки дар раванди таълим функсияҳои идоракунандаи донишҷӯ, дар тамоми ҳалқаҳои фаъолияти омӯзишӣ тадриҷан афзун гардад. Ин кор аз рӯйи он ба ҳисоб гирифта мешавад, ки вазни қиёсии ҷузъҳои худомӯзӣ дар раванди омӯзиш дар синну соли болоӣ бемайлон зиёд гардад ва ба донишҷӯ мавқеи фаъолтарро дар омӯзиш ишғол намояд.

Дар робита бо ин, сатҳи омӯзиши донишҷӯён бояд сифатан дигаргуна бошад. Зарурати азхудкунии ҳатмии сатҳи ҳадди ақали донишҳоро дарк намуда, мо ба ҳар ҳол имконпазир мешуморем, ки дар ин синну сол

муҳтавои омӯзишро чандиртар ва гуногунҷанба намоем, то ки он эҳтиёҷоти донишҷӯёнро пурра қонеъ намояд.

Ҳамчунин зиёд намудани саҳми маърифати мустақилона дар раванди омӯзиш зарур аст. Мавзӯъҳои амалан барои донишҷӯён дастрас буда метавонанд ба онҳо барои омӯзиши мустақилона пешниҳод карда шаванд. Дар баробари ин, донишҷӯ бояд ба ҳайси ташкилкунандаи мустақили фаъолияти худ оид ба азхуд намудани ин муҳтаво баромад намояд: намудҳои кори худро, дар интихоби адабиёт, усулҳои иҷрои супоришҳо, андозаи кор, шаклҳои худназораткунӣ ва ғайраҳоро муайян намояд.

Муҳайё намудани шароит барои мавқеи мустақили донишҷӯ дар раванди омӯзиш, зиёд намудани майлу рағбати мустақилонаи донистагирӣ ба омӯзгор имкон медиҳад шаклҳои гуногуни ташкили раванди омӯзишро истифода барад: семинарҳо, музокирот, микротаҳқиқотҳо, истифодаи зиёдтари шаклҳои кори гуруҳӣ ва инфиродӣ, ки донишҷӯёнро бечунучаро ба худомӯзӣ ҷалб менамоянд.

Сатҳи мазкури раванди омӯзиш аз омӯзгор шаклҳои бештар чандири идоракунии раванди таълимиро талаб мекунад: шаклҳои идоракунии бевоситаи раванди таълимӣ, ки онҳо бо таври табиӣ бояд бо шакли бавоситаи таълимдиҳӣ-дастурамалдиҳӣ қабл аз иҷрои кори мустақилона, машваратдиҳӣ, таҳлили кори иҷрогардида, назорати байниҳамдигарӣ мавриди истифодабарӣ қарор гирад. Дар ин ҳол дар омӯзиш рисолати машваратгарро иҷро намудани омӯзгор аҳамияти калон дорад ва дар ин раванд ислоҳ намудани норасоиҳои ҷанбаи сифатии кори мустақилонаи донишҷӯ баррасӣ мегардад. Барои ин низом бояд ба омӯзгор ва донишҷӯ муҳити озоди муоширати корӣ хос бошад, ки онҳо баробар дар сифати ҷониби сифатии кори умумӣ манфиатдоранд.

Ҳамин тавр, афзоиш додани функсияҳои идоракунии донишҷӯ дар раванди таълим, фаъолнок намудани мавқеи ӯ ногузир ба ташаккули омодагии донишҷӯ ба худомӯзӣ мусоидат менамояд. Омӯзгор инкишофи ҳамаи ҷузъҳои омӯзишро ба худомӯзӣ алоқаманд менамояд. Ин имконият медиҳад дар донишҷӯ қаноатмандии пурратар дар раванди омӯзиш таъмин гардад, талаботи шахсӣ

қонеъ гардида мустақилнокӣ дар омӯзиш, ворид шудан ба иҷрои супоришҳои таълимӣ дар шакли фардӣ ва гурӯҳӣ таъмин гардад, ки минбаъд онро чун бунёди бинои фаъолияти маърифатӣ қабул намудан мумкин аст.

Омӯзгор ба фаъолияти таълимии донишҷӯ роҳбарӣ намуда дар ӯ маҳорату малакаҳои мустақилона омӯхтанро такмил медиҳад, ки онро замина барои болоравии донишҳои касбӣ, махоратҳои нави маърифатӣ, ташкилотчигӣ, тайёрӣ ба сатҳи нисбатан баландтари таълимгирӣ ҳисобидан мумкин аст.

Таҳқиқоти мо нишон медиҳад, ки ҳалли вазифаи мазкур имконпазир аст, вале на дар доираи танҳо як худи машғулиятҳо, балки танҳо дар низоми "машғулиятҳо иҷрои кори хонагии таълимӣ – шаклҳои берун аз аудиториявии корҳо" ва ғайра, ки онҳо дар назария ва амалияи таълим доимо дар рушд ва гуногуншаклӣ арзи вуҷуд доранд.

Низоми ташаккули маҳорати кор кардани донишҷӯёнро бо ин ё он сарчашмаҳои иттилоотиро ошкор сохта, мо дар марҳилаи соҳаи омӯзиш, ба шаклҳои мухталифи ба таврӣ ихтиёрӣ маърифат кардани маводи таълимӣ раҳнамоӣ месозем. Маҳз ин шароит барои донишҷӯён имкон фароҳам меоваранд, ки онҳо оид ба худводоркунӣ, истифодаи усулҳои самараноктари кор рӯ овarданд, шахсияту маҳорати касбии худро такмил диҳанд, бештар чандирӣ ва маҳорати хулосабарориро дошта бошанд. Албатта, мавқеи фаъоли донишҷӯ дар маърифат, ки барои худомӯзӣ хеле зарур аст, аз ӯ доштани сатҳи баланди маҳорати ташкилиро низ тақозо менамояд.

Зери маҳфуми маҳоратҳои ташкили фаъолияти маърифатӣ мо маҳоратҳоеро мефаҳмем, ки бештарин суръату сифати иҷрои амалӣ маърифатиро таъмин менамоянд. Ба онҳо дохил мешаванд: маҳорати гузоштани мақсад дар фаъолияти кори таҳсилотии худ, муайян намудани роҳҳои амалисозии он, маҳорати назорати натиҷаҳо ва тибқи маълумоти назорат самти минбаъдаи фаъолияти худомӯзии худро муайян намудан ва ғайраҳо.

Ин маҳоратҳо на танҳо муассирии маърифатро зиёд менамоянд, вақти ба он масрафшударо коҳиш медиҳанд, сатҳи баландтари ҷараёни онро таъмин мекунанд, балки имконияти ҷалб намудани донишҷӯро ба худомӯзи муайян менамоянд, зеро он (худомӯзӣ) дар навбати аввал, ташкили фаъолияти таълимии худ мебошад.

Нақши маҳоратҳои мазкур, махсусан, дар синну соли болоии донишҷӯён меафзояд, ҳангоме ки инкишофи хештаншиносӣ, таҳия шудани нақшаҳои ҳаётӣ, иҷтимоишавии шахсият муносибати онҳоро бо муҳити иҷтимоӣ бештар гуногунҷанба менамояд, мавқеи ҳар якеро нисбат ба муассисаи таълимии олӣ, ба раванди омӯзиш тағйир медиҳад. Дар ин синну соли таҳсилотӣ эҳтиёҷоти то рафт афзояндаи шахсиятро қонеъ менамояд, кӯшишҳои худомӯзиро зиёд мегардонад.

Мавқеъи нав нисбат ба муассисаи таълимии олӣ, ба таҳсилот мавқеи қаблии иҷрокунандаро барҳам медиҳад. Донишҷӯён фаъолияти таълимиро аз дидгоҳи шавқу рағбати худ ва нақшаҳои ҳаётӣ, ҷустуҷӯи истеъдодҳои худ ва мавқеъ дар ҷомеа аз нав мулоҳиза менамоянд.

Омӯзиши маводи таълимӣ дар сатҳи ғояҳои пешбари илмӣ, донишҳои низомнок ва ҷаҳонбинии илмии донишҷӯ муфид аст. Ин ғояҳои пешбарро бо воситаи ошкорсозии муқаррароти пешбари мавзӯъҳои таълимӣ, дар асоси таъмин намудани робитаҳои байнифаннӣ амалӣ намудан имконпазир аст. Интихоби робитаҳои байнифаннӣ агар қавӣ бошанд, зарурияти ҳамаҷониба ошкор намудани муқаррароти асосии мавзӯъҳои аҳамияти таълимидоштаро талаб менамояд.

Дар натиҷаи ошкорсозии нуқтаҳои асосии мавзӯъҳои таълимӣ донишҷӯён ғояҳои пешбари фанҳои таълимии муассисаи таҳсилоти олиро аз худ менамоянд, ки - дар онҳо низоми пурраи илмии донишҳо тавзеҳ дода мешаванд. Ин донишҳо дорои иқтидори билқувваи калони рушду шаклгирии ҷаҳонбинӣ, дараҷаи баланди шуурнокӣ, сифатҳои иродавӣ-ахлоқӣ ва махсусан, донишҳои устувор мегарданд.

Меъёрҳои объективии банақшагирӣ ва амалисозии робитаҳои байнифаннӣ, марҳилаҳо ва роҳҳои баргузории раванди таълим дар асоси робитаҳои бисёрҷонибаи байнифаннӣ ҳангоми омӯзиш бо истифодаи китобҳои дарсии пешбар, аёниятҳои таълимӣ ва методӣ, тартиб додани нақшаҳои дарсӣ ва ғайраҳо ошкор карда мешаванд.

Амалисозии робитаҳои байнифаннӣ ба баландшавии сифати азхудкунии маҳфумҳои бунёдии илмӣ мусоидат карда, раванди ташаккули маҳоратҳои ақлонии дорои хусусияти амалидоштаро дар донишҷӯён суръатнок менамоянд. Робитаҳои байнифанниро дар сатҳи муқаррароти пешбари мавзӯи таълимӣ амалӣ намуда, ягонагии органикии баррасии таҳлилӣ ва таркибии маводи таълимиро таъмин намудан мумкин аст.

Таҳлили амсилаҳои дидактикии робитаҳои байнифаннӣ вобаста ба мавзӯи таълимӣ нишон медиҳад, ки мавзӯи таълимӣ дар шароити амалӣ намудани робитаҳои бисёрҷонибаи байнифаннӣ низоми ошкори дидактикӣ бо мубодилаи муассири иттилоот мебошад. Мубодилаи мунтазами иттилоот миёни мавзӯъҳои фанҳои мухталиф, дар шароити амалӣ намудани муқаррароти зарурӣ ва аҳамиятдор, имконият медиҳад бозсозӣ боис гардида сатҳу сифати донишҳо такмил ёбанд.

Ҳамин тавр, мавзӯи таълимӣ, ки дар асоси робитаи васеи байнифаннӣ омӯхта мешавад, дар низоми донишҳои муассир, аз лиҳози сифат тағйирёбанда ва пайваста дар ҳоли рушдёбӣ мебошанд. Ҳамин тавр, раванди амалӣ намудани робитаҳои бисёрҷонибаи байнифаннӣ бо мақсади ошкорсозии асосҳои илмӣ, низомнок, маҷмӯи муқаррароти пешбари мавзӯъҳои таълимӣ ташаккул додани ҷаҳонбинии илмии донишҷӯёнро таъмин менамояд. Инчунин ин раванд мазмун, сифатҳои зеҳнию касбӣ, отифӣ-маънавии мутаххасисонро сифатан тағйир медиҳад.

Қабл аз он, дар бораи афзалиятҳо ва камбудиҳои аёниятҳо ва мақолаҳо оид ба методҳои муқоисавӣ сухан гӯем, бояд баъзе принсипҳои назариявиро муайян карда, пас аз ин метавонем адабиёти мавҷудаи лингводидактика ва забоншиносиро арзёбӣ намоем. Муқаррароти аввал ҳангоми муайян намудани

методи муқоисавӣ – ин тафовути ҷиддии методҳои монандкунӣ ва муқоисавӣ мебошад. Методи монандкунӣ ба ҷустуҷӯи умумиятҳо дар забонҳо равона карда шудааст, барои ин кор тафовутҳоро бояд истисно намуд. Мақсади он - таҷдиди гузашта бо роҳи бартарафсозии норасоиҳо дар омӯзиши ҳозира мебошад. Методи муқоисавӣ, усулан таърихӣ ва прагматикӣ мебошад. Методи муқоисавӣ бояд усулан забонҳои таҳқиқшавандаро дар ҷустуҷӯи протореалияҳо ғайриинфиродӣ намояд. Танҳо муайянкунии муттасили тафовутҳои худию бегона метавонад ва бояд мақсади қонунии таҳқиқоти муқоисавии лингводидактика ва забонҳо бошад.

Дар тафовут аз методи монандкунӣ, методи муқоисавӣ сирфан прагматикӣ аст. Он ба иҷрои мақсадҳои муайяни амалӣ ва таҷрибавӣ равона карда шудааст, ки ҷанбаи баррасии проблематикаи назарияпиро истисно намекунад.

Мавзӯи методи монандкунӣ ба таври васеъ дар диссертатсияҳои солҳои ахир инъикос ёфтаанд, ки вобаста ба ин В.Н. Ярцева дар мақолаи худ “Дар бораи методи муқоисавиии омӯзиши забонҳо” изҳори ақида менамояд ва ба масъалаи мазкур то андозае равшанӣ меандозад.

Муаллиф одилона методи муқоисавию таърихӣ ва қиёсии омӯзиши забонҳоро муқобил мегузорад, «... вақте ки дар натиҷаи ин муқоиса хусусият ва вижагиҳои ин забонҳо муайян карда мешаванд, на масъалаҳои наздик будани онҳо», ба ҳисоб гирифта мешаванд ва боз иброз медорад, ки ин бо эҳтиёҷоти омӯзонидани забони англисӣ ва соҳаи тарҷума аз як забон ба забони дигар маҳдуд карда мешуд [188; 3-4].

Маълумотҳои равоншиносон аз он шаҳодат медиҳанд, ки мушкилии аслӣ ҳангоми омӯзиши забони дуюм дар “бозсозии қолабҳои тафаккур, вобаста ба омӯзиши забонҳо мебошад. Бинобар ин маводи забони омӯхташаванда бояд бо маводи забони модарӣ муқоиса карда шавад ва хулосаҳое, ки аз чунин муқоиса бармеоянд, дар аксар маврид методҳои оптималии омӯзишро муайян менамоянд” [50;17].

Азхудкунии низоми забони дигар бо роҳҳои гузаронидани таҳлил, коррексия, ё худ ташаккул додани маҳорату малакаҳои нави нутқӣ ҷараён мегирад. Ин се намуди механизми психологии азхудкунии нутқи забони хориҷӣ аз лиҳози методи забоншиносӣ зери таъсири се гурӯҳи омилҳо пешгӯӣ карда мешаванд:

а) бо падидаҳое, ки дар забонҳои омӯхташаванда ва модарӣ ба ҳам мувофиқат меоянд ва аз ин лиҳоз аз забони модарӣ ба забони омӯхташаванда гузаронидани онҳо имконпазир мебошанд;

б) бо падидаҳое, ки қисман рост меоянд, ки бояд тасҳеҳ карда шаванд;

в) бо падидаҳое, ки ба ҳам рост намеоянд ва дар забони модарӣ вуҷуд надоранд, зарур аст, ки онҳоро бояд аз нав омӯхт.

Падидаҳои дар натиҷаи чунин муқоисаи забони омӯхташаванда ва забони модарӣ ошкоршуда, аз лиҳози методӣ шарҳу тафсир дода мешаванд, яъне типологияи методии ин падидаҳо бо дарназардошти забони модарии донишҷӯ, ки бидуни ин дарки амиқу азхудкунии мустаҳками ҳолатҳои забони омӯхташаванда ғайриимкон мебошад, муайян карда мешаванд.

Ҳамин тарик, забони англисӣ бо додани донишҳо ва ташаккул додани маҳорат, маҳорати забономӯзии донишҷӯро инкишоф медиҳад, яъне сатҳи баландтари фаҳмидан ва донистани забонҳоро ташаккул медиҳад. Инкишофи шахсияти донишҷӯ – ин раванди гузариши ӯ аз як тассавурот дар бораи забон ба тассавуроти сифатан нави мукаммалтару мураккабтар ва ташаккули ҷаҳонбинии илмию лингвистикии ӯ мебошад.

Нишонаҳои бештари вижаи раванди мазкур дар донишҷӯ дидгоҳи ташаккулёфтаи лингвистикӣ нисбат ба забон, муносибат нисбат ба забон, мустақилона гузаронидани донишҳо ба маводи нав, худназораткунӣ дар ҷараёни корбурди забон ба ҳисоб меравад.

## 2.2. Таъминоти технологии омӯзиши забони англисӣ дар заминаи забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ - педагогии Тоҷикистон

Донишҷӯёни муосир намояндагони насли милениалӣ («millenials») мебошанд, ки дар муҳити технологияи муосири бо суръат тараққиёбанда ба дунё омада ташаккул меёбанд, ки ин боиси тағйир ёфтани интизориҳои нав ба нав дар бораи даври оянда мегардад. Яке аз тамоюлҳои таълими муосир ин ҳамгироии афзояндаи технологияҳои инноватсионии таълимӣ ба раванди таълим мебошад, аммо ин тамоман маънои онро надорад, ки ҳама гуна истифодаи барномаҳои мултимедиявӣ ба натиҷаҳои бомуваффақияти таълим оварда мерасонад. Баръакс, ҳоло омӯзгорон аз ҳарвақта бештар бояд дар интихоби технологияҳои инноватсионии таълимӣ бодиққат бошанд ва принсипҳоеро риоя кунанд, ки ба онҳо имкон медиҳад, ки ин технологияҳоро самаранoктар татбиқ кунанд. Масалан, презентатсияҳои PowerPoint, ки ҳамчун воситаи омӯзиш хеле хуб асос ёфтаанд, на ҳамеша самаранок мебошанд.

Барои ташаккул додани тафаккури мустақил ва инкишофи нутқи донишҷӯён дар баъзе муассисаҳои таҳсилоти касбии олии омӯзгории шаҳри Душанбе китоби дарсии мултимедии забони англисиро истифода мебаранд, ки он воситаи муҳим ва технологияи нав ба шумор меравад. Он чиро таҷассум менамояд? Ин китоби дарсии компютерӣ мебошад. Он методикаи амиқан ихтироъгардида буда, маводҳо махсус барои омӯзиши компютерии забони англисӣ таҳия гардида, ҳаҷми маводи муайяни дақиқан интихобгардида ва воситаҳои зеҳнии назорат, дар маҷмӯъ ҳамаи шароитро барои омӯзиши самараноки забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муҳайё менамояд.

Маълум аст, ки самараноктарин воситаи омӯзиши забони англисӣ ин пурра ворид шудан ба муҳити забонӣ мебошад. Васоити таълимии мазкур моро ба чунин шароит ҳадди ақал наздик месозад. Мо ҳар гуна ҳолатҳои ҳаётиро дар боби рушди нутқи диалогӣ (муколамавӣ) истифода мебарем. Дар натиҷаи истифодаи китоби дарсии мултимедӣ мо нутқи англисиро

мешунавем, онро мефаҳмем, тарҷума мекунем, ҳарф мезанем, диктантҳо навишта, ҳамзамон захираи луғавии худро ғанӣ мегардонем ва бо шаклҳои грамматикии забони англисӣ шинос мегардем. Дар раванди иҷрои кори таҳқиқотӣ мо дар дарси курси 2-юми ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ филми калонҳаҷми «Тутсӣ»-ро бо забони англисӣ тамошо кардем. Бобҳои филми таълимии китоби дарсии мазкур ба 19 машғулият тақсим карда шудааст, ки дар мундаричаи зернизоми диалогӣ қарор дорад.

Кор кардан бо низоми филми «Тутси» - ин мураккабтарин марҳилаи омӯзиши забони англисӣ мебошад ва ба он сабаб мураккаб аст, ки муҳтавои мавод барои давраи ибтидоии омӯзиш мутобиқ гардонида нашудааст, балки барои ҳадди ақал наздик намудани мо ба муҳити воқеии забонӣ пешбинӣ гардидааст. Қаҳрамонони филм, дар тафовут аз нотиқони касбӣ, суханҳояшонро бо эҳсосот ва дар баъзе мавридҳо норавшан талаффуз менамоянд. Он сараввал ба идрок халал расонад ҳам, вале моро ба дарку идроки фаҳмидани нутқи ҳақиқӣ ва зиндаи забони англисӣ омода менамояд. Аз ин сабаб намуди кори мазкур аз ҷониби мо дар семестри дуюми дар курси 1-ум қобили қабул дониста шуд, зеро донишҷӯён акнун барои шунидани нутқи англисӣ омода гардида буданд.

Мо тарҷумаро қатъ намуда, кӯшиш кардем бифаҳмем, ки қаҳрамонони филм дар бораи чӣ сухан мегӯянд ва дар ин ҳол ба слайдҳо ва матни англисӣ такя менамудем. Албатта, на ҳамаи донишҷӯён тамоми маводро бори аввал фаҳмида тавонистанд. Баъдан, мо ба реҷаи қадам ба қадам гузаштем ва вобаста ба ҳар як ибораи алоҳида кор кардем: якчанд маротиба онро шунидем, бо микрофон такрор кардем, навиштанро машқ кардем.

Минбаъд, ҳангоми ҳар як ифодаи англисиро ба такрор шунидан, диққати худро танҳо ба талаффузи он равона сохтем. Сипас талаффузи гуфтаҳоро бо матни англисии замимабуда муқоиса намудем. Баъд аз он дар болои талаффуз кор кардем. Донишҷӯён борҳо ҷумларо шунида бо

микрофон такрор мекарданд. Нахуст матни англисиро мехонданд, баъдан аз паси қаҳрамон онро такрор менамуданд. Баъд аз он, ки ба ҳадди аксар талаффуз, суръат, оҳанги овоз ва назми он ба гуфтори қаҳрамон шабоҳат пайдо намуд, мо ба марҳилаи навбатӣ гузаштем. Аз рӯйи ҳар як ибораи дарс диктанти шунавоӣ навишта шуд.

Баъдан мо дар тарҷумаи баръакс тамрин кардем. Бо ёрии микрофон донишҷӯён ба забони англисӣ ҷумлаҳоеро, ки дар равзана равшан нишон дода мешуд, мехонданд ва тарҷумаро бо матни аслӣ муқоиса менамуданд. Дар ин ҳол, на танҳо ба дурустии интихоби калимаҳо, балки ба оҳанги талаффуз низ аҳамият дода мешуд. Баъзе донишҷӯён тавонистанд ҳолати нутқиро ба таври худ амсиласозӣ намоянд, ба гуфтаҳои қаҳрамонҳо ба таври дигар ҷавоб медоданд, ки дар он онҳо тафаккури мустақилонаи худро истифода менамуданд ва ҳангоми сухан гуфтан, инкишофи маҳорати нутқӣ ба амал меомад.

Дар раванди дарс, донишҷӯён бо грамматикаи забони англисӣ шинос шуда, захираи луғавиашонро ғанӣ гардонданд. Барои мустаҳкам дар хотир мондани диалогҳо мо онҳоро якчанд маротиба шунидем, баъдан мо равзанаи тарҷумаҳоро хомӯш намудем ва донишҷӯён кӯшиш мекарданд, дарк намоянд, ки сухан дар бораи чӣ меравад ва дар як вақт бо такя аз слайдҳо ҷавоб медоданд.

Матни «My friend's» дар ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода баррасӣ гардида, донишҷӯён дар бораи оилаҳои худашон нақл менамуданд ва барои мустаҳкам намудани донишҳо диалоги “Оила” аз бахши мазкур интихоб карда шуд.

Дарси 55.*Оила*

| | |
|---|---|
| -Sawyers live in 87 King street. | - Оилаи Сойерҳо дар бинои – 87 дар кӯчаи Кинг истиқомат менамоянд. |
| In the morning Mr Sawyer goes to work and children go to school. | - Саҳаргоҳ ҷаноби Сойер ба кор меравад, кӯдакон бошанд ба мактаб мераванд. |
| Their father takes them from school | - Падарашон ҳаррӯз онҳоро аз |

| | |
|---|---|
| every day. | мактаб мегирад. |
| Mrs Sawyer stays at home every day. | - Хонум Сойер ҳаррӯз дар хона мемонад. |
| She does housework. | - Ӯ бо корҳои хона машғул мешавад. |
| She always eats lunch at the middle of the day. | - Ӯ ҳамеша хӯроки нисфирӯзии худро дар миёнаи рӯз мехӯрад. |
| She usually meets with her friends. | - Рӯзона ӯ одатан бо дӯстонаш вомехӯрад. |
| They often drink tea together. | - Онҳо аксар вақт якҷоя чой менӯшанд. |
| In the evening the children come from school. | - Бегоҳирӯзӣ кӯдакон аз мактаб ба хона бармегарданд. |
| They come home early. | - Онҳо ба хона барвақт меоянд. |
| Mr. Sawyer comes from work. He - arrives home late. | Ҷаноби Сойер аз кор ба хона меояд. Ӯ ба хона дер меояд. |
| At night, the children always do their homework. | - Бегоҳӣ ҳамеша кӯдакон вазифаи хонагиро омода менамоянд. |
| Then they go to bed. | - Баъдан онҳо хоб мераванд. |
| Mr Sawyer usually reads newspaper, but sometimes he watches television with his wife. | - Ҷаноби Сойер, одатан рӯзнома мехонад, вале баъзан ӯ бо завҷааш телевизор тамошо мекунад. |

Дар оғози дарс мо ба донишҷӯён пешниҳод намудем, ки баъзе ҷумлаҳо ва вожаҳои навро бо ёрии китоби дарсии мазкур азхуд намоянд. Дар ибтидо вожаҳоро донишҷӯён аз паси омӯзгор ва баъдан аз паси компютер такрор мекарданд. Дар рафти ёдгирӣ ба оҳанги талаффуз ва тарзи талаффуз аҳамият дода мешуд. Сипас диалоги “Оила” шунида шуд ва донишҷӯён кӯшиш намуданд диалоги худашонро бо истифода аз вожаҳо ва иборахо тартиб диҳанд. Натиҷаҳои санҷиши назоратӣ дар ҷадвали 8 оварда шудаанд.

***Ҷадвали 8***

| **МОТ** | **Гурӯҳ ва шумораи донишҷӯён** | **Шумораи умумии ҷумлаҳо** | **Шумораи миёнаи ҷумлаҳо ба ҳар як донишҷӯ** | **Шумораи умумии вожаҳо** | **Шумораи миёнаи вожаҳо дар ҳар як ҷумла** |
|---|---|---|---|---|---|

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| ДДОЗТ ба номи С. Улуғзода | 1 «а» (тач.) 28 ч. | 240 | 8,6 | 2328 | 9,7 |
| | 1 «б» (наз.) 32 ч. | 205 | 6,4 | 1394 | 6,8 |

Аз ҷадвали мазкур дида мешавад, ки донишҷӯёни гурӯҳи таҷрибавӣ, назар ба гурӯҳи назоратӣ (8,6 ҷумла дар муқобили 6,4) ба ҳисоби миёна 2 ҷумлагӣ зиёдтар тартиб доданд. Ғайр аз ин, дар ҳар як ҷумла донишҷӯёни гурӯҳи таҷрибавӣ ба ҳисоби миёна, назар ба гурӯҳи назоратӣ (9,7 вожа дар муқобили 6,8) 3 вожа зиёдтар истифода намуданд. Ин дар бораи захираи бештари луғавии донишҷӯёни гурӯҳи таҷрибавӣ далолат мекунад ва самаранокии методи интихобкардаи моро тасдиқ менамояд.

Ҳангоми гузаштани мавзӯи ҷонишини номуайян ва дараҷаҳои қиёсии сифатҳо дар курси 2-юми ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ дарси 110 курси мазкурро гирифтем. Мо аҳамияти ҷонишини номуайян ва корбурди онро тавзеҳ додем. Инчунин тавзеҳ гардид, ки сифат ва дараҷаи муқоисаи он чист ва сифатҳои little, few (less, fewer –дар шакли муқоисавӣ) интихоб гардида, корбурди онҳо нишон дода шуд.

I've got some coffee. Ман қаҳва дорам.

I've got less than you have. Ман назар ба ту камтар (қаҳва) дорам.

I've got very little. Ман хеле кам (қаҳва) дорам.

I've got some books. Ман якчанд китоб дорам.

I've got fewer than you have. Ман назар ба ту камтар (китоб) дорам.

I've got very few. Ман хеле кам (китоб) дорам.

Донишҷӯён диалогро аз паси гӯянда такрор намуда, талаффузи онро коркард менамуданд ва аз рӯйи қолаб диалогҳои худашонро тартиб медоданд.

Натиҷаҳои иҷрои вазифа дар ҷадвали 9 оварда шудаанд.

Аз ҷадвалҳои мазкур дида мешавад, ки донишҷӯёни гурӯҳи таҷрибавӣ 82 ҷумла, донишҷӯёни гурӯҳи назоратӣ бошад, ҳамагӣ 45 ҷумла тартиб доданд. Ғайр аз ин дар гурӯҳи таҷрибавӣ фақат 1 донишҷӯ (4,8 %) аз уҳдаи иҷрои вазифа набаромад, дар ҳоле, ки дар гурӯҳи санҷишӣ - 6 донишҷӯ(30%) вазифаро иҷро накарданд.

***Ҷадвали 9***

| **МОТ** | **Гурӯҳ , шум. донишҷӯён** | **Шумораи ҷумлаҳои навишташуда** | | | | | | **Шумораи умумии ҷумлаҳо** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **5** | **4** | **3** | **2** | **1** | **Аз уҳда набаромаданд** | **Миқдори умумии ҷумлаҳо** |
| С. АЙНӢ ДДОТ ба номи | 1 «а» | 8 | 7 | 4 | 1 | - | 1 | 82 |
| | | 38,1 % | 33,3 % | 19% | 4,8 % | - | 4,8 % | |
| | 1 «б», | 2 | 5 | 2 | 4 | 1 | 6 | 45 |
| | | 10% | 25% | 10% | 20% | 5% | 30% | |

Маълумотҳое, ки дар ҷадвалҳои 7,8 оварда шудаанд, аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки агар технологияҳои пешқадами муосирро дар омӯзиш ва аз ВТТ, аз ҷумла, технологияҳои компютериро истифода барем, самаранокии омӯзиши забони англисӣ як дараҷа баландтар мешавад.

Инак, таҳқиқоти гузаронидашуда нишон медиҳад, ки воситаҳои омӯзиш метавонанд нақши мусбат дошта бошанд, агар дар доираи низом истифода гарданд ва робитаи мутақобилаи онҳо дар раванди ҳалли вазифаҳои муайяни таълимӣ ба инобат гирифта шаванд.

Ба ақидаи мо, боз як воситаи самараноки омӯзиш бозиҳои дидактикӣ мебошанд. Қаблан такрор карда будем, ки барои ташкил намудани машғулият, омӯзгор бояд аз методҳо ва шаклҳои мухталифи кор истифода

барад. Албатта, чунин намуди кор нав нест, вале бозӣ ҳам агар сарчашмаи иттилоот, ҳам шакли кор, ҳам омили ҳавасмандгардонӣ, ҳам шакли худбознамоӣ гардад, пас он метавонад танҳо ба ташаккули шахсияти донишҷӯён кӯмак расонад. Бозӣ инсонро дар давоми тамоми умраш ҳамроҳӣ менамояд, онро бомаърифат ва ҳаёташро ҷолиб, шавқовар мекунад. Бозӣ дар машғулиятҳои забони англисӣ шавқу рағбати донишҷӯёнро нисбат ба фан зиёд менамояд, барои омӯзиши минбаъда такон мебахшад, кӯмак менамояд, то ки қобилияти эҷодиашонро амалӣ кунанд. Бозӣ дарсро рангин, отифавӣ ва равшан менамояд. Дар дарси забони англисӣ усулҳои мухталифи бозиро истифода бурдан мумкин аст: ҳолати бозӣ, бозӣ, намоиши зеҳнӣ, нақшофарӣ ва ғайраҳо.

Бозиҳо, махусан бозиҳои дидактикӣ, дар таълиму тарбияи донишҷӯён мақоми махсус доранд. Онҳо дар таҷрибаи омӯзиши фанҳои тахассусии касбӣ, аз ҷумла, дар дарсҳои забони модарӣ ва англисӣ ба таври васеъ истифода бурда мешаванд [113; 132; 156].

Дар шароити омӯзиши ҳамгиро бозиҳои дидактикӣ дар таълими фанҳои ба ҳам монанд ва муҷовирро ба ҳам мепайванданд. Дар натиҷа донишҷӯён бо роҳи бозӣ робитаҳои миёни фанҳо ва падидаҳои онҳоро ошкор месозанд, моҳият ва муҳтавои маводи азхудшавандаро мефаҳманд. Фаъолияти бозӣ тамоми имкониятҳои зеҳнии донишҷӯёнро ба кор медарорад, ба инкишофи зеҳнӣ ва маърифатии донишҷӯён мусоидат менамояд.

Дар асоси мулоҳизаҳои нишондодашуда ва хулосаҳои назариявӣ зарурати татбиқи амалии бозиҳои дидактикӣ ҳамчун намуди алоҳида ва мустақили машғулиятҳо, ки ба азхудкунии пурмаҳсултари донишҳо мусоидат менамояд, тасдиқ мешавад. Бозӣ аз рӯйи сохтори хеш озод буда, он ба маҳфум, муҳтаво ва мақсадҳои дидактикии бозиҳо, ки барои машғулиятҳо интихоб карда шудаанд, мутобиқ мебошад ва дар муайян намудани сохтор ва муҳтавои машғулият нақши калон мебозад. Дар як ҳолат бозиҳои дидактикӣ дар машғулият ҳангоми омӯзиши мавзӯъҳои

мураккабу душвор низ истифода бурда мешавад. Онҳо бо мақсади мушаххаснамоии маҳфумҳои таҷридӣ ва наздик намудани онҳо ба шароити ҳаёти атроф нақши муҳим мебозанд. Дар ҳолати дигар бозиҳои дидактикӣ дар машғулият баъд аз азхудкунии боби омӯзишии якчанд мавзӯъ бо мақсади ҷамъбасти донишҳои азхудкардашуда ва таъмин намудани робитаи миёни онҳо истифода бурда мешавад. Дар ҳолати сеюм, бозиҳои дидактикӣ дар машғулият бо дарназардошти ҳолати психологии гурӯҳ, вобаста ба фаъолияти дарозмуддати зеҳнӣ гузаронида мешавад.

Пешниҳод карда мешавад, ки дарсҳо бо истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар давоми соли хониш на бештар аз 8-10 маротиба гузаронида шаванд, зеро онҳо аз омӯзгор омодагии калони пешакиро тақозо менамоянд.

Мушоҳидаҳо ва таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки агар дар дарсҳо бозиҳои дадактикӣ аз бозиҳои якшакл иборат бошанд, онҳо ба ҳадаф намерасанд ва ҳатто ба дили донишҷӯён бо якшаклиашон мезананд. Аз ин лиҳоз, бозиҳоро бояд гуногуншакл намудан лозим аст: Мисол, “Бозиҳои нақшофарӣ”, "Ёфтан", “Иваз намо”, "Намоиш", "Тасвир" ва ғайра. Омӯзгор бояд фаъолнокӣ ва ташаббускории донишҷӯёнро дастгирӣ ва инкишоф диҳад. Ин намуди машғулият ба тавлид шудани ҳиссиёти романтикӣ ва тахайюлоти эҷодии донишҷӯён, мустақилии онҳо мусоидат менамояд.

Ҳамин тавр, ягонагии раванди педагогӣ ва вижагиҳои сифатии он дар аксар маврид аз муҳтавои машғулият вобастагӣ дорад ва хусусиятҳои дидактикии он дар ҷанбаҳои зерин инъикос мeёбанд: дар шаклҳои ташкилӣ, дар низоми интихоби методҳо ва равишҳои истифодашавандаи мувофиқ мантиқи омӯзиши фанҳо, гузаронидани силсилаи машғулиятҳо мутобиқ ба динамикаи сохтори ба роҳ мондани машғулиятҳо, дар инкишофи фаъолияти маърифатии донишҷӯён ва ғ. Ҳамаи ин дар сатҳи

сифатӣ ба ҳалли вазифаҳои омӯзишӣ ва инкишофдиҳанда таъсир мерасонад.

Пешрафти иҷтимоию иқтисодӣ, ҷанбаи муассири инкишофи ҳамаи соҳаҳои ҷомеа бо таълиму тарбияи ҷавонон алоқаманд мебошанд. Таҳқиқоти ба фаъолнокии иҷтимоии донишҷӯён ва ташаккулу амалигардонии нақшаҳои ҳаётии онҳо бахшида шуда, нишон медиҳанд, ки барои донишҷӯёни муосир дарки робитаи ногусастании худ бо ҷомеа, майл намудан ба ормонҳои волои ахлоқӣ хос аст.

Аз ҷониби педагогон имкониятҳои бозӣ дар ташаккули сифатҳои иҷтимоию арзишии наврасон ва донишҷӯён таҳқиқ карда шудаанд. Вале, пажӯҳиши имкониятҳои бозӣ дар тарбияи донишҷӯён фавқулода каманд ва мақсадҳои дидактикиро дар машғулиятҳо ё ки дар кори берун аз синфӣ аз рӯйи фан пайгирӣ карда нашуданд. Таҳлили таҷрибаи омӯзгорон оид ба талаботи калони муассисаҳои олии таълимиро дар таҳияи методҳои фаъол нишон дод, ки бозиҳо низ ба ворид шудани донишҷӯён ба ҷаҳони калонсолон мусоидат менамоянд.

Тарҳезии бозиҳо ҳамчун воситаи таъсиррасонии педагогӣ, ки дар ҳалли вазифаҳои ташаккули меъёрию арзишии донишҷӯён қодиранд, бо принсипҳои амсиласозӣ ба қонуниятҳои психологию педагогӣ асос меёбанд. Шароити муваффақияти педагогии шаклҳои мазкури бозиҳо бо донистани соҳаи иҷтимоӣ ва дурнамои инкишофи он, бо баҳисобгирии хусусиятҳои синну солӣ, хусусияти фаъолияти бозӣ ва ғайра муайян мешаванд.

Бо дарназардошти ҷанбаҳои зиёди ин раванд, маҷмӯи методҳо истифода мешаванд: таҳлили адабиёти фалсафӣ, иҷтимоӣ, психологӣ, педагогӣ, ки ба дарки моҳияти фаъолияти бозӣ кӯмак мерасонанд.

Бозиҳои дидактикӣ, воситаи фаъолноккунӣ буда, дар худ фарогири функсияҳои отифавӣ ва оқилонаро таҷассум менамоянд, раванди таълимро барои донишҷӯён ҷолиб ва шавқовар мекунанд. Бозиҳои дидактикӣ ба соҳаи нерӯҳои маънавии шахс ворид мешаванд, раванди

таълимиро академӣ менамоянд, онро бо шаклҳои мухталифи фаъолияти ҳаётӣ наздик мекунанд. Вақтҳои охир аҳамияти бештар ба таҳқиқоти бозии дидактикӣ ҳамчун воситаи фаъолнамоии фаъолияти маърифатӣ дода мешавад. Аксарияти пажӯҳишҳои анҷомгирифта проблемаи фаъолнамоии фаъолияти маърифатиро дар асоси бозӣ ё ки аз нуқтаи назари методӣ ва ё дар тайёрии касбӣ ҳаллу фасл менамоянд [81,99,119,133,165 ].

Истифодаи мақсадноки унсурҳои бозӣ метавонад сатҳи омӯзишро баланд бардорад ва онро барои донишҷӯён аҳамиятноктар гардонад. Мавзӯи бозиҳои дидактикӣ ба фаъолноknамоии фаъолияти маърифатии донишҷӯён таъсир мерасонад.

Вориднамоии мақсадноки бозиҳои дидактикӣ ба раванди таълим тадриҷан мураккаб шуда онҳо аз тарафи омӯзгор интихоб ва истифода мегарданд, ки ба фаъол намудани донишомӯзон дар раванди омӯзиш равона карда мешаванд.

Таҳлили назарияи бозӣ нишон медиҳад, ки зуҳуроти бозӣ ва генезиси он бо инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ робитаи мустақим дорад, инкишофи он дар оянда дарки назариявии аҳамияти ин намуди фаъолиятро тақозо менамояд.

Эҳсосотнокии ҳолатҳои бозӣ донишҷӯёнро ба фаъол будан, зиракӣ зоҳир намудан андешаю муносибатҳои шахсӣ водор месозад. Бозиҳо ин қобилияти корӣ ва фаъолнокии донишҷӯёнро боло мебардорад, сатҳи муоширати онҳоро афзоиш медиҳад. Бозиҳои дидактикӣ зиёд шудани саҳми фаъолнокии донишҷӯёнро дар раванди дарки маводи нав пешбинӣ менамояд.

Бозиҳое, ки бо мақсади мустаҳкам намудани маводи нави таълимӣ истифода карда мешаванд, дарку қабули маводи навро мушаххас менамоянд. Таҳқиқотҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки бештар таваҷҷӯҳи донишҷӯёнро ҳангоми омода намудани вазифаи хонагӣ бояд ба бозиҳо ҷалб намуд.

Бозиҳои дидактикӣ, одатан ба шумораи зиёди воситаҳои дидактикӣ: кортҳо, расмҳо, ҷадвалҳо, лавҳаҳо ва ғайра такя менамоянд. Исбот шудааст, ки бозиҳои дидактикӣ шавқу рағбатро ба маърифат, тафаккури мустақилона ва инкишофи маҳорати нутқӣ бедор менамоянд.

Ангезаи афзалиятноки фаъолияти донишҷӯён рағбати устувор ба маърифат мебошад. Фаъолияти муваффақона дар ҳолатҳои бозӣ шарти муҳим барои бедор намудани рағбат ба фан мебошад.

Бозии нақшофарии одамони синну соли гуногун асосҳои умумии сохторӣ ва психологӣ-педагогӣ доранд. Новобаста аз мавҷуд набудани таҳқиқот дар бораи нақши бозии нақшофарӣ дар фаъолияти омӯзишии донишҷӯён, намояндаҳои илмҳои мухталиф диққатро ба мавҷуд будани талаботи бозикунӣ дар синни ҷавонӣ ва зарурати такя намуда онро дар кори таълимӣ истифода мебаранд. Дар ҳолати мазкур сухан дар бораи бозиҳои ғайримуташаккил меравад, ки ҳангоми муоширати ғайрирасмӣ ба роҳ монда мешаванд [122, 43].

Дар ташкили раванди омӯзиш ҳавасмандсозӣ ба таълим аҳамияти калон дорад. Истифода бурдани усулҳои мухталифи омӯзиш ба мустаҳкам гардидани падидаҳои забонӣ дар хотира, ташаккули тимсолҳои мустаҳками биноӣ ва шунавоӣ, нигоҳ доштани рағбат ва фаъолнокии донишҷӯ мусоидат менамояд. Ҳавасмандкунии ҳар як, ба донишҷӯ, дар фаъолияти гурӯҳ таъсири мусбат мерасонад. Дар ҳолати ноил шудан ба муваффақият - ин натиҷаи истифодаи дастаҷамъии ҳамаи имкониятҳо барои омӯзиш ва идрок гузоштани саҳми шахсӣ ба кори умумӣ мебошад. Истифодаи ҳолатҳои бозӣ ва бозиҳои нақшофарӣ дар машғулиятҳои забони англисӣ ба фаъолсозии раванди омӯзиш мусоидат менамояд. Маълум аст, ки бозии нақшофарӣ иборат аз иҷрои шартии фаъолияти амалии одамон аз ҷониби донишҷӯён мебошад ва шароити муоширати воқеиро фароҳам меорад. Донишҷӯён боварӣ ҳосил менамоянд, ки забонро ҳамчун воситаи муошират истифода бурдан дар бозиҳои нақшофарӣ хеле қулай аст. Тамоми омӯзиш дар бозии нақшофарӣ ба

таҷрибаи нутқӣ асос меёбад. Дар баробари ин, на танҳо гӯянда, балки шунаванда низ ҳадди ақал фаъол мебошад, зеро ӯ бояд суханҳои шарики ҳамнақши худро шунавад, маънои онро дарк намояду азхуд кунад, бо вазъият муқоиса намояд ва нисбати онҳо дуруст рафтор кунад.

Агар дар мубоҳисаи оддӣ донишҷӯёни пешсаф, маъмулан, ташаббусро ба даст гиранд, шарикдарсони ба худ боварӣ надошта хомӯш наистанд, пас дар бозии нақшофарӣ ҳар кадоме нақши худро иҷро намуда бояд дар муоширати нутқӣ шарики фаъол бошад, садди нобовариро бартараф намояд.

Раванди омӯзиш бидуни фаъолияти муассири донишҷӯ, ҳамчун субъекти таълим, ғайриимкон мебошад. Дар раванди бозӣ донишҷӯёни болаёқат ба донишҷӯёни сустхон кӯмак мерасонанд. Имою ишора яке аз амалҳои фаъоли омӯзгор аст, ки он дар дарс фаъолнокии донишҷӯро таъмин намояд. Минбаъд нақши омӯзгор дар раванди омода намудан ва гузаронидани бозӣ тағйир меёбад ва метавонад ташаббусро донишҷӯ ба даст гирад. Бозии нақшофариро бояд хуб ташкил ва баргузор намуд.

Дар марҳилаи аввали кор омӯзгор фаъолияти донишҷӯро ба таври муассир идора менамояд, минбаъд ӯ танҳо мушоҳидакор мегардад. Бояд муҳити мусоид ва хайрхоҳона дар дарс ташкил карда шавад. Дар ҷараёни бозӣ омӯзгор хатоҳоро ислоҳ намекунад, танҳо барои худ ёддошт мегирад, то ки дар дарси оянда онҳоро баррасӣ кунад ва иштибоҳҳои хосро коркарду ислоҳ намояд. Бозӣ метавонад ҳам дар марҳилаи аввали омӯзиш ва ҳам дар марҳилаи пешрафти он истифода шавад. Мо якчанд бозиро пешниҳод менамоем, ки барои гузаронидан дар дарс - машғулиятҳои забони англисӣ тавсия дода шудаанд. Силсилаи бозиҳо барои ба хотир овардани воҳидҳои лексикӣ имкон медиҳанд, раванди аз ёд рафтани захираи фаъоли луғавиро пешгирӣ менамоянд. Азхудкунии маводи барномавӣ дар шакли бозӣ ба хусусиятҳои синнусолию психологии донишҷӯён ҷавобгӯ мебошад.

Дар ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода машғулият бо усули зерин баргузор гардид:

Бозии Numbers on the blackboard. «Шумораҳо дар тахтаи синф». Ин машқ-бозӣ барои назорати азхудкунии шумораҳо аз 1 то 1000 аз ҷониби донишҷӯён истифода мешавад. Дар бозӣ гурӯҳе иштирок менамояд, ки аз рӯйи шумораи қаторҳо ба дастаҳо тақсим карда шудааст. Тахтаи синф ба 3 қисм тақсим карда шудааст, дар он пешакӣ шумораҳо навишта шудаанд. Дар мизи аввал барои ҳар як гурӯҳ бӯри ранга гузошта шудааст.

Омӯзгор яке аз рақамҳое, ки дар тахта рақамро номбар менамояд (навишта шудаанд). Донишҷӯёне, ки дар паси мизҳои қатори аввал нишастаанд, зуд бархеста, рақамро такрор намуда, бӯри рангаро гирифта, ба назди тахта давида мераванд. Дар қисмати ба гурӯҳ мутааллиқбудаи тахта рақами лозимиро пайдо карда онро ба давра мегиранд ва ба ҷойи худ бармегарданд. Баъдан омӯзгор рақами дигарро номбар менамояд ва бозӣ идома меёбад. Агар донишҷӯ бо бӯр дигар рақамро дар доира гирад, пас ӯ бояд ин давраро пок намояд. Донишҷӯе, ки ба хатоӣ роҳ додааст, бо овози баланд рақами даркориро номбар менамояд. Он дастае ғолиб меояд, ки дар тахта шумораи зиёдтари давраҳоро тасвир кардааст. Дар марҳилаи пешрафтатари омӯзиш метавонанд шумораҳои тартибӣ ва рӯзҳои тақвим низ истифода бурда шаванд.

Бозии Make a sentence.. “Ҷумла сохтан”. Дар бозӣ дастаҳое иштирок менамоянд, ки дар ҳар кадоми онҳо шумораи иштирокчиёнашон ба шумораҳои вожаҳо ба ҷумлаи оддии тафсилӣ мувофиқат менамоянд. Мисол, агар ҷумла аз 4 вожа иборат бошад - мубтадо, хабар, пуркунанда ва ҳол, дар дастаҳо бояд 4 нафар бошанд, ки ҳар кадоми онҳо дар даст бояд кортро бо рақами марбута дошта истанд -1, 2, 3, 4. Омӯзгор бояд қаблан 10 расмҳои ҳолатҳоро бо тасвири одамон омода карда бошад, ки ягон амалро ба анҷом мерасонанд.

Дар баробари ин ба донишҷӯён бояд калимаҳо маълум бошад, ки ҳангоми тавсифи ҳамаи амалҳои дар расм тасвир гардида мавриди

истифодабарӣ қарор гиранд. Омӯзгор расмҳоро ба дастаҳо бо навбат нишон медиҳад. Масалан, аввал писарбача тасвир шудааст, ки китоб мехонад. Донишҷӯи зери рақами 1 як қадам ба пеш мебарояд ва мегӯяд:The boy...,

P2.:is reading...

P3.: a book

Кори дастаҳоро метавон аз рӯйи низоми панҷхолӣ баҳогузорӣ намуд.

Он дастае дастболо мегардад, ки шумораи бештари холҳоро ба даст овардааст.

Бозии Memory game. “Дар хотир доштан”. Дар арафаи гузаронидани ин машқ-бозӣ омӯзгор ба донишҷӯён вазифа мегузорад, ки дар мавзӯъҳои марбута калимаҳоро такрор намоянд. Гурӯҳ ба дастаҳо ҷудо мешавад. Дар оғози бозӣ омӯзгор мавзӯъҳоро барои ҳар як даста эълон менамояд. Мисол:

In the room I see – Дар хучра ман мебинам

In my bag I have – Дар сумка ман мебинам

On the table there ar – Дар болои миз

In the garden I see – Дар боғ ман мебинам

Бозии «What animals do yo know?» «Кадом ҳайвонҳоро медонед?». Ба ҳар яке аз ду даста расм бо тасвири ҳайвонот дода мешавад. Донишҷӯён бояд ин ҳайвонотро бо забони англисӣ номбар намоянд. Он дастае даст боло мешавад, ки дурусттар ва зудтар вазифаро иҷро менамояд.

Бозии"Find the secret letters" «Мактубҳои махфиро ёфтан» Бозӣ аз рӯйи принсипи бозии телевизионии «Майдони муъҷизаҳо» ("Поле чудес") гузаронида мешавад. Барои дарёфти ҳар як ҳарфи дуруст донишҷӯ соҳиби жетон мегардад. Онҳое дастболо мешаванд, ки жетонҳои бештар ба даст меоранд. Мисол:

M - - к - - (a monkey) (маймун)

E - - p --- t (an elephant) (фил)

Бозии «The announcers competition». «Эълони мусобиқа» Бозӣ дар шакли озмуни наттоқони телевизион гузаронида мешавад. Қаблан экрани телевизор ва микрофон омода карда мешавад. Ҳангоми хониш маҳорати хондани ҷумла, оҳанги садо, дуруст талаффуз намудани вожаҳо, хониши бошуурона бо суръати муайян ба инобат гирифта мешавад.

Бозии «Guess the animal». «Муайян намудани ҳайвонот» Яке аз иштирокчиён ҷонвареро фикр мекунад. Дигар иштирокчиён бошанд, бо ёрии суолҳои ишоракунанда кӯшиш менамоянд, онро пайдо намоянд. Ҳар як саволи дуруст гузошташуда ба инобат гирифта мешавад. Мисоли саволҳо:

Is it a or domestic animal ? – Оё ин ҳайвони ваҳшӣ ё ки хонагӣ аст?

Is it big or little ? – Оё ин калон ё хурд аст?

What colouris it ? – Рангаш чигуна аст?

Has it got hair ? – Оё ин мӯй дорад?

Can it swim (run, jum )? – Оё вай оббозӣ (давидан, ҷаҳидан) карда метавонад?

Does eat (meat, grass, fish, vegetable, fruit) '. – Оё вай (гӯшт, алаф, моҳӣ, сабзавот, мева) мехӯрад?

Барои донишҷӯёни курсҳои болоӣ тавсия дода мешавад, ки маводи мубрамро ҳангоми бозиҳои нақшофарӣ истифода баранд. Принсипи ба роҳ мондани онҳо аз маҷаллаи “Hello” гирифта шудааст, ки бо иштироки донишҷӯёну омӯзгорони факултаҳои забони англисии ДДОТ, ДДЗТ ва ДМТ нашр карда мешаванд.

Лото-бозии «Telephoning» - «Гуфтугӯи телефонӣ». Сӯҳбати телефонӣ дорои сохтори муайян мебошад. Бояд салом гуфт, худро муаррифӣ карда шахси лозимиро ба назди телефон даъват намуд. Агар муштарӣ ҳузур надошта бошад, пас шахси гӯшакро бардошта ба Шумо пешниҳод менамояд, ки паёмаки худро ирсол намоед. Аз сабаби он, ки номҳои мо дар аксар маврид барои хориҷиён душворанд, мумкин аст аз Шумо хоҳиш намоянд номатонро такрор намоед, ҳатто онро "ҳарф бо ҳарф номбар

кунед" - "spell it". Лото метавонад бо чунин тамрин ёрӣ расонад. Кортҳо бо гунаҳои мухталифи ҳолатҳо, ҳузур надоштани муштарӣ пешниҳод мешаванд, мисол:

| | |
|---|---|
| Tel. 168-3434 Mrs.Hudson She's in. I think she' gone shopping. | Tel. 647 - Jane Morgan. I'm afraid she's not here he's at the disco. |
| Tel. 915-7623 ScorpioCorp. -Mr. Fox Sorry he is inconference at moment. | Tel. 329-2800 New World Ltd - -Mr Blake I'm afrai Mr. Blake engaged just now. |

Сохтори сӯҳбатҳои шахсӣ ва корӣ коркард карда мешаванд.

Model Dialogue I – Амсилаи якуми гуфтугӯ

A. Hello!

B. Hello! Alex Smirnov is speaking. Could I talk to Steve, please? A. Hold the line, please.

B. Oк.

A. I think he is in swimming the pool.

B. Could you take a message

A. With pleasure.

B. Would you ask him ring me back when he gets back?

A. Certainly. What`is your number?

B. Two-double-seven-o-nine.

A. Thanks.. . You're welcome.

Here Model the dialogue 2 – Модели дуюми гуфтугӯ

A. Hello, Robbins and Company. Can I talk to you?

B. This is Mr. Smirnov. I'd like to speak to mr. Robbins, please.

A. Hold the line, please.

B. ok.

A. I am afraid Mr. Robbins is at the meeting of the board Would you like to leave any massage?

B. Could you ask Mr to ring me when the meeting is over? I'm stayin at the Hilton hotel.

A. Could you spell your name, please?

Certainly. S, M, I, R, N, O, V,

A.Thanks Mr. Smirnov.

B. Thanks

Бояд қайд кард, ки бозиҳои номбаршударо омӯзгор метавонад бо мураккаб намудани мақсаду вазифаҳо барои мустаҳкам ва васеъ намудани донишҳо, тақвият бахшидани қобилиятҳои коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён такроран истифода барад. Масалан: номбар кардани шумораҳои ҷуфт ва тоқ, ҷудо ва номбар кардани ҳайвонҳои хонагию ваҳшӣ ва сифату хусусияти онҳо, ворид намудани шакли сабуки байт бараки тоҷикӣ, зарбулмасалу мақолҳои бо ҳам мантиқан монанди тоҷикию англисӣ, сӯҳбати телефонӣ бо истифодаи одоби муошираи миллӣ ва ғайраҳо.

Таҷрибаи як қатор муассисаҳои олии таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ба раванди таълимӣ ҳамроҳ намудани бозиҳои маърифатӣ ва нақшофарӣ, истифода бурдани маводи мубрам, ба вуҷуд овардани ҳолатҳои таълимии муошират бо инкишофи шахсият имкон медиҳад. Он барои ҳавасмандгардонӣ ба омӯзиши забони англисиро дар муассисаи таҳсилоти олӣ хеле арзишманд мебошад.

Тараккиёти инсоният боиси афзудани хачми донишхои илмӣ гардид. Афзоиши ҳаҷми донишҳои илмӣ боиси мураккаб шудани сохтори фанҳои гуногун ва такрори мазмуни таълим гардид. Дар натиҷа инкишофи минбаъдаи донишхои илмӣ, омухтан (таълим) ва истифода бурдани он суст мешавад, гарчанде ки ба мутахассисони универсалӣ ва мутаносибан ба донишхои умумибашарӣ эҳтиёҷ ба вуҷуд меояд. Дар айни замон бо ёрии равиши интегративӣ масъалаи алоқаи мутаҷобилаи фанҳои ба ҳам алоқаманд ҳал карда мешавад, ки ин аст сабаби асосии истифодаи равиши интегративӣ дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ.

### 2.3. Самаранокии муҳтаво ва низоми технологияи педагогии ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён

Раванди истифодаи робитаҳои байнифаннӣ дар ду ҷабҳаи ба ҳам вобаста ва ба ҳам таъсиррасонанда ба роҳ монда мешавад. Ҷабҳаи аввалро истифода бурдани ин робита ҳамчун воситаи таъминкунандаи самаранокии таълим ва дарки онро ташкил намояд, ҷабҳаи дигар ин амалӣ намудани робитаҳои байнифаннӣ бо мақсади тарбияи ғоявию сиёсии донишҷӯён аст.

Гузашта аз он, робитаи мутақобилаи фанҳои омӯхташаванда дар муассисаи олии таҳсилоти касбӣ ба таври объективӣ мавҷуд мебошад, зеро онҳо робитаҳои мутақобилаи падидаҳои воқеияти объективиро инъикос мекунанд. Падидаи ҷаҳони моддӣ ва тафаккури инсонӣ ба якдигар вобастагӣ доранд. Робитаи сababӣ дар раванди ба донишҷӯён омӯзондани асосҳои илмҳо оид ба табиат ва ҷомеа бояд ошкор карда шавад. Ҳар як илм иборат аз маҷмӯи донишҳо мебошад, ки дар шуури инсон дар раванди фаъолияти амалии ӯ бо мақсади тағйирдиҳии воқеияти объективии атрофи ӯ истифода бурда мешавад.

Ҳар як фанни таълимӣ аз ғояҳо, маҳфумҳо андешаҳое иборат ҳастанд, ки наметавонанд аз якдигар ҷудо карда шаванд. Фанҳои таълимии даври муайян бо якдигар бо ғояҳо, маҳфумҳо ва афкору андешаҳо вобаста мебошанд. Зарурати ҷудо намудани ин ғояҳои умумӣ ва робитаҳои байнифаннӣ ҳатмӣ будани эътирофи онҳоро нишон медиҳад. Вале мавҷудияти робитаҳои байнифаннӣ дар асоси фанҳои таълимии давраи муайян на ғайримуташаккил падид меоянд, балки комилан асоснок ва тибқи қонуниятҳои муайян амал мекунанд.

Дар бобати мавҷудияти робитаҳои байнифаннӣ дар баъзе маврид қайд карда мешавад, ки онҳо яке аз шартҳои муҳими дидактика мебошанд. Робитаҳои байнифаннӣ аз рӯйи муҳтаво ба чор намуд тақсим мешаванд:

а) аз рӯйи умумияти назария, қонунҳо ва маҳфумҳо;

б) аз рӯйи умумияти ҳолатҳои илмӣ, ки ба ҳамон як объекти омӯзиш дахл доранд;

в) аз рӯйи умумияти истифодаи методи илмӣ;

г) аз рӯйи умумияти равишҳои фаъолияти зеҳнӣ.

Бояд қайд намуд, ки амалӣ намудани робитаи байнифаннӣ аз рӯи хронология ё замон ҷудо мешаванд:

1) Робита дар асоси мавзӯъҳои омӯхташуда;

2) Робита аз рӯйи мавзӯъҳои омӯхташаванда;

3) Робита дар асоси мавзӯъҳои айни замон омӯхташаванда.

Ин се намуди робитаҳои байнифаннии нишондодашуда ба ҳамаи фанҳои таълимӣ мансуб мебошанд, ки дар муассисаи олии таҳсилоти касбӣ омӯхта мешаванд.

Таҷрибаи амалии мо нишон дод, ки идроки бошууронаи асосҳои илмҳо, дарк намудани ғояҳои асосӣ ва сиёсӣ дар фанҳои азхудшаванда, истифодаи омилҳои беруна барои инкишофи минбаъдаи шуури донишҷӯ имкониятҳои воқеиро фароҳам меоваранд. Дар аксари ҳолатҳо амалишавии робитаҳои байнифаннӣ ҳамчун воситаи самараноки тарбияи ғоявию сиёсии донишҷӯён мусоидат менамояд, ба инкишофи шуури эҷодӣ ва илмии донишҷӯён кӯмак мерасонад.

Дар курсҳои 1-ум ва 2-юм иттилоот аз ҷониби омӯзгорон аз нуқтаи назари васеи педагогии ин калима дода ва имкониятҳои калонро на танҳо барои азхудкунии асосҳои илм, балки барои амалисозии бомуваффақияти, тарбияи ғоявию сиёсиро таъмин менамоянд.

Робитаҳои байнифаннӣ инчунин ба инкишофи тафаккури тимсолии (образнок) инсон кӯмак мерасонад. Тафаккури тимсолӣ нисбат ба тафаккури абстрактӣ мушаххастар мебошад.

Таҳқиқоти мо нишон дод, ки аз як ҷониб, робитаҳои байнифаннӣ дар тарбияи ғоявию сиёсии донишҷӯён басо судманд бошад, аз ҷониби дигар, донишҷӯён воқеияти робитаҳои байнифаннии мавҷударо ҳангоми

омӯхтани фанҳои таълимӣ, махсусан, ҳангоми омӯзиши забони англисӣ ва робитаи он бо забони модарӣ дарк менамоянд.

Дар замони мо ташаккулёбии мустақилияти зеҳнии донишҷӯ дар раванди таълиму тарбия аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Дар раванди тадрис боварӣҳосил намудан мумкин аст, ки имконниятҳои маърифатии донишҷӯ фавқулодда бузурганд. Инкишофи онҳо воситаи муҳими ташаккули мустақилияти зеҳнии донишҷӯён мебошад. Ҳалли ин масъалаҳо бо он шарт имконпазир аст, ки агар омӯзгор омӯзиши фаъолонаи донишҷӯёнро дар машғулиятҳо, дар кори берун аз дарсӣ ва иҷрои супоришҳои хонагӣ таъмин карда тавонад. Тибқи андеша ва эътирофи бисёр психологҳо ва педагогҳо, барои фаъол намудани фаъолияти маърифатии донишҷӯ ба онҳо на танҳо низоми азхудкунии донишҳоро таълим додан зарур аст, инчунин низоми муайяни усулҳои мустақилии зеҳниро низ бояд омӯхт.

Маълум аст, ки мустақилияти маърифатӣ ва зеҳнӣ - маҳфумҳои ба ҳам монанд мебошанд, аммо яксон нестанд. Мустақилияти зеҳнӣ ҷудо намудани ғоя, дарёфти роҳҳои ҳалли он ва таҳқиқот дар шароити навро далолат менамояд. Мустақилияти маърифатӣ бошад, одатан бо оғози кори эҷодӣ ҳамроҳ мешавад, вале на ҳама вақт унсурҳои таҳқиқотро дар сатҳи олии омӯзишу муошират дар бар мегирад.

Дар шароити тараққиёти илмию техникӣ ва бозсозии тамоми раванди таҳсилот ба инфиродикунонии омӯзиш, ба инкишофи қобилияти эҷодии донишҷӯён, бо такя намудан ба кори мустақилонаи онҳо, роҳандозӣ намудани шаклҳои фаъол ва методҳои омӯзиш нигаронида шудааст.

Кори мустақилона аз рӯйи забони англисӣ – яке аз воситаҳои муҳими инкишофи нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ, азхудкунии маводи таълимӣ, санҷиши дониш, маҳорату малакаҳои донишҷӯ мебошанд. Бидуни кори мустақилона донишҷӯ наметавонад донишҳои амиқу мустаҳкам дошта бошад. Ҳангоми дуруст ташкил намудани кори мустақилона қобилияти зеҳнӣ ва сифатҳои муҳими психологии онҳо инкишоф меёбанд,

ташаббускорӣ, фаъолнокӣ, таваҷҷӯҳ, хотира ва тафаккурро рушд менамоянд.

Дар таҷрибаи омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон аз ҷониби аксари омӯзгорон ба кори мустақилонаи донишҷӯён ҳанӯз аҳамияти зарурӣ дода намешавад. Қисми зиёди вақт дар машғулиятҳо барои пурсиши донишҷӯ, санҷиши вазифаи хонагӣ, фаҳмонидани маводи нав масраф мешавад. Дар аксар маврид донишҷӯён дар давоми 45-50 дақиқа танҳо мешунаванд: ҷавоби рафиқонашонро мешунаванд, баъдан омӯзгорро мешунаванд, баъдан боз ҷавобҳои як-ду донишҷӯи дигарро ҳангоми аз худ намудани мавод мешунаванд. Дар натиҷа малакаи дар нутқ мустақилона истифодабарии маводи азхудшавандаи забонӣ инкишоф намеёбад. Ба кори мустақилонаи донишҷӯ бечунучаро бояд вақти зиёдтар ҷудо намуд. Вале кор на танҳо дар зиёд намудани вақт аст: моҳият дар он аст, ки сифати корро дар маҷмӯъ бояд беҳтар намуд.

Машғулият бояд чунон ба роҳ монда шавад, ки азхудкунии донишҳои нав, такрори донишҳои қаблан азхудшуда ва ба хотир гирифтани боби нави барнома ҳангоми фаъолияти муассири донишҷӯ, иҷрои ҳатмии кори мустақилона, ки дар раванди он бояд нутқи донишҷӯён инкишоф ёбад, амалӣ карда шавад. Басо муҳим аст, ки ба толибилмон мустақилона хулосабарорӣ намуданро омӯзонид, то ки онҳо маводи гузаштаро мустаҳкам азбар намоянд. Ба онҳо омӯзонидани кор бо китоби дарсӣ, хондани матн, интихоб намудани китоб барои хондан, аз китоб маводи заруриро барои худ интихоб намудан, дарёфт кардани маводу маълумоти зарурӣ, маънои калимаҳои нофаҳморо дар куҷо ҷустан, бо маълумотнома чӣ гуна кор кардан ва ғайраҳо лозим аст, яъне ба онҳо одат ва тарзу усулҳои истифодаи китобро фаҳмонидан муфид мебошад.

Мо қаблан қайд намудем, ки кори мустақилона ба инкишофи тафаккур мусоидат менамояд. Яке аз шаклҳои асосии тафаккур ҷамъбасткунӣ ва мушаххасгардонӣ мебошанд. Бинобар ин ба донишҷӯ на

танҳо хулосаю ҷамъбаст кардану далелҳоро омӯзонидан зарур аст. Инчунин ба онҳо бо истифодаи мисолу далелҳо тасдиқ карда тавонистани андешаю ғояҳо, ҷамъбасткунию хулосабарорнро омӯзонидан лозим. Бояд аз донишҷӯ асоснокии ҷавобҳо, тасдиқи маълумотро талаб кард. Саволҳои “чаро?”, “барои чӣ?”, “ба кадом мақсад?” бояд ҳамеша ҳангоми омӯзиши забони англисӣ садо диҳанд.

Кадом намудҳои корҳои мустақилона бояд дар дарсҳо истифода бурда мешаванд? Кори бештар аз ҳама маъмул буда инҳо диктантҳои луғавӣ, кор бо кортҳо, диктантҳои интихобӣ, ёфтани вожаҳо ё фикр карда баромадани ҷумлаҳои алоҳида бо қоидаҳои муайян, посуххо ба саволҳо, тартиб додани ҳикоя аз рӯйи расм, сӯҳбати дунафарӣ (диалог), мустақилона ҳикоя намудан, кор аз болои матни тағйирдода ва ғайраҳо.

Кори мустақилона бо истифодаи синонимҳо ва антонимҳо захираи луғавии донишҷӯёнро мукаммал месозад, барои фикрронӣ маҷбур месозад, фаъолнокии нутқии онҳоро инкишоф медиҳад. Усули синонимикунонӣ барои фаҳмонидани маънои вожа ва ибора кӯмак мерасонад, бисёрмаъноии калимаҳоро мефаҳмонад. Дарки дурусти нақши синонимҳоро ҳамчун воситаи муайян намудани маънои вожаҳо донишҷӯён ҳанӯз дар курси якум аз худ менамоянд. Онҳо бо нишонаҳои асосии синонимҳо ошно мегарданд. Корро аз рӯйи синоним ва антонимҳоро ҳам аз рӯйи кортҳо ва ҳам бо истифода аз тахтаи синф гузаронидан мувофиқи мақсад аст. Мумкин аст иҷрои вазифаҳои мухталифи таълиму тарбиявӣ гузошта шаванд. Масалан, интихоб намудани синонимҳои вожаҳои зерин: кӯтоҳмуддат, моеъ, ҷасур, камбағал, мушкил, сахт ва ғайра. Интихоб намудани антонимҳои вожаҳои: калон, хурсанд, хуб, сиёҳ, ҷасур, омад ва ғайра. Баъдан пешниҳод мешавад, ки бо истифодаи як - ду синоним ва антоним ҷумлаҳо тартиб дода шаванд. Дар ин ҳолат омӯзгор бояд дар интихоб намудани синоним ё антонимҳо ба донишҷӯён кӯмак расонад, онҳоро ба забони модарии донишҷӯ тарҷума намояд. Танҳо баъд аз ин донишҷӯ бе мушкилӣ

ҷумла тартиб дода метавонад. Хуб аст, агар луғатомӯзӣ барои чунин намуди кор аз рӯйи мавзӯъ интихоб карда шавад, ки он имкон диҳад то донишҷӯён қисса-миниатюраро тартиб диҳанд. Кори мақсадноки луғатомӯзиро аз рӯйи синонимҳо ва антонимҳо мо дар ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ ва ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода гузаронидем.

Натиҷаҳои кори мазкур дар ҷадвали 10 нишон дода шудаанд.

***Ҷадвали 10***

| МОТ | Бахш, шумора донишҷӯён | Вазифа | Шумораи вожаҳои интихобшуда | | | | | | | | шумораи умумии |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 5-6 вожа | | 3-4 вожа | | 1-2 вожа | | Иҷро накарданд | | Вожаҳо |
| ДДОТ ба номи С. Айнӣ | курси 1«а» (таҷ.) 21 | синонимҳо | 11 | 52,4 % | 7 | 33,3 % | 3 | 14,3 % | - | - | 89 |
| | | антонимҳо | 9 | 42,9 % | 10 | 47,6 % | 2 | 9,5 % | ~ | ~ | 85 |
| | курси 1 «б», (сан.) 20 | синонимҳо | 5 | 25% | 7 | 35% | 6 | 30% | 2 | 10% | 63 |
| | | антонимҳо | 3 | 15% | 9 | 45% | 5 | 25% | 3 | 15% | 54 |
| ДДЗТ ба номи С. Улуғзада | курси 1 «а» (таҷ.) 30 | синонимҳо | 13 | 43,3 % | 11 | 36,7 % | 6 | 20% | - | - | 119 |
| | | антонимҳо | 14 | 46,7 % | 8 | 26,7 % | . 7 | 23,3 % | 1 | 3,3 % | 112 |
| | курси 1«б», (сан.) 12 | синонимҳо | 2 | 16,7% | 5 | 41,6 % | 3 | 25% | 2 | 16,7% | 34 |
| | | антонимҳо | 2 | 16,7 % | 4 | 33,3 % | 3 | 25% | 3 | 25% | 27 |

Маълумоти ҷадвал нишон медиҳанд, ки захираи луғавии донишҷӯёни гурӯҳҳои таҷрибавӣ нисбат ба захираи луғавии донишҷӯёни гурӯҳҳои санҷишӣ ғанитар мебошад.

Намудҳои кор, ки ба инкишофи мустақилият ва фаъолнокии нутқии донишҷӯ мусоидат менамояд, мухталиф мебошанд. Дар таҷриба мо мебинем, ки нутқи донишҷӯ, бидуни ташбеҳҳои равшан ва ҳадафрас қавӣ нест. Барои ғанӣ намудани захираи луғавии донишҷӯён бо феълҳо мо ба донишҷӯён пешниҳод намудем, ки машқҳои зеринро иҷро намоянд:

• ҳар чи бештар ба вожаҳои зерин ташбеҳ интихоб намоянд: ҷангал, осмон, дарё, сабза, дуд ва ғайра;

• аз ҷумлаҳои алоҳида, ки сифат надоранд, бо илова намудани муайянкунанда ҷумла тартиб диҳанд. Мисол: Офтоб медурахшад. Паррандаҳо мехонанд. Борон сар кард. Донишҷӯён дар корхона кор мекунанд ва ғайраҳо;

• тартиб додани ҷумлаҳо бо истифода аз калимаҳои: наздик ва ҳамсоя, дарозмуддат ва дароз, кӯтоҳ ва кӯтоҳшуда, ҷасур ва нотарс, мустаҳкам ва дурушт;

• ба муайянкунандаҳои мазкур мубтадои ҳаммаъноро интихоб намуда бо онҳо тартиб додани ҷумлаҳо (мисол: хунуки тароватбахш, нави панҷошёна, бемаззаи хом...).

Инкишофи нутқи донишҷӯ, фаъолнамоии луғат, бидуни ташкили таҷрибаи нутқии донишҷӯён, бидуни кори мустақилонаи онҳо дар раванди таълим имконнопазир аст. Дар ин кор нақши машқҳои махсус басо калон аст. Намуди асосии машқҳо, ки ба фаъолнокии нутқии донишҷӯён мусоидат менамояд - ин истифодаи мустақилонаи вожаҳо дар ибора, ҷумла ва нутқи мураттаб мебошад. Ба донишҷӯён пешниҳод карда мешавад, ки бо истифода аз вожаи нав фаҳмонидашуда ҷумла тартиб диҳанд, кӯшиш ба харҷ диҳанд то вожаи ношиносро мустақилона маънидод намоянд, ба он вожаҳо синоним ва антоним интихоб намоянд ва як чанд ҷумла тартиб диҳанд; дар гуфтугӯ – диалог иштирок намоянд;

ин ё он вожаро дар ҷумла дарёфт намуда онро маънидод намоянд, ки бо кадом маъно ин вожа истифода шудааст; ҷумлаеро интихоб намоянд, ки вожаи мазкур бо дигар маъно истифода бурда шудааст ва ғайраҳо.

Ҳангоми мустаҳкам кардани маводи омӯхташуда, омӯзгор имконияти калони инкишоф додани мустақилият ва фаъолнокии нутқии донишҷӯёнро дорад. Машғулиятҳои мухталифи тамринӣ, тартиб додани ҷумлаҳо, иншоҳо аз рӯйи вожаҳои асосӣ, ҳикоя аз рӯи тамошои расм, диафилм бо таҳияи ҷумла ва нақли кӯтоҳ тартиб додани ҳуҷҷатҳои корӣ – ҳамаи ин усулҳои самараноки инкишофи мустақилият, аз худ намудани луғат ва инкишофи нутқи шифоҳӣ мебошанд.

Яке аз усулҳои самараноки азхудкунии маводи нав ва инчунин такрор намудани маводи гузашта кор бо кортҳо, расмҳо, тасвирҳо мебошад. Кортҳо тадриҷан вобаста ба гузаштани ин ё он боби барнома омода ва ҷамъ карда мешаванд. Истифодаи кортҳо донишҷӯёнро ба кори мустақилона водор месозад, то ки дар муддати кӯтоҳ масъалаҳои зиёдро баррасӣ намоянд; омӯзгор кори ҳар як донишҷӯро назорат намояд ва ба сифату маънои он баҳо диҳад.

Расм – на танҳо воситаи тарбияи эстетикӣ ва инкишофи тафаккури мантиқӣ ва тахайюли эҷодии донишҷӯ мебошад, он ҳамчунин ба фаъол намудани амалҳои нутқии донишҷӯ кӯмак мерасонад, хоҳиши ҳарф заданро бедор месозад. Мо расмро бо тасвири шаҳре пешниҳод намудем. Донишҷӯён онро тавсиф намуданд. Баъд аз тавсиф онҳо фаҳмиданд, ки ин шаҳри Душанбе мебошад.

Кор бо кортҳо, расмҳо ва тасвирҳо таркиби луғавии донишҷӯро ғанӣ мегардонад, ба фаъолнокии нутқ ва инкишофи мустақилият мусоидат менамояд. Матн ва ҷумлаҳои алоҳидаи кортҳо на танҳо бояд ба мавзӯъ мувофиқ бошанд, инчунин ба иҷро гардидани вазифаҳои тарбиявӣ мусоидат намоянд. Аз ин лиҳоз, мисолҳоро аз адабиёти бадеӣ истифода бурдан мувофиқи мақсад аст. Кори мустақилона бо чунин матнҳо дар ҳамаи марҳилаҳои дарсҳо басо судманд аст ва ҳангоми гузаронидани

дарсҳои гуногуншакл омӯзгорон донишҷӯёнро ба кор ҷалб менамоянд, хоҳишу рағбати маърифатиро инкишоф медиҳанд, шавқу рағбати онҳоро афзун мегардонанд.

Инкишофи нутқи шифоҳӣ, фаъолнамоии фаъолияти нутқӣ – яке аз вазифаҳои муҳимтарини омӯзиши забони англисӣ ба ҳисоб меравад. Вақти бештарро барои иҷрои вазифаҳои нутқӣ бояд ҷудо намуд. Мувофиқи мақсад аст, ки ин дарсҳо аз рӯйи шакл ва муҳтаво гуногун бошанд.

Ин метавонад дар шакли сӯҳбатҳо дар бораи ҳаёти худи донишҷӯён бошад. Масалан, дар бораи оила, дар бораи дӯстону рафиқони беҳтарин, дар бораи муассисаи олии таълимӣ, ки донишҷӯён дар он таҳсил менамоянд, оид ба он ки таътилро чӣ гуна гузаронидаанд, кадом китобҳоро хондаанд ва ғайраҳо. Суҳбатҳо аз рӯйи мусаввараҳо, сужаи тасвирҳо, ки дар китобҳои дарсӣ ҷой дода шудаанд, аз рӯйи муҳтавои матнҳо, китобҳои хондашуда ва ғайра низ манфиатбахш мебошанд.

Мо инчунин ба донишҷӯёни курси якум пешниҳод намудем, ки ҳангоми гузаштани мавзӯи «Subject» (Мубтадо) чунин корҳоро амалӣ намоянд. Дар тахтаи синф мо вожаҳои зеринро навиштем: decision (ҳалнамоӣ), clothes (либос) ва пешниҳод намудем, ки донишҷӯён бояд вожаҳои ҳаммаъноро интихоб намоянд. Натиҷаи иҷрои вазифа дар расми 1 оварда шудааст. Ҳамаи вожаҳо ба калимаҳои ҷудошуда робита доранд:

Расми 1.



Чӣ хеле ки аз расм бармеояд донишҷӯён тавонистанд ба исми ҷомеъ мутаалиқ вожаи «либос» - ро дар шакли калимаҳои алоҳида иброз намоянд.

***Ҷадвали 11***

| МОТ | Гурӯҳ ва шум. донишҷӯён | Баҳоҳо | | | | | | | | Шумораи ум. Калимаҳо | Шум. миё. кал. ба ҳар як хон. |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Аъло | Бо фоиз | Хуб | Бо фоиз | Қаноатбахш | Бо фоиз | ғайриқаноатбахш | Бо фоиз | | |
| ДДОТ ба номи С. Айнӣ | Гурӯҳи 1 «а» (таҷ.) 32 | 7 | 21,9 | 12 | 37,5 | 11 | 34,4 | 2 | 6,2 | 970 | 30,3 |
| ДДЗТба номи С. Улуғзода | Гурӯҳи 1 «б» (санҷ.) 20 | 2 | 10 | 5 | 25 | 6 | 30 | 7 | 35 | 530 | 26.5 |

Натиҷаи иҷрои вазифа оид ба интихоби вожа аз рӯйи маъно дар ҷадвали 11 оварда шудаанд. Маълумоти ҷадвали мазкур нишон медиҳад, ки донишҷӯёни гурӯҳи таҷрибавӣ ба ҳисоби миёна 30,3 калимагӣ интихоб намуданд, дар ҳоле ки донишҷӯёни гурӯҳи санҷишӣ 26,5 калимагӣ интихоб карданд. Ҳамагӣ 2 донишҷӯ (6,2 %) аз гурӯҳи таҷрибавӣ аз уҳдаи иҷрои вазифа набаромаданд, ҳол он ки дар гурӯҳи санҷишӣ 7 донишҷӯ (35 %) аз уҳдаи иҷрои вазифа набаромад. Ғайр аз ин, аз маълумоти ҷадвали мазкур бармеояд, ки захираи луғавии донишҷӯёни гурӯҳи таҷрибавӣ насбат ба донишҷӯёни гурӯҳи санҷишӣ як дараҷа зиёдтар мебошад (дар ҳолати мазкур 970 калима дар муқобили 530 калима). Ин нишондиҳандаҳо бори дигар самаранокии методикаи омӯзиши забони англисиро тасдиқ менамоянд.

Гуногунии шакл, мазмун, методҳои иҷрои вазифаҳо хастагии донишҷӯёнро бартараф месозад, дар тамоми муддати дарс онҳо бо шавқу завқ кор мекунанд. Масалан, порчаи мусиқии “Савтҳои табиат” қабл аз омӯзиши мавзӯи “Фаслҳои сол” дар ДДЗТ ба номи С. Улуғзода садо дод ва сипас, аз донишҷӯён пурсиданд, ки вақти ин мусиқиро шунидан онҳо чиро эҳсос намуданд, кадом тасвирҳоро тасаввур менамоянд, кай ва дар куҷо онҳо метавонистанд ин мусиқиро шунаванд; ин мусиқӣ барояшон гуворо аст ё не, барои чӣ?. Ҳар як донишҷӯ фаъол шуд ва на танҳо ба кӯмак намудан ба омӯзгор дар кори бароҳмонии маҳсулноки дарс иштирок намуд, балки дар ҳалли саривақтии проблемаҳои омӯзишӣ фаъол гардид. Мо хоҳиш намудем, ки ҳикояи хурдеро дар бораи табиат нависанд. Натиҷаҳои санҷиши корҳои хаттӣ дар ҷадвали 12 оварда шудаанд.

Зиёда аз ин, чунин вазифаҳои робитавӣ ба рушди тафаккури эҷодӣ ва тахайюлоти донишҷӯ мусоидат менамоянд. Ҷанбаи муошират дар машғулият аз нақши муҳими он гувоҳӣ медиҳад. Аз ин лиҳоз, бояд дар хотир дошт, ки кашфи таҷрибаи субъективии ҳамаи иштирокчиён метавонад дар самтҳои гуногун ба роҳ монда шавад: «омӯзгор-донишҷӯ», «донишҷӯ-донишҷӯ», «донишҷӯ-гурӯҳ», «омӯзгор-гурӯҳ». Омехтасозии ин самтҳо, одатан аз мавзӯи машғулият ва проблемаҳое, ки дар вақти муайян ҳал карда мешаванд, вобастагӣ дорад.

Ҷараёни дарси мазкури забони англисӣ чунин сохта шуда буд, ки ҳангоми ҳалли вазифаҳои иртиботӣ омӯзгор талаботро эҳсос намуд ва имконият дошт мақсадҳои худро амалӣ намояд. Раванди дарс қобилиятҳои зеҳнии, донишҷӯёнро инкишоф дод, дониш ва таҷрибаи нутқӣ, эҳсосотии ҳар як онҳоро фаъол намуд ва ин нишондиҳандаҳо ифодагари рушди шахсии онҳо буд.

*Ҷадвали 12*

| МОТ | Гурӯҳ, шумораи донишҷӯён | Шумораи умумии ҷумлаҳо | Шумораи миёнаи ҷумлаҳо ба ҳар як донишҷӯ | Шумораи умумии вожаҳо | Шумораи умумии вожаҳо дар ҳар як ҷумла |
|---|---|---|---|---|---|
| ДДЗТ ба номи С. Улуғзода | Курси 2 «а», 30 | 246 | 8,2 | 1525 | 6,2 |
| | Курси 2 «б», 12 | 77 | 6,4 | 408 | 5,3 |

Танҳо иҷрои вазифаҳои дорои ҷанбаҳои гуногун, намудҳои корҳои мустақилона, рағбати донишомӯзии донишҷӯёнро бедор намуда, онҳоро ба мустақилӣ одат мекунонад, муносибати ҷиддӣ нисбат ба таълимро таъмин мегардонад.

Тавре, ки аз таҳқиқоти мо дида мешавад, вижагии забони англисӣ аз он иборат аст, ки дар он асоси омӯзишро раванди муошират ташкил медиҳад, яъне мубодилаи афкор бо воситаҳои забони мазкур ба амал меояд. Он ҳамчун воситаи муошират хидмат намуда, маънои қабул карда тавонистани маълумот, ҷамъоварӣ ва интиқоли иттилоотро дорад. Барои он ки забони англисӣ ин вазифаҳоро иҷро карда тавонад, омӯзанда бояд малакаи қабул намудан, коркард кардан ва интиқол додани маводи азхудшавандаро омӯзад, яъне бо забони англисӣ муошират карда тавонад. Барои фаъолияти мустақили омӯзишӣ, ҳангоми омӯхтани забони англисӣ, мақсади ниҳоӣ аз шаклгирии маҳорати бидуни кӯмаки ягон шахси дигар мустақилона амалӣ намудани фаъолияти нутқӣ иборат мебошад. Танҳо дар ҷараёни машқ кардан ва мустақилона ҳарф задан, хондан ва навиштан, мустақилона баён намудани фикри худро метавон омӯхт.

Вижагии фаъолияти мустақилонаи таълимӣ дар зарурати робитаи мутақобилаи омӯзанда ба иттилоот иҷрои амали нутқӣ ба фаъолияти нутқӣ иборат мебошад, ки он ифодагари пешравӣ ва муваффақияти ӯ дар забономӯзӣ аст.

Раванди ташаккули малака ва маҳоратҳои нутқи шифоҳӣ – раванди мураккаб мебошад, ки ташкили ҷиддиро тақозо менамояд ва он бояд ки ба ҳар як донишҷӯ таҷрибаи нутқиро таъмин карда тавонад. Иҷрои ин амал аз ташкили дурусти кори мастақилона дар хона ва дар дарс вобастагӣ дорад.

Таҳқиқот имкон дод хулоса барорем, ки кори мустақилона имконият медиҳад раванди таълимиро босуръату муассиртар намоем. Тавре, ки И.С. Якиманская қайд менамояд, ки «... муҳтавои таҳсилот, воситаҳо ва методҳои он чунин интихоб ва ташкил карда мешаванд, ки донишҷӯ метавонад нисбат ба маводи фаннӣ, намуд ва шакли он муносибати интихобӣ зоҳир намояд...» [188;3].

Таҷрибаи шахсии педагогӣ нишон дод, ки интихоби методҳо ва усулҳои омӯзиш дар дарсҳои забони англисӣ ба дараҷаи инкишофи низоми сенсории (кору фаъолияти узвҳои биноӣ, шунавоӣ) донишҷӯ, таҷрибаи ӯ, хусусиятҳои синну солӣ ва донишҳои андухтааш аз рӯйи фан вобастагӣ дорад. Масалан, ҳолатҳои фаҳмондадиҳию мавзӯӣ ва интихобу истифодаи бозиҳо барои онҳое мувофиқ мебошанд, ки қобилияти шунавоиашон хуб аст. Намунаи нутқи омӯзгор, донишҷӯён, сабтҳои аудиоӣ, сабтҳои видеоию нутқӣ ва ғайраҳоро ҳамчун маводи омӯзишӣ шунида ва истифода бурда метавонанд.

Истифода бурдани аёниятҳо, маводи видеоӣ, лавҳаҳо, тасвирот барои он донишомӯзон зарур аст, ки бо воситаи шунидан иттилоотро хуб қабул карда наметавонанд. Барои донишҷӯи «бетоқат» интихоби васеъи вазифаҳои амалӣ зарур аст: ба саҳна гузоштани мазмуни асарҳои бадеӣ, воқеаҳои ҳаётӣ, бадеҳагӯӣ, диалогҳо, ҷашнҳои театркунонидашуда, машқҳои варзишӣ, ки мондашавиро пешгирӣ мекунанд ва ғайраҳо

арзишманд мегарданд. Ба чунин донишҷӯён нақши омӯзгорро вогузор кардан ва фароҳам овардани имконият барои ташкилу баргузории дарси забони англисӣ мумкин аст. Дар натиҷа минбаъд мушоҳида кардан мумкин аст, ки ӯ на танҳо дар пешбурди дарс ба шумо халал намерасонад, балки бо як шавқу ҳавас ва масъулият вазифаи инфиродии худро иҷро менамояд ва зиёда аз ин дигаронро фаъол менамояд, руҳияи кории отифавии машғулиятро баланд мебардорад.

Он донишҷӯёне, ки ба эҷодиёт, санъати тасвирӣ майл доранд, метавонанд бо кор аз болои лоиҳа, омода намудани муаррифиномаҳо ва пурсишномаҳо, тартиб додани ҷадвали дарс ва навиштани харитаи донишгоҳ, маҳалли зист, шаҳр банд гарданд. Мумкин аст ба чунин донишҷӯ кашидани тасвирро аз паси равзана пешниҳод намуд ва оид ба ҳар як ашёи дар расм мавҷудбуда бо забони англисӣ пурсиш намуд - What is it? (Ин чист?). Баъдан мумкин аст аз ӯ пурсид, ки ин тасвир ба ӯ писанд аст ё на, барои чӣ? Чунин намуди кор ба донишҷӯ имконият медиҳад, ки худро дар амал санҷад, диққати дигаронро ба худ ҷалб намояд ва ҳолати муоширатро бо забони англисӣ фароҳам оварад.

Агар шумо ният дошта бошед, ки бо донишҷӯ тамос барқарор намоед ва барои худамалинамоии хоҳиши ӯ кӯмак расонед, пурсед: чаро ӯ чунин фикр менамояд, рафтор мекунад, посух медиҳад. Суол Why? (Барои чӣ?) бояд ҳамеша дарсҳои забони англисии омӯзгорро ҳамроҳӣ намояд. Ба монанди:

Did you like the film? Why? Ба ту филм писанд омад? Барои чӣ?

What do you like? Why? Чӣ ба ту писанд аст? Барои чӣ? ва ғайра.

Чунин саволдиҳӣ ё худ - «усул» донишҷӯро ба худтаҳлилнамоӣ водор месозад, ба коркарди мавқеъҳои шахсии худ омода менамояд. Иҷрои ин амал тадриҷан ба ӯ боварӣ мебахшад ва ӯ бо истифода аз захираи донишҳои шахсии хеш мунтазам инкишоф меёбад.

Мукаммал шудани муҳтаво ва методҳои таълиму тарбияи донишҷӯён дар дарсҳои забони англисӣ дар асоси маълумот, ки дар дарсҳои

методикаи таълим ҳам илмҳои ҳамрадифи он ба даст оварда мешаванд амалӣ мегарданд.

Дар раванди таҳқиқот камбудиҳои зерин ошкор карда шуд:

1. На ба ҳамаи донишҷӯён ташаккули малакаи азхудкунии маводи забонӣ муяссар мегардад, дар нутқи онҳо шумораи зиёди хатоҳои лексикӣ ва граматикӣ вомехӯранд. Дар натиҷа бо мақсади хато накардан, донишҷӯён кӯшиш мекунанд иборою ҷумлаҳои худро ҳангоми гуфтор кӯтоҳ намоянд. Мо дар навбати худ ба онҳо дуруст фикр намуданро омӯзонидем, то ки тафаккури худро инкишоф диҳанд, фикрҳои худашонро баён намоянд, инкишофи нутқ таъмин карда шавад.

2. Дар қисми муайяни донишҷӯён захираҳои луғавии ҳам фаъол ва ҳам ғайрифаъол басо маҳдуд аст.

3. Гуфтаҳо ё худ суханронӣ аз пайдарҳамӣ ва пешравӣ дур буда аз рӯйи як мавзӯъ як намуд лексика, ибора ва ҷумлаҳои бо ҳам монанд истифода мешаванд, вале дар ин ҷо ҳам камбудиҳои мазкур хеле кам ислоҳ карда шудаанд.

4. Идроки нутқ дар марҳилаи аввал мушкил буд ва дар раванди таҳқиқот методикаи мо ин вазъро то андозае ислоҳ намуд.

5. Суръати сусти хониши ботинӣ ва маҳорати истифода карда натавонистани калимаю ибораҳои омӯхтанашуда ва таври тахминӣ хондани онҳо арзи вуҷуд дорад.

Мо ошкор намудем, ки камбудиҳои мазкур якчанд сабаб доранд. Яке аз онҳо бо таҷрибаи кори омӯзгорони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ вобаста аст. Дар аксар мавридҳо устодон методу усулҳои кӯҳнашудаи тадрис истифода мешаванд ва кор дар самти инкишофи нутқ ва ислоҳу пешгирии нуқсонҳо хеле суст ба роҳ монда мешавад. Омӯзгорон ба донишҷӯён аслан, на гирифтани иттилооти маънавӣ, балки техникаи хонишро зиёдтар меомӯзонанд ва ғайра. Мавҷудият ва зуҳуроти ин норасоиҳо аз инҳо бармеоянд: рафти дарсро ташкил карда натавонистан ва ҳангоми банақшагирии он барқарор кардани муоширати бо забони

англисиро натавонистан, таъмин накардани ҳамкории самараноки омӯзгор ва донишҷӯ, ба таври ҳадди аксар фаъол набудани фаъолияти донишҷӯ дар дарс, кам истифода бурдани ВТТ ва ғайраҳо.

Воҳидҳои асосии фанни таълимӣ ин унсурҳое мебошанд, ки рисолати пешбарандагиро иҷро менамоянд. Барои забони англисӣ воҳидҳои асосии муҳтавои омӯзиши ин намудҳои фаъолияти нутқӣ: гуфтор, хондан ва навиштан мебошанд. Ҳамчунин мавзӯъҳо ва ҳолатҳое ҳастанд, ки дар доираи онҳо бояд муошират ҳатман сурат бигирад. Барои он ки маҳорату малакаҳо мустаҳкам ва чандирӣ бошанд, донишҷӯён бояд дар ҳамаи ҳолатҳои муошират аз онҳо истифода бурда тавонанд.

Унсури дигар дар дидактика таҷрибаи роҳ ва тарзи фаъолиятро машқ намудан мебошад. Иҷрои машқҳо ба ташаккули тафаккури мустақилона ва инкишофи нутқи донишҷӯ равона карда мешаванд.

Таҷрибаи фаъолияти эҷодӣ – низ яке аз унсурҳои дидактикии мазмуни таълими забони англисӣ буда, ба донишҷӯён имконият ба фаъолияти мустақилонаи ҷустуҷӯиро таъмин менамояд.

Нутқ ташаккул ва тасвияти фикрро бо воситаи забон ифода менамояд ва чун натиҷа он дар матнҳое пешниҳод карда мешаванд, ки донишҷӯён онҳоро ҳангоми хониш мешунаванд ё дарк мекунанд, маънояшро мефаҳманд.

Ҳангоми омӯзиши нутқи шифоҳӣ аҳамияти махсус ба маҳсулноknамоии мустақилонаи фаҳмидану қабул намудани мазмуни матн дода мешавад. Ҳангоми азхудкунии хониш бояд як усули корро, истифода барем, ки он имконият диҳад дар донишҷӯён маҳорати гуфтан – суханронӣ инкишоф ёбад.

Самти дигари тафриқакунонии усулҳои таълим бо дарназардошти марҳилаи ташаккули амалҳои нутқӣ алоқаманд мебошад. Дар марҳилаи аввал мақоми пешбарро он усулҳои таълимие ишғол менамоянд, ки фаъолияти самтгирии донишҷӯёнро таъмин мекунанд ва ба дарки

вобастагӣ ба муҳтавои гуфтаҳо аз мақсадҳо ва шартҳои ҳамгироии нутқӣ таъсиррасон мебошанд.

Дар марҳилаи навбатӣ, ки ба машқу тамрин нигаронида шудааст, мақоми пешбар ба он усулҳои таълимие вобаста карда мешавад, ки ба коркарди матнҳо, иқтибосу гуфтаҳо дар доираи ҳолати таълимию нутқӣ равона карда шудаанд. Ҳангоми баргузории корҳои таҳқиқотӣ дар марҳилаи таҷрибаи нутқӣ диққати бештар ба усулҳое дода шуд, ки ҳалли муштараки вазифаҳои иртиботиро дар шароити тағйирёбандаи муошират таъмин менамоянд.

Дар ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода ба донишҷӯёни гурӯҳҳои 1 ва 2 таҷрибавӣ ва санҷишӣ вазифаҳо вобаста ба суръати тарҷума пешниҳод карда шуданд, ки иҷрои онҳо донишҷӯёнро ба амалӣ намудани тарҷумаи синхронӣ омода менамояд.

*Вазифаи 1.* Тарҷумаи босуръати матн аз рӯйи корт (My family is not very big just a typical family: Dad, Mom, me my brother and sister. My Mumm is forty-one, she is a doctor. My Da is forty-four, he is a teacher o `mathematic at the University. He ha teaching abilities. We always help each other I love my family very much.).

Оилаи ман на он қадар калон аст. Он танҳо як оилаи маъмулӣ мебошад. Падарам, модарам, ман, бародарам ва хоҳарам мебошем. Модарам 41 сола ва духтур мебошанд. Падарам 44 сола буда, дар донишгоҳ омӯзгори фанни риёзӣ мебошанд. Он кас маҳорати омӯзгорӣ доранд. Мо доимо ба ҳамдигар кӯмак мерасонем. Ман оилаамро беҳад дӯст медорам.

*Вазифаи 2.* Тарҷумаи матн аз рӯйи китоби дарсӣ (Курси амалии забони англисӣ. Курсҳои 1-2. Китоби дарсӣ барои муассисаҳои олии таълимии омӯзгорӣ аз рӯйи ихтисоси «Забони хориҷӣ» Л.И. Селянинова, А.В. Куценко; зери таҳрири В.Д. Аракин [19; 153].

*Вазифаи 3.* Сабти видеоиро бо диалогҳо омода намуда (бо суръати миёнаи гуфтор) ва ба донишҷӯён пешниҳод намудем, то ки тарҷумаи ҳамзамонро (синхрониро) амалӣ намоянд.

Ҳисоби сарфаи вақт ва натиҷаҳои иҷрои вазифа аз тарафи донишҷӯёни гурӯҳҳои 1-ум ва 2-юми таҷрибавӣ ва санҷишӣ дар ҷадвали 13 нишон дода шудаанд.

***Ҷадвали 13***

| МОТ | Гурӯҳ, шумораи донишҷӯён | Муҳлат ва иҷрои вазифаҳо | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Вазифаи 1 | | | | Вазифаи 2 | | | | Вазифаи 3 | | | |
| | | 2 дақиқа | 3 дақиқа | 5 дақиқа | Не | 5 дақиқа | 10 дақиқа | 15 дақиқа | Иҷро накарданд | Тарҷумаи саривақтӣ | Тарҷумаи саривақтӣ | Тарҷумаи бо дер кардан | Иҷро накарданд |
| ДДЗТ БА НОМИ С. УЛУҒЗОДА | гр. 2 «а» тач. 30 | 14 | 9 | 1 | - | 12 | 15 | 3 | - | 11 | 12 | 5 | 2 |
| | | 46,7 | 30 | 23,3 | - | 40 | 50 | 10 | - | 36,7 | 40 | 16,7 | 6,6 |
| | гр. 2 “б” санҷишӣ. 12 | 4 | 2 | 3 | 3 | 3 | 2 | 3 | 4 | 1 | 2 | 3 | 6 |
| | | 33,3 | 16,7 | 25 | 25 | 25 | 16,7 | 25 | 33,3 | 8,3 | 16,7 | 25 | 50 |
| | 1 «а» тач. 20 | 8 | 7 | 5 | - | 9 | 7 | 4 | - | 7 | 9 | 3 | 1 |
| | | 40 | 35 | 25 | - | 45 | 35 | 20 | - | 35 | 45 | 15 | 5 |
| | 1 «б» санҷишӣ. 13 | 5 | 3 | 4 | 1 | 5 | 3 | 3 | 2 | 2 | 4 | 2 | 5 |
| | | 38,4 | 23,1 | 30,8 | 7,7 | 38,4 | 23,1 | 23,1 | 15,4 | 15,4 | 30,8 | 15,4 | 38,4 |
| | | | | | | | | | | | | | |

Аз маълумоти ҷадвал дида мешавад, ки фоизи иҷрои вазифаҳои 1 ва 2 дар муҳлати кӯтоҳтарро дарбар гирифт ва дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ назар ба гурӯҳҳои санҷишӣ хеле баландтар мебошад. Ғайр аз он, вазифаи 1 ва 2-ро ҳамаи донишҷӯёни гурӯҳҳои таҷрибавӣ ба иҷро расониданд. Дар

гурӯҳҳои санҷишӣ вазифаи 1-ро 3 нафар донишҷӯ (25 %) иҷро накард, вазифаи 2-ро бошад, 4 нафар донишҷӯ (33.3%) иҷро накардаанд. Ба ақидаи мо мушкилии аз ҳама зиёдро барои донишҷӯён, вазифаи 3 - тарҷумаи ҳамзамони диалог пеш овард, ки бо суръати миёнаи гуфтор сабт карда шуда буд. Аз рӯйи маълумоти ҷадвал дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ вазифаи 3-ро 2 нафар донишҷӯ (6,6 %) иҷро карда натавонист дар гурӯҳи 2 «а» ва 1 нафар донишҷӯ, дар гур. «б», дар гурӯҳҳои назоратӣ вазифаи 3-ро 6 нафар (50 %) иҷро накардаанд дар гур. 2 “б” ва 5 (38,4 %) дар гурӯҳи 2 «б».

Дар асоси ҷадвали 13 ва натиҷаҳои иҷрои тарҷумаҳои матнҳо аз рӯйи вақт (вазифаи 1 ва 2) ва тарҷумаи ҳамзамони диалог самаранокии истифодаи методикаи омӯзиши забони англисиро дар гурӯҳҳои забони тоҷикӣ ба таври аёнӣ тасдиқ менамояд.

Дарси дигари пешниҳодшуда аз рӯйи мавзӯи “Ҳолати табиат Шуморо ба ташвиш меорад?” ном дошт ва он бисёр ҷанбаҳои ташкили машғулиятро ба истифодаи технологияи омӯзишии ба шахсият нигаронидашударо таҷассум менамуд. Дарси мазкур ба мавзӯи озод бахшида шуда буд. Он дар курси 2 ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ гузаронида шуд.

*Мавзуъ:* Do you worried about nature?» (Ҳолати табиат Шуморо ба ташвиш меорад?);

*Мақсадҳои дарс:* ҷанбаи иҷтимоию фарҳангӣ – ошно шудан бо воқеият ва маҳфумҳо «Ecological problems» (Проблемаҳои экологӣ);

Ҷанбаи инкишофдиҳанда – инкишофи таффакури дедуктивӣ, хотираи фаврӣ, инкишоф додани маҳорати тасвияти хулосаҳо;

Ҷанбаи тарбиявӣ – ташаккул додани қобилияти идроки проблемаҳои экологӣ, таҳлили нақши инсон дар робитаи байниҳамдигарӣ бо табиат, зиёд кардани ғамхорӣ аз ҳолати экологӣ дар бораи муҳити зист;

Ҷанбаи омӯзишӣ – ташаккул додани малакаи гуфтор, хондан ва навиштан, инкишоф додани маҳорати шунидан ва фаҳмидан, дарки

муҳтавои матн, такмил додани тафаккури мустақилона ва инкишофи нутқ.

*Методҳои омӯзиш:*

- методи коммуникативӣ бо истифода аз ҳолатҳои бозӣ;
- кор бо маводи аудиоӣ ва видеоӣ;
- муносибати ба шахсият нигаронидашудаи омӯзишӣ;
- муносибати отифавию фаъолиятмандӣ.

*Аёниятҳо:* тасвирҳо дар мавзӯи экологӣ, лавҳаҳо бо номгӯи проблемаҳои экологӣ.

*Воситаҳои техникӣ:* дастгоҳи сабти овоз, теле-таҷҳизот.

***Рафти дарс.***

Қисми ташкилӣ.

Донишҷӯён садоҳои табиатро мешунаванд ва вобаста ба эҳсосоти худ тибқи саволҳо нақл мекунанд. «What do you feel hearing thes sounds?» (Ин садоҳоро шунида Шумо чиро ҳис мекунед?). «What can do you imagine?» (Шумо чиро тасаввур карда метавонед?)

Донишҷӯён порчаи филмро дар бораи табиат тамошо карда, ба саволи «What do you feel about watching the film?» (Ҳангоми тамошои филми мазкур шумо чиро ҳис мекунед?) ҷавоб медиҳанд.

Омӯзгор ба донишҷӯён тасаввур кардани табиатро пешниҳод менамояд. Бозӣ-тамрин (зери садои мусиқӣ): тасвир намудани амалҳои феълҳои пешниҳодшуда.

Омӯзгор ба донишҷӯён пешниҳод мекунад, ки аз рӯйи расмҳои дидаашон ба савол ҷавоб диҳанд «What"s happening with nature ?» (Бо табиат чи рӯй медиҳад?).

Муаррифии проблемаҳои экологӣ аз ҷониби омӯзгор: Endangered animals -ҳайвоноти нодир: air pollution - олудашавии ҳаво, water pollution - олудашавии об, deforestation – буридашавии ҷангалҳо (Истифодаи тасвирҳо) мухтасар тавсиф дода мешаванд.

Посух ба саволҳо «Are you worried about ...? Why (Шуморо... ба ташвиш меорад? Барои чӣ?). Донишҷӯён дар бораи ҳар як проблемаи экологӣ изҳори назар мекунанд.

Амали донишҷӯён ҳангоми шунидан ва посух ба савол «What is he /she worried about?» (Ӯро чӣ ба ташвиш меорад?). Онҳо дар сабти аудиоӣ ақидаи наврасону ҳамсолони худро аз дигар мамлакатҳо мешунаванд ва ба саволҳо ҷавоб мегӯянд.

Тамошои филм ва ҷавоб ба саволҳо «What's the problem? How can we help to solve this problem?» (Кадом проблема? Чӣ тавр мо метавонем дар ҳалли ин проблема кӯмак расонем?).

Баррасӣ дар гурӯҳҳо.

Кори дунафарӣ аз рӯйи кортҳо ва муҳокимаи он.

Ҷавоб ба савол «How we can help our planet? What can you personally do?» (Чӣ тавр мо метавонем ба сайёраи худ кӯмак намоем? Шахсан Шумо чӣ кӯмак карда метавонед?)

Аёният яке аз муҳимтарин принсипҳои дидактикӣ ба шумор меравад. Истифодаи васоити аёнӣ барои иҷрои вазифаҳои омӯзишӣ, сафарбарии фаъолнокии равонии донишҷӯён, ворид намудани навгонӣ ба раванди таълим, зиёд намудани шавқу рағбат нисбат ба дарс, афзудани имконият дар ёдгирии ғайриихтиёр ва ғайраҳо кӯмак мерасонад. Воситаҳои аёниро мо шартан ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудем: аёнияти биноӣ, шунавоӣ, биноӣ-шунавоӣ.

Воситаҳои аёнии биноӣ маводҳои чопиро дар бар мегиранд (ҷадвалҳо, кортҳо, расмҳо, маводҳои тақсимшаванда) ва маводҳои намоишӣ дар экранҳо (диафилмҳо, слайдҳо, лавҳаҳо ва ғайра). Воситаҳои аёнии шунавоӣ - қартаҳои овозӣ (грампластинкаҳо) ва сабти магнитофониро дар бар мегиранд.

Ба воситаҳои аёнии биноӣ-шунавоии омӯзиш бо истифодаи воситаҳои экрану овозӣ (диафилмҳо бо ҳамроҳии овоз, наворҳои омӯзишӣ, кинофилмҳо ва ғайра) мансубанд.

Методикаи истифодаи кинофилм ҳамчун воситаи самараноки инкишофи нутқ ҷустуҷӯй ва иҷро намудани чунин корҳоро дар назар дорад, ки хусусияти аёниятҳои экраниро инъикос менамоянд ва ба таҷрибаи воқеии нутқии донишҷӯ нигаронида шуда бошанд. Он ба иҷрои вазифа ва дарк намудани муҳтавои филм вобастагӣ дорад. Дар баъзе маврид филм дар асоси матне таҳия карда шудааст, ки ба донишҷӯён шинос мебошад. Мумкин аст якчанд намуди филмро бо тарзи гуногун тамошо кард: филмро бидуни овоз тамошо карда, дар рафти тамошо онро бо истифода аз матни қаблан азёдшуда шарҳ дод, ё ки филмро тамошо кард ва овозро шунида ва баъдан роҷеъ ба мазмун ва муҳтавои он саволу ҷавоб гузаронид; ё ки филмро дар бораи диёр ё шаҳри худ тамошо карда аз рӯйи он сайри илмӣ (экскурсия) гузаронид ва ғайра.

Ба ақидаи мо арзиши методии ин намуди корҳо, аз он иборат аст, ки он қобили қабул будани мушаххаси мулоҳизаро пешбинӣ менамояд, яъне ба нутқ самтнокии иртиботиро илова мекунад, донишҷӯёнро бо фаъолнокии нутқӣ ҳавасманд месозад. Дар дарсҳо мо тартиб додани матни муфассали тавзеҳиро истифода мебарем, инчунин онро бо тамошои кинофилм, аксҳо пурра менамоем ё ҳатто стоп-кадрро анҷом дода шуд.

Ҳангоми таҳияи методикаи мазкур ба муқарраротӣ зерин такя намудем:

- қабл аз нишон додани филм сӯҳбати муқаддамотӣ гузаронида шуд;
- ҳангоми баррасии филм ба таассуроти аввалӣ бо васеъ ва мустаҳкам намудани тасаввуротҳо самтгирӣ намуда шуд.

Мо боварӣ дорем, ки суҳбати пешакӣ таҷрибаи ҳаётии донишҷӯёнро сафарбар мекунад, ҳолати проблемавии хосро ба вуҷуд меорад. Он дар назди донишҷӯён мушкилотро мегузорад ва онҳоро ба ҳалли он равона месозад.

Ҳангоми тамошои филм чунин маҳоратҳо, аз қабили шунида дар хотира нигоҳ доштан таъмин гардида, ҳангоми гуфтор нутқ инкишоф дода шуд.

Шунидан ҳамчун гӯш кардану дарк намудани нутқи забони хориҷӣ яке аз ҷузъҳои фаъолияти нутқӣ мебошад ва дар омӯзиши иртибот ва муоширaт нақши муҳим дорад. Дар раванди омӯзонидани донишҷӯ ба гӯш намудан ва дарк кардани мазмуни нутқи англисӣ - мақсади асосии шунидан мебошад. Қабул намудани нутқи шифоҳӣ бо роҳи шунидан тавассути кори муштараки таҳлили фаъолияти узвҳои шунавоӣ ва нутқию ҳаракатдиҳандаи имконпазир аст. Инсон гӯш карда, чизи қабулшавандаро фикран такрор мекунад. Ҳамин тавр, шунидан ба беҳтаршавии маҳоратҳои гуфтор, хониш ва хат мусоидат менамояд, бинобар ин, маҳз тавассути ин маҳоратҳо бояд кор оид ба омӯзиши забони англисӣ оғоз гардад [158].

Телевизион ҳангоми омӯзондани шунидан ва фаҳмидани матнҳо дар дарсҳои забони англисӣ зарур аст. Зеро телевизиони таълимӣ воситаи аудиовизуалии таълим буда, баррасии иттилоот, имконият ва самаранокии истифодаи он барои инкишофи малакаҳои шунидан дар заминаи такя намудан ба кори узви биноӣ мантиқан алоқаманд мегардад. Ин малака худ аз худ пайдо намегардад, онро бо роҳи омӯзиши тамринӣ бояд инкишоф дод.

Кинофилмҳо ва маводҳои телевизионии таълимӣ дар ҳамаи марҳилаҳои омӯзиши забон зарур мебошанд. Чунки кулли онҳо ба шаклгирии қобилияту маҳорат, малакаҳои коммуникативӣ-нутқӣ мусоидат менамоянд.

Донишҷӯён бояд муҳтавои маводи омӯзиширо аз худ намоянд, онро ба сарвати тафаккури худ табдил диҳанд. Пеш аз ҳама, мазмуни маводи таълимӣ соҳаи маърифатию ҳавасмандкунии шахсиятро ташаккул ва инкишоф медиҳад, тамоюли ҷаҳонбинию арзишӣ ва мавқеи ҳаётиро таҳия менамояд. Аз сохтори мазмуни маводи таълимӣ ҷанбаи фаъолияти омӯзишӣ вобастагӣ дорад, ки идрок ва қабули маълумот ба азхудкунии муҳтаво равона карда шудааст. Бо воситаи сохтор мутобиқати фаъолияти зеҳнӣ ба мазмуни маводи таълимӣ ва мақсадҳои омӯзиш муқаррар карда

мешавад. Аз ин лиҳоз, проблемаи фаҳмондадиҳии мазмуни мавод, тарзи баён ва сохтори он бояд дар психологияи педагогӣ бо таври ҷиддӣ коркард шавад, ки афзоиши дониш ва инкишофи таълимгирандаро таъмин менамояд, Муассисаи таълимии олӣ таҳсилоти касбиро таъмин намуда, донишҷӯро ҳамчун шахсияти аз лиҳози зеҳнӣ, ахлоқӣ ва ҷисмонӣ омодашуда инкишоф медиҳад, тайёрии шахсию иҷтимоии ӯро чун омӯзгори забони англисӣ таъмин месозад.

Телевизион барои таъмин намудани сохтори мукаммал маводи таълимиро омода намуда роҳҳои ҷалб кардани диққати тамошобинонро ба нутқронии мантиқӣ, маҷмӯи образҳои намоишӣ ва ғайраҳо истифода мебарад. Телевизион ба муассисаи таълимии олӣ дар омӯзиши забони англисӣ бояд кӯмак намояд, зеро он имкон медиҳад, ки мушкилоти зиёдеро дар бартарафсозии нуқсони талаффуз, оҳанги овоз, услуби гуфтор бартараф карда метавонад. Силсилаи барномаҳои телевизионӣ ба омӯзгор имкон медиҳад, ки масъалаҳои муҳим ва доғи маънавиро ба миён гузорад. Самаранокии барномаҳои телевизионии таълимӣ санҷида шудаанд ва дар таҷрибаи оммавии омӯзишӣ тасдиқ гардиданд.

Дар асоси таҳлили раванди таълим бо истифода аз синамо принсипҳои муносибати низомнок нисбат ба омӯзиши объектҳои мураккаб, ки барои низомҳои педагогӣ аз ҷониби Е.П. Кирилова ва Б.Т. Лазерева таҳия шудааст, ҷолиб мебошад. Чунин муносибат баррасии самаранокии филми таълимиро ҳамчун натиҷаи фаъолияти омӯзишии дорои робитаи мутақобилаи омӯзгор ва фаъолияти маърифатии донишҷӯ дар назар дорад, ки бо муҳтавои маводи омӯзишӣ муттаҳид карда шудаанд. Мақсади истифодаи синамо – ин амалӣ намудани принсипи аёният ва мақсади ниҳоии машғулияти таълимӣ бо истифода аз он аз худ кунондани дониш, маҳорату малакаҳои коммуникатсионӣ-нутқӣ мебошад. Филми таълимӣ ҳамчун синамо-аёният муайян карда мешавад, ки аз рӯйи муҳтаво ба барномаи таълимӣ мутобиқат намуда, талаботи дидактикаро қонеъ намояд.

Дар марҳилаи муосири инкишофи педагогика ошкорсозии таркибии мӯҳтавои меъёрҳои самаранокии дидактикӣ аз рӯйи нишондиҳандаҳо имконпазир аст. Дар дарс инчунин истифодаи муштараки методи шифоҳӣ бо аёният самаранок мебошад. Филми таълимӣ дар ин ҳол ба воситаи таълимӣ ва методи “фаъоли” аёнӣ дохил мешавад. Он нақши педагоги бавоситаро иҷро менамояд.

Самаранокии дидактикии филми таълимӣ на танҳо бо меъёрҳои “берунӣ”-и самаранокӣ, балки меъёрҳои “дохилӣ” низ арзёбӣ мегардад.

Арзёбии самаранокии филми таълимӣ дар асоси меъёрҳои интихобшуда амалӣ мегардад. Интихоби ҷузъҳои муҳимтарини самаранокии филми таълимӣ вобаста ба баррасии филм ҳамчун низоми иттилоотӣ амалӣ карда мешавад. Истифодаи филм дар дарс ба мустаҳкам гардидани донишҳо мусоидат менамояд. Нишондиҳандаҳои асосии самаранокии филми таълимӣ иборат аз самаранокии филми таълимӣ ва меъёрҳои интегралии он мебошад.

Филми таълимӣ дорои меъёрҳои зерини самаранокӣ, ба монанди нишондиҳандаи сифати донишҳо, ифодакунандаи мустаҳкамии бахотиргирӣ, муайянкунандаи сарфаи вақти таълимӣ ва ғайраҳо мебошад. Филми таълимӣ ҷузъи сохтории низоми педагогӣ аст ва танҳо бо мақсади муайян истифодаи он ҳамчун воситаи иртиботи педагогӣ шуда метавонад.

Филми таълимӣ аз низоми самараноки бисёрфунксионалӣ буда, дар он имкониятҳои фаъолсозии фаъолияти маърифатии донишҷӯ, идоракунӣ ва муассирсозии раванди таълим нуҳуфта мебошанд. Самаранокии истифодаи филми таълимӣ бо ташкили сохтори дарсҳо ва тарзи истифодаи он робитаи зич дорад. Муваффақияти машғулият дар он ҳолат ба даст меояд, ки агар педагог, бо истифодаи муштараки ҳамаи шакл ва намудҳои аёният, ҳамчун воситаи таъсиррасонии психологию педагогӣ ба толибилмон муносибат намуда, бо ёрии онҳо ҳамаи усули дидактикиро амалӣ намояд ва фаъолнокии ҳадди аксари фаъолияти маърифатии толибилмонро ба даст оварад. Дар курси 2 ДДЗТ ба номи Сотим

Улуғзода филми «Саёҳат дар Англия» намоиш дода шуд. Баъд аз тамошои филм ба донишҷӯён пешниҳод гардид, ки дар бораи он чӣ, ки дар филм дидаанд, бо истифода аз ибораҳои зерин: to go sightseeing, to be as tourist, introducing with other ҳикоя тартиб диҳанд.

Меъёри самараноки истифодабарии воситаҳои таълим тавассути натиҷаи фаъолияти омӯзишии мансуббуда бо маҷмӯаи хароҷот ва меҳнати сарфшуда арзёбӣ мегардад. Муҳимтарин ҷузъиёти самаранокии филми таълимӣ нишондиҳандаи болоравии сифати таълим, мустаҳкамии бахотиргирӣ ва сарфаи вақти таълимӣ мебошад.

Дар марҳилаи ҷомеаи рушдкарда проблемаи омода намудани насли наврас ба меҳнати мустақилонаи эҷодии барои ҷомеа манфиатбахш яке аз муҳимтарин проблема дар низоми таълиму тарбия ба ҳисоб меравад.

Аз ин лиҳоз, проблемаи ҷалби ҳамарӯзаи донишҷӯён ба кори фаъоли мустақилона, ҷалб намудан ба корҳои ҷустуҷӯӣ-эҷодӣ, иҷро намудани амалиётҳои арзишманди зеҳнӣ, ки барои ташаккули малакаи меҳнатии мустақилона мусоидат менамояд, басо муҳим мебошанд. Азбаски дарс шакли асосии кори таълиму тарбиявии донишҷӯён мебошад, маҳз дар онҳо бояд асосҳои меҳнатдӯстӣ ва кори мустақилона гузошта шавад.

Селаи бузурги иттилооте, ки донишҷӯ ҳангоми кор кардан бо матбуоти даврӣ: шунидани радио, тамошои барномаҳои телевизионӣ ба даст меорад, на ҳамеша дуруст пазируфта ва идрок карда мешавад. Ба донишҷӯён омӯзонидани самтгирии дуруст дар иттилооти зиёд, ба кори мустақилона ба таври доимӣ шомил намудани онҳо бо истифода аз воситаҳои техникии таълимӣ, ворид намудани маводи дидактикӣ ва дигар сарчашмаҳои донишро тақозо менамояд, ки миёни онҳо мақоми муҳимро аёниятҳои намоишӣ дар экран касб намояд, зеро онҳо дорои имкониятҳои васеи дидактикӣ буда, қариб дар ҳамаи кафедраҳои муассисаҳои таҳсилоти таълимии олии касбӣ мавҷуд мебошанд.

Дар таҳқиқоти илмии олимони соҳаи педагогика, аз қабили С.И. Архангелский, В.П. Волинский, Л.И. Зилберман, Е.П. Кириллова

таъиноти аёниятҳои экранӣ мавриди пажӯҳиш қарор дода шуда, имконоти дидактикии онҳо ошкор ва шароити таъминкунандаи натиҷаҳои баланди кори таълимӣ бо истифода аз маводи экранӣ муайян карда шудаанд. Хулосаҳои муҳим дар бораи таъсири аёниятҳои экранӣ ба сохтори дарс, мукаммалгардонии ташкили раванди таълимӣ баровара шудаанд. Ғайр аз ин, бисёр методҳои истифодаи аёниятҳои экранӣ дар раванди омӯзиши маводи нав, дар марҳилаи мустаҳкамкунии он, дониш, маҳорату малакаҳои донишҷӯён, бо мақсади назорату баҳодиҳӣ ба онҳо таҳқиқ гардидаанд [56-33;79-43].

Филми таълимӣ ҳангоми омӯзиши ҳар гуна фан ва маводи таълиму тарбиявӣ истифода мешавад. Ҳангоми кори таҳқиқотӣ дар ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода филм дар бораи диёри азиз бо забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ намоиш дода шуд. Ҳангоми тамошои филм ба баъзе ҷузъиётҳо равшанӣ андохта шуданд. Ба монанди оё ҳамаи иттилоот бо ҳар ду забон мавҷуд буд, оё ҳангоми пешниҳоди ин ё он иттилоот ба иштибоҳҳо роҳ дода шудаанд. Ифодаҳо бо ҳарду забон тавзеҳ ва муқоиса карда шуданд? Истифодаи филм дар дарсҳо ба мустаҳкамшавии дониш, беҳтар азхудкунии мавод, зиёдшавии таваҷҷӯҳи донишҷӯён ба ҳаёти одамон, кишвар ва мардуми он, зебоиҳои табиат, ёдгориҳои таърихӣ ва ғайраҳо ҷалб карда шуд, ки онҳо рушди тафаккури мустақилона ҳангоми баррасӣ ва изҳори ақида, ба инкишофи маҳорати нутқӣ мусоидат менамоянд.

Ҳангоми омӯзиши забони англисӣ бисёр донишҷӯён садди психологиро эҳсос менамоянд, ки рафъи он басо мушкил мебошад. Дар дарсҳо омӯзиши якҷояи дастаҷамъироро истифода намуда, бо ҷалб намудани онҳо ба фаъолияти таълимии гурӯҳӣ мо ба толибилмон эътимод медиҳем.

Ҳангоми кор дар гурӯҳҳо захираи луғавии донишҷӯ бой мегардад. Дар чунин методи таълим нишонаҳои инкишофи тафаккури таҷридӣ ва малакаи кори мустақилона падид меояд. Ҳатто донишҷӯёни сустхон ҳам бо забони хориҷӣ гуфтугӯро оғоз менамоянд. Тафаккур бо воситаи нутқ

инкишоф меёбад, аз ин лиҳоз фаъолияти гурӯҳӣ таҷрибаи нутқиро пурзӯр менамояд. Донишҷӯён гуфтаҳои якдигарро бо диққат гӯш мекунанд, норасоиҳоро муваффақона ислоҳ менамоянд, савол медиҳанд, хатоҳои нутқӣ-грамматикиро бартараф месозанд.

Донишҷӯён ҳангоми кор бо маводи забонӣ хусусиятҳои овозӣ-фонетикии ҳар як мафҳуми нав, сермаъноии вожаҳоро коркард мекунанд. Тадриҷан, мафҳуми асосӣ бо истифодаи калимаҳо, ибораҳо мукаммал мегардад, ки муҳтавои асосии мавзӯъро ошкор мекунад. Ҳар як мавзӯъ ҳамчун кор аз болои лоиҳаҳои "Душанбе шаҳри гулҳо", "Донишгоҳи мо", "Таътил", "Лондон" ва ғайра пешниҳод карда мешаванд.

Афзалияти асосии чунин тарзи омӯзиши забони англисиро мо аз инҳо иборат медонем:

- Малакаҳои тафаккури мантиқӣ ва идрок дар натиҷаи машқҳои пайваста такроршаванда инкишоф меёбанд;
- Малакаҳои тафаккури мантиқӣ-нутқӣ ва таҷдидӣ инкишоф меёбад ва сафарбаркунии онҳо ба азхудкунии донишҳои нав ба амал меояд;
- Ҳангоми ёдгирӣ, ё худ азхудкунии забони англисӣ ҳамаи намудҳои хотира иштирок менамоянд;
- Ҳар як донишҷӯ худро дар муошират озод ҳис мекунад;
- Масъулияти донишҷӯён на танҳо барои муваффақиятҳои худ, балки барои натиҷаҳои кори умумӣ баланд мегардад;
- Худбаҳодиҳии шахсият, қобилияту маҳорат, имконот ва эътибори шахсӣ ташаккул меёбад;
- Азхудкунии мустаҳками мавод аз ҳисоби баррасии мавод бо якчанд нафар ҳамшарикон таъмин карда мешавад;
- Донишҷӯён арзишмандии худ ва сифатҳои шахсиашонро дарк менамоянд, ки онҳо шарти муҳими инкишофи худэҳтиромнамоӣ ва ташаккули ҳиссиёти арзишмандии шахсӣ мебошад;
- Дар донишҷӯён сохторҳои грамматикӣ, маводи лексикӣ, ки онҳоро меомӯхтанд ва аз нав меомӯзанд, фаъол мегардад ва такмил меёбад;

- Ҳамаи намуди машқҳо ба инкишофи тахайюлот, огоҳшавӣ аз хусусиятҳои овозӣ, лексикӣ ва грамматикии забони англисӣ равона карда мешаванд.

Дар гурӯҳҳо доир ба лоиҳаҳо чунин намудҳои кор мавриди истифода қарор гирифтанд:

*Марҳилаи 1:*

- шиносоӣ бо мафҳумҳои калидӣ;
- шунидан ё хондану шиносоӣ бо матн муаалиқ ба мавзӯи лоиҳа;
- санҷиши дарки иттилооти қабулшаванда;
- коркарди фонетикии луғат;
- ба таври схемавӣ нишон додани мафҳумҳои калидӣ ва мафҳумҳои ҳамрадиф;
- ташкил додани ҳолатҳои шартию нутқии бозиҳои нақшофарӣ;
- кори хонагии инфиродӣ.

*Марҳилаи 2:*

- муаррифӣ ва шарҳу тафсири иттилооти аз ҷониби донишҷӯён ҷамъоваришуда;
- ташкил додани ҳолатҳои нави нутқӣ дар асоси маводи омӯхташаванда.

Ҳангоми ин гуна омӯзиш малакаву маҳоратҳои ташаккулёфта бомуваффақият ба нутқи шифоҳӣ интиқол меёбанд. Бояд дар дарсҳо баррасии ҳамон мавзӯъҳоро ба роҳ монд, ки ба синну сол ва шавқу рағбат, сатҳи инкишофи донишҷӯён мутобиқат намоянд. Омӯзгор бояд истифодаи ҳамон воситаҳои нутқиро таъмин намояд, ки дар муошırати воқеии забонӣ амал мекунанд. Ҳамаи марҳилаҳои кор мавзӯъ бояд бо сужаи ягона муттаҳид гардонида шаванд. Чунин шакли кори гурӯҳӣ самаранок аст ва ҳангоми омӯзиши нутқи диалогӣ, ки дар он донишҷӯён ҳангоми коркарди ҳолат ва муошırати озод иштирок менамоянд, амалӣ карда мешавад.

Ҳангоми кори таҷрибавию озмоишӣ мо навъҳои зерини вазифаҳо ва машқҳоро истифода намудем:

- машқҳо-бозиҳо, ки шавқу рағбатро нисбат ба омӯзиши забони англисӣ инкишоф медиҳанд;
- машқҳое, ки ба инкишофи тафаккури эҷодӣ равона карда шудаанд;
- машқҳое, ки ба инкишофи тафаккури мустақилона равона карда шудаанд;
- машқҳо барои суръатбахшии тафаккур, ки тарҷумаи ҳамзамонро таъмин менамоянд;
- машқҳое, ки ба инкишофи фарҳанг, меҳр ба Ватан, худшиносӣ, инсонгароӣ ва дигар сифатҳои шахсии ахлоқӣ равона карда шудаанд.

Натиҷаҳои кори таҷрибавию озмоишӣ дар ҷадвали 14 оварда шудаанд.

***Ҷадвали 14***

| **Гурӯҳ, шумораи донишҷӯё** | **Шаклҳо и вазифаҳ** | **Натиҷаҳои иҷрои вазифа** | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **Пурра иҷро намуданд** | | **Пурра иҷро нанамуданд** | | **Қисман иҷро намуданд** | | **Иҷро нанамуданд** | |
| Гурӯҳҳои таҷрибавӣ, 158 нафар | 1 | 64 | 40,7% | 49 | 30,8% | 38 | 24% | 7 | 4,5 % |
| | 2 | 59 | 37,2% | 57 | 36,2% | 37 | 23,4% | 5 | 3,2 % |
| | 3 | 72 | 45,4% | 52 | 32,7% | 30 | 19,3 | 4 | 2,6% |
| | 4 | 69 | 43,5% | 54 | 34,1% | 27 | 17,2% | 8 | 5,2 % |
| | 5 | 67 | 42,1% | 47 | 29,8% | 38 | 24,3% | 6 | 3,8 % |
| Гурӯҳҳои санҷишӣ, 141 нафар | 1 | 30 | 21,3% | 39 | 27,6% | 48 | 33,8% | 24 | 17,3% |
| | 2 | 25 | 17,6% | 44 | 31,4% | 37 | 26,2% | 35 | 24,8% |
| | 3 | 21 | 14,8% | 41 | 29,5% | 39 | 27,6% | 40 | 28,1% |
| | 4 | 16 | 11,3% | 30 | 21,1% | 35 | 25,1% | 60 | 42,5% |
| | 5 | 27 | 19,2% | 39 | 27,4% | 28 | 19,9% | 47 | 33,5% |

Тавре, ки аз ҷадвал дида мешавад, сатҳи иҷрои вазифаҳо аз тарафи донишҷӯёни гурӯҳҳои таҷрибавӣ нисбат ба донишҷӯёни гурӯҳҳои санҷишӣ хеле баландтар аст ва ин самаранокии методи таҳиякардаи моро оид ба омӯзиши забони англисӣ тасдиқ менамояд.

Ҳамин тариқ, ҳангоми банақшагирӣ ва гузаронидани дарс бояд шахсияти ҳар як донишҷӯ ба ҳисоб гирифта шавад, то ки дар ҷараёни дарс ҳамаи онҳо ба фаъолияти таълимӣ ҷалб шуда бошанд. Ҳар қадар ки методҳои омӯзишӣ гуногун бошанд, ҳамон қадар фардияти шахси донишҷӯ, қобилиятҳои инфиродӣ, донишҳои дар вақти омӯзиши забони англисӣ бадастовардаи ӯ осонтар кашф мегардад. Бо истифода аз усулҳои гуногуни таълимӣ хусусиятҳои инфиродии донишҷӯ боз мегардад ва ин имконият медиҳад, ки минбаъд донишҳои андӯхтаи ӯ дар раванди омӯзиши забони англисӣ ташаккул ёбад.

## Хулосаи боби дуюм

Натиҷаҳои кори таҷрибавӣ-озмоишии ташаккулдиҳанда, ки аз ҷониби мо гузаронида шуд, ба мо асос медиҳанд бигӯем, ки донистани забони модарӣ ба дониш, малака ва маҳорати азхуднамоии забони англисӣ таъсири хуб мерасонад. Ин таъсиррасонӣ хусусияти тарафе дорад: ҳангоми аввало, бо маънои пурра он метавонад ба азхуднамоии забони англисӣ мусоидат намояд ва сонияи он ба азхудкунии забони англисӣ мусоидат намуда ҳангоми интерференсия онро мураккаб сохта метавонад, ба он монеа ба вуҷуд орад.

Падидаи гузариш дар азхудкунии забони англисӣ ҳангоми айнияти пурра ё ҷузъии воситаҳои забонӣ миёни забонҳои робитадошта мушоҳида мешавад.

Дар чунин ҳолатҳои гузариши мусбат қоидаву меъёрҳои забонӣ метавонад ҳамчун омили ҳавасмандкунанда ҳангоми ташаккули малакаҳои нави забони хориҷӣ истифода бурда шавад, зеро барои азхудкунии воситаҳо ва одатҳои истифодабарии қойдаву меъёрҳои забонӣ ба донишҷӯ зарурии масрафи иловагии нерӯро ба миён намеорад. Онро дар кӯтоҳтарин муддат бо масрафи камтарини қувва муваффақиятро ба даст овардан мумкин аст. Малакаи пешина ҳангоми коркард гардидани малакаи нав ба он таъсири мусбат мерасонад.

Моҳияти интерференсия аз он иборат аст, ки дар раванди омӯзиши забони англисӣ донишҷӯ барномаи рафтори нутқиро, ки дар забони модарӣ мустаҳкам кардааст дар як вақт, ба забони барои ӯ нав мегузаронад ва нутқи забони хориҷии худро аз рӯи меъёрҳои забони модарӣ танзим менамояд.

Мо инро бо он тавзеҳ медиҳем, ки дар оғози омӯзиши забони англисӣ, дар донишҷӯ қолабҳои муайяни дониши забони модарӣ аллакай коркард шудаанд, ки онҳоро ӯ ғайримуташаккил ба забони англисии омӯхташаванда мегузаронад. Донишҷӯ забони англисиро дар асоси малака ва маҳоратҳое, ки дар маводи забони модарӣ коркард шудаанд,

дарк менамояд ва он ба зуҳуроти як қатор хатоҳои ба ҳам монанд дар нутқи забони хориҷӣ оварда мерасонад.

Пажӯҳиши мо нишон медиҳад, ки ҳалли ин масъала имконпазир аст, вале на дар доираи танҳо донишҳо, балки дар низоми "дарс – иҷрои кори омӯзишии хонагӣ - шаклҳои корҳои мустақилона" амалӣ мегардад, ки ин масъала таҳлилу татқиқоти илмии махсусро талаб менамояд.

Бо мақсади беҳтар намудани раванди омӯзиш ба омӯзгор зарур аст, ки таъсири забони модариро дар робита ба забони омӯхташавандаи англисӣ ба инобат гирад, нуқтаҳои тамоси забонҳои робитакунандаро ба таври амиқ бидонад, ки ба гузариши донишҳо, маҳорату малакаҳо аз забони модарӣ ба забони англисӣ мусоидат намояд. Инчунин омилҳое, ки дар азхудкунии забони англисӣ, ба сабаби таъсири интерференсияи забони модарии донишҷӯ мушкилот пеш меорад, мушаххасан дарк намояд.

Дар ҷараёни кори таҷрибавию озмоишӣ дар маркази диққати таҳқиқоти мо масъалаҳои такмилдиҳии муҳтаво ва методҳои таълиму тарбияи донишҷӯён дар дарсҳои забони англисӣ қарор доштанд. Аз ин рӯ ҷустуҷӯи роҳҳои такмилдиҳии муҳтавои таълим дар ду самт: аввалан, ин бозбинӣ, тадқиқ, ислоҳу тасҳеҳи муҳтавои омӯзиш дар маҷмӯъ ва ҷузъҳои он дар доираи нақшаи мавҷудаи таълимӣ; сонияи, тарҳрезӣ намудани муҳтавои омӯзиши забони англисӣ амалӣ карда шуданд, ки иҷрои ин амал имконият дод корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ташкил гардад.

Тасвиби таҷрибавию озмоишии методикаи омӯзиши забони англисӣ дар заминаи забони модарӣ дар муассисаҳои таълимии олии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода таҷриба карда шуд. Ҳамагӣ дар таҷриба 270 нафар донишҷӯён фаро гирифта шуда буданд муайян намудем, ки яке аз воситаҳои ташаккулдиҳии қобилиятҳои коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён истифодаи технологияи муосири иттилоотӣ дар дарсҳо шуда метавонанд.

Технологияҳои пешрафтаи замонавии омӯзишӣ, аз ҷумла иҷрои корҳои мустақилона: машқҳои махсус; истифодаи кортҳо, расмҳо, тасвирҳои сюжетнок; сӯҳбат; адабиёти бадеӣ; матнҳои махсус; иҷрои супоришҳо; шунидани мусиқӣ; бозиҳои дидактикии шифоҳию нақшофарӣ; маводҳои намоишӣ – кинофилмҳо, телевизион; тарҷумаи ҳамзамон (синхронӣ) ва ғайраҳо дар ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён нақши муҳим доранд.

Таҳқиқоти таҷрибавию озмоишӣ нишон доданд, ки афзалияти методикаи омӯзишии таҳиянамудаи мо дар он аст, ки он таъсиррасонии забони модариро ба забони омӯхташавандаи англисӣ ба ҳисоб мегирад.

## ХУЛОСАИ УМУМӢ

Тавре ки натиҷаҳои пажӯҳиши мо нишон доданд, яке аз муҳимтарин самтҳои такмили муҳтавои таҳсилотӣ робитаи мутақобила дошта оид ба омӯзиши забони англисӣ дар курсҳои 1-2 муассисаҳои таълимии олӣ таҳияи методикаҳои замонавии омӯзиши забон бо корбурди технологияҳои нави асосёфта ба истифодаи воситаҳои таълимию техникӣ мебошад.

Муносибати методологие, ки дар пажӯҳиш амалӣ карда шуд, ба мо имконият дод роҳҳои бештар қобили қабулро вобаста ба такмилдиҳии омӯзиши забони англисӣ дар курсҳои 1-2 муассисаҳои таълимии олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – омӯзиши забони англисиро дар заминаи забони тоҷикӣ мусоидат менамоянд, ошкор карда шавад.

Афзалияти методикаи аз тарафи мо пешниҳодшавандаи омӯзиши забони англисӣ аз он иборат аст, ки таҳлили қиёсии лингвистии забонҳои модарӣ ва англисӣ имкон медиҳад, муносибсозии омӯзиши забони англисӣ муяссар гардад. Методикаи мазкур мушкилоти донишҷӯёнро дар азхудкунии забони англисӣ ба инобат гирифта, сабабҳои хатоҳои хосро ошкор мекунад ва он имкон медиҳад, ки роҳҳои бештар оқилонаи бартарафсозии хатоҳоро коркард гардонда, вақти зиёд ва талошҳое, ки дар омӯзиши забони англисӣ масраф мешаванд, коҳиш дода шаванд.

Татбиқи методикаи омӯзиши забони англисӣ дар заминаи забони тоҷикӣ дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ ба болоравии натиҷанокии омӯзиши забони англисӣ мусоидат намуд.

Аз тарафи мо муайян карда шуд, ки азхудкунии низоми забони дигар бо роҳи гузариш, тасҳеҳу ислоҳ, ташаккули маҳорату малакаҳои нав ҷараён мегирад.

Муайян карда шуд, ки бо мақсади беҳтар намудани раванди омӯзиш омӯзгор бояд таъсири забони модариро ба забони омӯхташавандаи англисӣ ба инобат гирад, нуқтаҳои баҳамоии забонҳои дар тамос бударо мушаххасан бидонад, ки ба гузаронидани дониш, маҳорату малакаҳо аз

забони модарӣ ба забони англисӣ мусоид менамоянд, инчунин омилҳоеро муайян созад, ки дар азхудкунии забони англисӣ бо сабаби таъсири интерференсияи забони модарии донишҷӯён мушкилот ба вуҷуд меоваранд.

Воситаи муҳим дар пешгӯии мушкилот дар азхудкунии нутқи забони англисӣ, таҳлили лингвистии қиёсии низомҳои забонҳои модарӣ ва англисӣ мебошад, ки маҳз он ба омӯзгор имкон медиҳад пешбинӣ намояд, ки кадом падидаҳои грамматикии забони модарӣ барои гузариш мусоидат мекунад ва кадоме аз онҳо сабаби интерференсия мегарданд. Маҳз аз ҳамин лиҳоз, қиёси сирфан лингвистикӣ асосе мебошад, ки бидуни он қиёси илмӣ бо мақсадҳои омӯзишӣ ғайриимкон мебошад.

Муносибати мутақобилаи забони модарӣ (тоҷикӣ) ва хориҷиро (англисӣ) барқарор намуда, таҳлили қиёсӣ ба интихоби усулҳои методӣ таъсир мерасонад, зеро барои донишҷӯёни гуногунмиллат ҳангоми омӯзиши худи ҳамон як мавод мушкилоти гуногун пеш меоянд, ки онҳо бо номувофиқатии хоси забонҳои модарӣ ва забони омӯхташаванда тавзеҳ мегарданд.

Ҷамъбасти натиҷаҳои корҳои таҷрибавию озмоишӣ, муқоисаи нишондиҳандаҳои аввалия ва ҷамъбастӣ, таҳлил ва натиҷаҳое, ки дар гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ ба даст омаданд, имконият доданд низоми аз ҷониби муаллиф коркардшудаи ташаккули кобилияти коммуникативию нутқии омӯзгориояндаи забони англисиро дар раванди таълими фанҳои тахассусӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ, натиҷагирӣ карда шаванд ва мувофиқи мақсад будани онҳо собит гардад.

**Дар хотимаи** таҳқиқоти анҷомгирифтаи илмӣ корҳои таҷрибавию озмоишӣ натиҷагирӣ ва тавсияҳои амалӣ пешниҳод карда шуданд. Маълумотҳои назариявӣ ва озмоишӣ имкон доданд, ки **хулосаҳои зерин** арзёбӣ карда шаванд:

1. Масъалаи ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён дар раванди таҳсилоти касбӣ талаби замон буда, он талаботи навро барои омодасозии кадрҳои омӯзгорӣ аз фанни забони англисӣ ба миён мегузорад ([М-1],[М-3],[М-4],[М-7],[М-8],[М-12],[М-14]).

2. Ошкор гардид, ки кори мақсаднок оид ба ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён дар раванди таҳсилоти олии касбӣ дар асоси амсилаи таҳиякардаи мо бо татбиқи шароитҳои педагогии номбаршуда бештар дараҷаҳои баланд ва миёнаи ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии мавриди пажуҳишро дар омӯзгорони ояндаи забони англисӣ таъмин месозад ([М-1],[М-2],[М-9],[М-11],[М-14],[М-16],[М-120]).

3. Муқаррар карда шуд, ки ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён дар раванди таҳсилоти олии касбӣ қисми ҷудонашавандаи омодасозии омӯзгори муосир мебошад, ки ӯ дар муҳити ҷомеаи бисёрфарҳангӣ кор ва зиндагӣ мекунад. Ин нуқтаро ба асос гирифта, мо моҳияти коммуникативию нутқии донишҷӯёнро тадқиқ намудем, ки он аз маҷмӯи қобилиятҳои идрок ва иҷрои фаъолияти коммуникативию нутқӣ дар шароити муассисаи таҳсилоти олии омӯзгорӣ ба дараҷаи кифоятан баланд иборат аст ([М-2],[М-3],[М-5],[М-8],[М-10],[М-16],[М-17]).

4. Таҳқиқот натиҷабахшии амсилаи таҳияшудаи ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯёнро дар раванди таҳсилоти касбӣ тасдиқ намуд, ки инҳоро дар бар мегирад: ҳадаф, принсипҳо, шаклҳо, усулҳо (муколамавӣ, коммуникативӣ, эвристикӣ-маърифатӣ, бозигӣ, усулҳои лоиҳасозӣ, амсиласозӣ), давраҳои асосӣ (муқарраркунанда, ташаккулдиҳанда ва ҷамъбасткунанда); натиҷа (дараҷаҳои ташаккулёбии муоширати: эҷодӣ, маҳсулнок, каммаҳсул) ([М-1],[М-4],[М-5],[М-7],[М-9],[М-13],[М-20]).

5. Аҳамиятнокии рушди қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён дар раванди таҳсилоти касбии муассисаи олии омӯзгорӣ бо он муайян карда шуданд, ки тамоюлҳои дидактикаи мактаби олӣ барои рушди комили шахсияти толибилмон ва омодагардонии онҳо ба кори

рақобатпазир дар вазъиятҳои зудҳаракатии байналмилалӣ ва ҳамгирой мувофиқ мебошанд ([М-1],[М-2],[М-7],[М-8],[М-10],[М-12],[М-16]).

6. Дар раванди омӯзиш амалӣ гардондани «Амалияи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ аз забони англисӣ», ки МТМ онро дар асоси технологияи кредитӣ-модулии таълим таҳқиқотчӣ таҳия кардааст, барои таъмини давра ба давраи ташаккулдиҳии қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён дар раванди таҳсилоти касбии муассисаи таҳсилоти олии омӯзгорӣ якҷоя бо қисмҳои таркибии он мусоидат намуда, интихоби шаклҳо ва технологияҳои мухталифи инфиродигардонӣ ва тафриқасозии таълимро амалӣ намуд ([М-3],[М-4],[М-7],[М-11],[М-12],[М-17],[М-20]).

7. Муайян карда шудааст, ки технологияи педагогӣ дар таълими забони англисӣ бо мақсади омодасозии муаллимони оянда ба ҳамкории педагогӣ дар ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён ҳамчун технологияи пешқадами шахсиятию фаъолиятмандӣ амал менамояд ва бар хилофи низоми анъанавӣ, ба сифати яке аз шароити самарабахши ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён дар раванди таҳсилоти касбии муассисаи таҳсилоти олии омӯзгорӣ ба ҳисоб меравад ([М-1],[М-3],[М-4],[М-7],[М-12],[М-15],[М-18]).

8. Дар ҷараёни корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ муқаррар карда шуд, ки натиҷаҳои баланди ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён дар раванди таҳсилоти касбии муассисаи таҳсилоти олии омӯзгорӣ дар натиҷаи амалисозии ҳамгироии фанҳо ҳангоми омӯзиши фанҳои тахассусӣ, таҳия ва ҷорӣ намудани курси «Амалияи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ аз забони англисӣ» ба даст меояд ([М-1],[М-4],[М-5],[М-9],[М-16],[М-17],[М-19]).

Дар асоси ҷамъбаст ва хулосаи натиҷаҳои таҳқиқот **тавсияҳои зерин** таҳия гардиданд, ки ба болоравии сатҳи қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён дар раванди таҳсилоти олии касбии педагогӣ дар асоси маводи омӯзиши забони англисӣ муассисаи таҳсилоти олии касбии педагогӣ дар асоси маводи омӯзиши забони англисӣ равона шудаанд:

